ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД: 33 тоҷик +331+336:34+63 тоҷик**

**ТКБ: 65.9(2 тоҷик)+65.240+67.405+4+41/42**

**Ю-90**

**ЮСУФЗОДА ИСМОИЛ УМАРАЛИ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

## Д И С С Е Р Т А Т С И Я

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва
меъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат ва демография)**

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Насиров Р

**ДУШАНБЕ-2026**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**.......................................................................**3**
**МУҚАДДИМА**.......................................................................................**4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРГОНӢ**.......................................................................**15**
1.1 Бозори меҳнат: моҳият, зарурият ва аҳаммияти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ.......................................................................................15
1.2 Асосҳои илмию методӣ, омилҳо ва нишондиҳандаҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ...................................................35
1.3 Хусусиятҳои хос ва масоили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ.......................................................................48
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕӢ ВА АРЗЁБИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**.......................................................................................**65**
2.1 Баҳодиҳии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ...................................65
2.2 Таҳлили муқоисавии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ.......................................................................................79
2.3 Ҳолати истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ.......................................................................................92
**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**.......................................................................................**108**
3.1. Ҳавасмандкунӣ-омили муҳимми баланд бардоштани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ.......................................................................................108
3.2 Самтҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ.......................................................................126
3.3. Танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ……….........……140
**Хулоса ва пешниҳодҳо…………………………………………...………157**
**Рӯйхати адабиёти истифодашуда……………………………...………160**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**БМТ** –Базаи моддӣ -техникӣ

**ВА-** Воситаҳои асосӣ

**ВГ**-Воситаҳои гардон (гардиш)

**ДУ**- Даромади умумӣ

**ИМА** -Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИДМ**-Итиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КТ**- Кооперативи тиҷоратӣ

**КОА** -Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КАС-** Комплекси агросаноатӣ

**КИТ**- Корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ

**ММ-** Маҳсулнокии меҳнат

**МЗ-** Меҳнати зинда

**МИ**- Меҳнати изофа

**МЛН**- Миллион

**ММД**- Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**НТМ**- Назорати техникии маҳсулот

**ФР**- Федератсияи Россия

**ФММ-** Фонди музди меҳнат

**ФҲИ-** Фонди ҳифзи иҷтимоӣ

**ҶТ**- Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуи мазкур дар меҳвари иқтисодиёти бозоргонӣ, махсусан дар доираи самти такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ мақоми хосеро дорост, арзёбӣ гаштааст. Масъалаи мазкур дар шароити имрӯза, ки иқтисодиёт бо таҳаввулоти пайваста дар бозорҳои молӣ ва пулӣ, аз ҷумла асъор рӯ ба рӯ мебошад, диққати хосро талаб мекунад. Омӯзиш, таҳлили ҳозираи иқтисодиёти бозоргонӣ дар чорабиниҳо ва тадбирҳои муайяншуда барои расидан ба мутаносибии системаи иқтисодӣ ва тараққиёти он мавриди баҳсҳои илмӣ-амалӣ гаштааст, вале аз нуқтаи назари муносибатҳои бозоргонӣ дар фаъолияти ниҳоии истифодабарии меҳнат камтар ба назар мерасанд. Назар ба он ки бозорҳои молӣ ва пулӣ бевосита аз фаъолияти бозори меҳнат вобастагии қавӣ доранд, зарур аст, ки муносибати мо ба ин бозорҳо тағйир ёбад. Афзалиятнокии бозори меҳнат бояд дар маркази диққат қарор гирад, зеро он асос ва бунёди тамоми бозорҳои дигар, аз ҷумла бозори молӣ ва пулиро ташкил медиҳад. Бе мавҷудияти қувваи кории самаранок ва боэътимод рушди иқтисодии устувор ва рақобатпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ғайриимкон хоҳад буд.

Самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ метавонад ба рушди мутавозини тамоми иқтисодиёт саҳм гузорад. Дар шароити муосири соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, ки соҳаи муҳим ва меҳнатталаб аст, ин масъала аз аҳаммияти хос бархӯрдор мебошад. Бе баланд бардоштани самаранокии равандҳои меҳнатӣ ва ворид намудани усулҳои нав ва пешрафтаи технологӣ дар истеҳсолот, расидан ба нуқтаҳои пешбинишуда ва дурнамои соҳаи кишоварзӣ имконнопазиранд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи робитаҳо миёни бозори меҳнат ва бозорҳои молӣ ва пулӣ барои муайян кардани роҳҳои беҳтарини истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, на танҳо аз назари иқтисодӣ муҳим аст, балки аз нуқтаи назари сиёсати давлат ҳам аҳаммият дорад. Дар ҳолати мазкур бартарияти бозори меҳнат, такмили механизми истифодаи захираҳои он ҳамчун самти асосӣ барои таъмини устувори иқтисодиёт ва афзоиши сатҳи иқтисодӣ-

иҷтимоии аҳолии деҳот бояд ба назар гирифта шавад.

Бозори муосири меҳнат дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор омилҳоро дар бар мегирад, ки ба паст шудани сатҳи бекорӣ монеа мешаванд. Яке аз омилҳои асосӣ маҳдудияти иқтидори соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ барои таъмин намудани шуғли пурраи қувваи кории мавҷуда мебошад, ки ин ба зиёдатии захираҳои меҳнатӣ сабаб мегардад. Дар бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ нигоҳ доштани таносуби байни пешниҳод (ҷойҳои корӣ) ва талабот дида мешавад. Ҳолати мазкур дар мисоли ҳозираи зиёдшавии шахсони бекор муайян мегардад ва он ба таври пинҳонӣ дида мешавад.

Мушкилоти мазкур ҳам ҷиҳати микдорӣ ва ҳам нуқтаи назари сифатиро дороянд, чунки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудӣ дар самти тайёрии касбӣ ва тахассусии захираҳои меҳнатӣ мушоҳида мешавад.

Барои ошкор намудани мавқеи соҳаи кишоварзӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи корӣ, яъне шуғлнокии он беҳтар аст, ки самтҳои рушди соҳаи мазкур дар асоси амалӣ гаштани махсусгардонӣ ва якҷоякунии хоҷагиҳо бо назардошти хусусиятҳои махсуси соҳа, мавзеи ҳудудӣ, технологияҳои пешқадам, ҳамкории байни хоҷагиҳо, системаи муфиди хоҷагидорӣ оқилона ва илман асоснок муайян шаванд. Аммо масъалаҳои истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли онҳо, ки яке аз вазифаҳои муҳим ва мушкилоти асосии соҳа мебошад, то ба ҳол диққати олимонро на чандон ҷалб кардааст. Дар асарҳои олимони бурунмарзӣ мушкилот ва мубримияти ташаккул ва рушди бозори меҳнат, механизмҳои истифодабарии оқилонаи онҳо дар сатҳи зарурӣ таҳлили васеъ нагаштааст. Аз ин нуқтаи назар, вазъи кунунии бозори меҳнат дар Тоҷикистон хеле хос ва муҳим арзёбӣ мешавад.

Ба эътибор гирифтани масъалаҳои марбут ба самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ маънои коҳиш додани муваффақияти дигаргунсозиҳо дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятиро дорад, бахусус дар муносибатҳои иҷтимоии меҳнат. Аз ин рӯ, таҳқиқи равандҳои бозори меҳнат ва беҳбуди механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ на танҳо барои иқтисоди миллӣ муҳим аст, балки барои рушди устувори тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ низ аҳаммияти хос пайдо

мекунад ва мубрамияти мавзуи мазкур онро исбот менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Солҳои 50-60-уми асри гузашта ба тафаккури захираҳои меҳнатӣ, истифодаи онҳо, механизмҳои таъсиррасонӣ бе идоракунандагон «ташкилотҳои бюрократӣ», «инсондӯстии ташкилӣ», инчунин тасаввурот дар бораи корхона ҳамчун низоми кушоде, ки бо муҳити беруна фаъолона алоқаманд буда, сохтори дохилии худро ба талаботи он мутобиқ намуда, «сармояи инсонӣ»-и истеҳсолот, механизмҳои истифодабарии он дар корхона, ширкатро ташаккул медиҳад, таъсири худро расонидаанд. Назарияи сармояи инсонӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун унсури асосии истеҳсолкунандаи арзиши изофа дар асарҳои классикони илми иқтисодӣ А. Смит [132], Д. Рикардо [128], Ҷ. Кейнс [106], М.Х. Мескон [114], В.Б. Супьян [134] К. Маркс [105], А. Маршал [113], Г.С., Беккер [22], У.Оучи [122], Б.Генкина [85], Т. Мальтус [109] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Аз тарафи олимони Русия ва кишварҳои ИДМ дар назария ва амалияи танзими бозори кишоварзии меҳнат ва самаранок истифода бурдани қувваи корӣ, олимон: А.О. Котляр [35], А. Ханова [57], А.И. Кувшинов [36], В. В Адамчук [69], В. С. Боровик [76], М.К. Абрегова [68], Г.Руденко [130], Е.Ф. Борисов [75], Н. К. Долгушкин [28], Л.В. Бондаренко [77], И. С. Бажутин [81], Л.А. Костин [104], С. Струмилин [133], С.Б. Долженко [92], Н. Вишневская [24], Б.П. Панков [123], Л.А. Якимова [58], Е. А. Казаринова [107] ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Самтҳои умумии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва бозори меҳнатро олимони ватанӣ: А.Ҷ. Ҷаборов [26], Д. С. Амонова [20], Д.Б. Қодирзода [34], [46], М.Т. Набиева [26], М.Р. Кошонова [159], Н Ф. Нидоев [163], Н.Ш. Марупова [162], Р.К. Раҷабов [52], Р.К. Мадаминов [41], С. Ҷ. Комилов [100], С.Ҷ.,Ҷурахонзода [34], С. Б. Ғоибназарзода [89] Ф. М. Васиев [23], Х.Х. Ғуломов [157], Х. М. Муҳаббатов [108], Х.А. Абдуллоев [67], Ҷ.С. Пиризода [124], Ш. Дустбоев [27] дар асарҳои худ таҳқиқот бурдаанд. М. Н. Кармышева [158] захираҳои меҳнатиро оид ба пойдоршавии бозори меҳнат, М. Н.

Нурмаҳмадов [118] ба масоили идоракунии бозори меҳнат ва ташкили илмии меҳнат, Т.Б. Ғаниев [91] дар доираи ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ, С.Ҷ. Комилов [100] роҳҳои ташаккулёбии шуғли босамари захираҳои меҳнатии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ, Ҷ. С.Пиризода [124] А. Х. Олимов [47], таъсиси агрокластерҳо ҳамчун омил ва роҳҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар деҳот ва муаммоҳои истифодабарии шуғл дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, М.Т. Кабутов [160], А. Б. Гулов [155], Б.Т. Тоҳирҷонов [166], Ш.М. Сидиқзода [165] оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи меҳнат дар деҳотро баррасӣ кардаанд. Самтҳои алоҳидаи масъалаҳои таҳқиқшаванда дар паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ гардидаанд [14].

Таҳлили асарҳои олимони номбурда нишон медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, вале дар шароити ҳозираи иқтисодиёти бозоргонӣ стратегияи саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили васеъ ва мукаммалро талаб менамояд, аз ин лиҳоз, ин масъалаҳо зарурат, мубрамият, вазифа ва мақсади рисолаи илмии мазкурро муайян намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ ва ҳамоҳангсозии рушди соҳаи кишоварзӣ равона шудааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба мусоидат ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ «Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аҳаммияти хосса дорад, ки то андозае самтҳои афзалиятноки истифодабарии онро пешбинӣ намуда, натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили минбаъдаи он равона мегардад. Натиҷаҳои ба дастовардаи илмӣ барои дар амал татбиқ намудани барномаҳои давлатӣ доир ба

мусоидат намудан ба фарогирии ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ бо шуғл равона карда мешаванд [8.- с. 6-7].

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Бояд дар назар дошт, ки тавсифи мухтасари таҳқиқоти мазкур оид ба омӯзиши механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд коркард, таҳия, тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои воқеъан татбиқ намудан равона гардидааст. Инчунин дар муқаддимаи диссертатсия паҳлуҳои асосии он васеъ инъикос ёфта, унсурҳои асосии пай дар пайии он тибқи талабот дарҷ гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот**. Меҳвари асосии диссертатсияи мазкур таҳлили асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд коркард, таҳия, тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои амалӣ гаштани онҳо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи мазкур дар раванди таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳлил, омӯзиш ва муайян намудани мафҳум, моҳият, зарурият ва аҳаммияти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва такмили механизми он дар соҳаи кишоварзӣ;
- омӯзиши асосҳои иқтисодии танзими бозори меҳнат, шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо назардошти самтҳои рушди иқтисоди дохилӣ ва хориҷӣ, таҳияи шакл ва усулҳои самараноки идоракунӣ;
- таҳлили вазъи муосири истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар бахши кишоварзӣ бо дарназардошти омилҳои табиӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- пешниҳоди самтҳои афзалиятноки истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии он ҳамчун омили баланд бардоштани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои минтақа ба натиҷаҳои ниҳоии истифодаи меҳнат;
- такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, самтҳои он дар асоси истифодаи низоми хоҷагидорӣ, махсусгардонӣ ва якҷоякунии молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, инфрасохтори

таъминотӣ ва хизматрасонӣ;

- муайян кардани самтҳои асосии танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.

**Объекти таҳқиқот**-фазои иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад, ки хусусияти робитаҳои онҳоро аз рӯйи шуғли меҳнат дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд ифода мекунад.

**Мавзуи таҳқиқот**-муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ алоқамандӣ доранд.

**Фарзияи таҳқиқот**. Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот дар шароити муосири иқтисодиёти миллӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои барзиёде оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буда, амалӣ гаштани онҳо дар асоси афзоиши шуғлнокӣ метавонад рушди соҳа ва хоҷагиҳои кишоварзиро дар сатҳи баланд таъмин намояд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асарҳои классикони назарияи иқтисодӣ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёт, меҳнат, истифода ва идоракунии ҳайати кормандони он, муқаррароти бунёдии назарияҳои сармояи инсонӣ ва рафтори ташкилӣ, ҷанбаҳои татбиқи масъалаҳои мазкур ташкил медиҳанд.

Дар кори илмӣ маводҳои созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, асарҳо, мақолаю маърузаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар конфронсҳо, ки ба масъалаҳои механизмҳои идоракунии истифодаи захираҳои меҳнатӣ бахшида шудаанд, истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати маълумоти аввала қарор ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ ва такмили механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ, рушди ҳайати кормандон, маҷмуи нишондиҳандаҳои оморӣ, меъёрҳо ва маълумотномаҳо, нашрияҳои илмӣ, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот ба чоп расондааст, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Дар диссертатсия маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омори солонаи вилояти Суғд, маълумотҳои хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Суғд, маводҳои дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда, таҳқиқоти аз тарафи муаллиф гузаронидашуда истифода шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан бо мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз усулҳои ба худ хос, ки аз рӯйи таҳқиқот мантиқан муайян карда шудаанд: усулҳои гурӯҳбандии оморӣ, таҳлили монографӣ, иқтисодӣ-омори диалектикӣ, таҷрибавӣ истифода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз асосноккунии самтҳои назариявӣ, коркард ва пешниҳод аз тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизми истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ иборат буда, дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

1. Моҳият, зарурият, аҳаммият ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар асоси омӯзиши амиқи асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳлил шуда, мафҳуми самаранокии бозори захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо диди муаллиф пешниҳод шудааст.

2. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ-методӣ, амалӣ, тарзи ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, хусусиятҳои хоси бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд ва мамлакатҳои хориҷа бо назардошти рушди самти макроиқтисодии дохилӣ ва байналмилалии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мушаххас карда шуданд.

3. Ҳавасмандӣ ҳамчун омил ва механизми муҳимми таъмини рушди истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ муайян гашта, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ ҳисоб намудани музди меҳнати кормандон ва роҳбарон аз даромади умумӣ пешниҳод гардидааст.

4. Тарз ва самтҳои асосии такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, вобаста аз самтҳои истеҳсолот, ҷойгиршавии онҳо ва ҳамгироии самараноки захираҳои меҳнатӣ, ташкили кластерҳои агросаноатӣ, хусусан дар соҳаи пахтапарварии вилояти Суғд,

моделҳои танзими давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ муҳим пешниҳод шудаанд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

1. Моҳият, зарурият ва аҳаммияти захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти ақидаҳои олимони ватанӣ ва бурунмарзӣ таҳлил шуда, механизмҳои самараноки истифодаи онҳо ва ташкили муносибатҳои иқтисодӣ дар ин самт баррасӣ гардидаанд.
2. Истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд ва хоҷагиҳои мушаххас бо дарназардошти омилҳои табиӣ, демографӣ ва иқтисодӣ анҷом дода шуда, самтҳои афзоиши ҳосилнокӣ ва истифодаи самараноки онҳо мушаххас карда шудаанд.
3. Омилҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои такмили истифодаи захираҳои меҳнатӣ, амалӣ гаштани кластерҳои агросаноатӣ дар вилояти Суғд, бо мақсади афзоиши самаранокии меҳнат ва шуғлнокӣ пешниҳод шудааст.
4. Тадбирҳои танзими давлатӣ ва ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ барои ташкили самараноки истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии таҳқиқоти такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, тарзи истифодаи методҳои мавҷуда, истифодабарии оқилонаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷуда барои дар сатҳи баланд истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои соҳаи аграрӣ дар иҷрои вазифаҳои рушди устувор ифода меёбад.

Аз ҷониби муаллиф механизмҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, муқаррарот ва пешниҳодҳои методие таҳия шудаанд, ки барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар кишвар, ки метавонанд дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои дохилифирмавӣ, кодексҳо, супоришҳо ва ақидаҳои ширкатҳо истифода мешаванд, аҳаммияти бузурги

амалиро дороянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Барои арзёбии дурусти таҳқиқоти илмӣ дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, баровардани хулосаҳои мушаххас ва амиқ санҷидашуда мо масъалаҳои зеринро, ба монанди: раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, баррасии миқдори зарурии маводҳои дар ҷараёни таҳқиқот истифодашаванда, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардшуда оид ба мавзуи таҳқиқот, тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф ва як қатор натиҷаҳои дигари қаблан бадастовардашуда дараҷаи эътимоднокии рисоларо инъикос менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст. Объект, мавзуъ ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография): 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию ичтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ. Сармояи инсон; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ); 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо аз рӯйи иҷрои нақшаҳои кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмилдиҳии методикаи муайян намудани самаранокии иқтисодӣ, омилҳои таъсиррасонанда ва такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ саҳми худро гузоштааст. Унвонҷӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои илмӣ-амалиро оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пешниҳод

намудааст, ки таъсири бевоситаи худро ба сатҳи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, хусусан коргарони он мерасонад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва семинарҳои илмӣ (солҳои 2017-2025) дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардида, мунтазам мавриди муҳокима қарор дода шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта, аз ҷумла барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, унвонҷӯён, коргарони илмӣ, донишҷӯён дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз фанҳои ташкили илмии меҳнат, ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, иқтисодиёти кишоварзӣ, асосҳои демография ва бозорҳои кишоварзӣ истифода шуда метавонанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 15 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,2 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия 178 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 28 ҷадвал, 12 расм иборат буда, феҳристи адабиёти истифодашуда 161 маъхазро ташкил медиҳад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сатҳи илмии омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва методҳои таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия ва саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот ифода шудаанд.

Дар боби аввал “**Асосҳои назариявии илмии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ”** бозори меҳнат: моҳият, заруријат ва аҳаммияти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, асосҳои илмию методии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусиятҳо ва масоили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар боби дуюм “**Ҳолати воқеии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд”** баҳодиҳии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд, таҳлили респрективии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд, арзёбии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм “**Самтҳои асосии такмили механизмҳои истифодабарии захираҳои меҳнатии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд”** ҳавасмандкунӣ–омили муҳимми баланд бардоштани истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ, самтҳои такмили механизми ташкилӣ-иқдисодии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ баррасӣ гаштаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** ҷамъбасти натиҷаҳои асосии мавзуи таҳқиқот оварда шуда, инчунин аз тарафи муаллиф оид ба такмили механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ якчанд пешниҳодҳои мушаххас тавсия гардидааст.

## Боби 1. Асосҳои назариявии илмӣ- методии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ

### 1.1. Бозори меҳнат: моҳият, зарурият ва аҳаммияти истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ

Иқтисодиёти бозоргонӣ таърихан пеш аз иқтисодиёти нақшавӣ мавҷуд буда, фаъолияти инсон мубодилаи байни онҳоро амалӣ менамуд. Вобаста ба ин, аввалин таҳқиқотҳои илмии марбут ба ин самт ва нақши меҳнат, аҳаммиятнокӣ, мушкилоти истифодабарии он дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ба таври табиӣ (стихиявӣ) ва танзимнашаванда шарҳ дода шудааст.

Чуноне, ки Абдуллоев Х. А. қайд менамояд: «Бозори меҳнат дар доираи иқтисоди соҳибкории озод яке аз нақши махсус ва асосиро мебозад, вобаста аз моли махсусе, ки ба ин бозор пешниҳод мешавад»[67, С. 17-18].

Ба ақидаи мо қувваи корӣ, ки соҳибаш одам мебошад, дар бозори меҳнат ба сифати мол баромад мекунад. Моҳияти қувваи кории ҳар як шаҳрвандро бояд ҳам давлат ва ҳам кордиҳанда дар вақти ба амал омадани муносибатҳои шуғлдорӣ дар бозори меҳнат ба назар гиранд.

Дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ, соҳаи меҳнат ҳамчун қувваи истеҳсолкунанда баромад мекунанд, ки нақши он дар ҳаёти шахси алоҳида ва дар ҳаёти ҷомеа мавқеи хосро ишғол намуда, вобастагии зичро дорад. Дар амал намояндагони ҳамаи соҳаҳои илми иқтисодиёт меҳнатро ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи неъматҳои моддию маънавии ҷомеа меҳисобиданд: фаъолияте, ки инсон бо ёрии он хислатҳои асосии шахсият ва имкониятҳои худро амалӣ намуда, ташаккул медиҳад.

Мо ҳангоми таҳлили қазияҳои мазкур аз асарҳои олимони зерин, ки ба ин масъалаҳо бахшида шудаанд ба мисли А.Н. [Рофе 51], А. И. Кувшинов [36], Б.П. Панков [123], И. Бушмарин [79], Л.А. Костин [104], Л.А. Якимов [148], Л.В. Бондаренко [77] истифода намудем.

Чи тавре ки олим Котляр А.О. қайд намудааст: «Аксаран мафҳумҳои шуғл ва бозори меҳнат ҳаммонанд мебошанд ва ба бозори меҳнат бошад, хосияти универсалӣ нисбат дода мешавад» [35, С. 33-39 ].

Ақидаи олим Котляр А.О- ро тарафдорӣ намуда чунин илова менамоем, ки худи бозор мафҳуми васеъро дар бар гирифта, дар он муомилот, додугирифт дар он сурат амалӣ мегардад, ки ҳарду тараф манфиати худро таъмин намоянд. Аз ин лиҳоз, шуғл ва бозори меҳнат бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

Ба фикри мо, агар нақш ва муҳиммияти меҳнат барои инсон ва ҷомеа эътироф шуда, мавриди шубҳа ва баҳсҳо нагардида бошанд ҳам, масъала, роҳҳо ва тарзҳои усули ба меҳнат ҷалб намудани инсон, дар меҳвари хусусият, моҳият ва мазмуни меҳнат ҳамчун масъалаи баҳсталаб боқӣ мемонад. Моҳияти ихтилофҳои вуҷуддошта дар риояи ин ё он тарзи сохти иқтисодиёти ҷамъият, давлат - нақшавӣ ва ё бозаргонӣ баромад менамоянд.

Ба андешаи Ҷ. М. Кейнс: «Давлат бояд бо бекорӣ мубориза барад ва онро бо истифодаи сиёсати молиявӣ танзим намояд. Тавассути афзудани даромадҳои давлат ё кам намудани андозҳо дар иқтисодиёт тақозои маҷмуиро зиёд менамояд ва ба афзоиши қувваи корӣ оварда мерасонад, ки дар навбати худ сатҳи бекориро коҳиш медиҳад»[106, С. 58-59], ки қобили қабул аст, чунки коҳиши сатҳи бекорӣ, бозори кориро вусъат бахшида, ба самаранокии он таъсири бевосита мерасонад.

Чуноне ки олим Ф. Кенэ дар асари худ иброз намудааст: «Қувваи асосии давлатро одамон ташкил мекунанд ва бо шарофати эҳтиёҷоти онҳо боигариҳо зиёд мешаванд, чи қадаре ки халқҳо маҳсулоти ба он эҳтиёҷот доштаро афзоиш диҳанд ва чи қадаре ки онҳо бисёртар истеъмол намоянд, ҳамон қадар онҳо сарватмандтар мегарданд» [98, С. 17-18]. Ба фикри мо нуқтаи назари Ф. Кенэ ҷолиби диққат мебошад.

Адабиёти илмӣ оид ба истифодаи меҳнат чун омили асосии амалӣ гаштани равандҳои истеҳсолӣ дар асари Горбунова О.Н.: «Ҳамчун омили асосии истеҳсолот маънидод карда мешавад»[84, С. 62-69], мавриди истифода шуда метавонад.

Оид ба истифодабарии захираҳои инсонӣ дар фаъолияти ҷамъиятӣ, системаи оқилонаи самараноки идоракунии онҳоро, ки дар бар мегиранд, хулосабардорӣ шудаанд, аз он ҷумла Моргунов Е чунин мешуморад: «Дар

сатҳи микроиқтисод захираҳои инсонии корхона ҳамчун категорияи иқтисодӣ, қисми захираҳои истеҳсолии корхона баромад карда, дар ташаккулёбӣ ва инкишофи онҳо инвеститсияҳои муайян бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, яъне захираҳои инсонӣ дороии махсуси корхона мебошанд»[111, С. 114].

Олим Кибанов А.Я. ақидаи мазкурро ҷолиби диққат ва мавриди истифода қарор дода, чунин иброз намудааст: «Захираҳои инсонӣ дар сатҳи корхонаҳо ва ширкатҳо ин кормандоне мебошанд, ки қобилият ва донишҳои муайянро дошта, дар ҷараёни меҳнат истифода шуда метавонанд»[103, С. 115].

Мафҳуми бозори меҳнат, захираҳои меҳнатӣ дар асарҳои як қатор олимон мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд, масалан: А. И. Рофе, Б. Г. Збишко, В. В. Ишин чунин мешуморанд: «Дар бозори меҳнат-маҳз меҳнат фурӯхта мешавад ва ин бозор, бозори меҳнат номида шуда, музди кор, ки нархи меҳнат, муродифи пулии он аст, ҳамчун музди меҳнат-даромад номида шуда, дар баробари дигар навъҳои даромад вуҷуд дорад»[129, С. 85].

Ба ақидаи олимони мазкур ҳамроҳ шуда, ба чунин хулоса омадем, ки меҳнат дар бозор чун мол эътироф гашта, нархи хоси худро дорост, аз сифат ва мухлати истифодашаванда гуногун шуда метавонанд.

Ба андешаи Н. К. Долгушкин ва В. Г. Новиков «Харидории меҳнат аз ҷониби кордиҳанда чунин маънӣ дорад, ки вай соҳибмулки натиҷаи меҳнат мегардад, на соҳиби қобилияти имконпазирии меҳнатӣ, корманд бошад, барои меҳнаташ музд мегирад»[28, С. 11-12].

Муҳаққиқи дигар Абрегова М.К. мафҳуми бозори захираҳои меҳнатиро чунин шарҳ додааст: «Бозори захираҳои меҳнатӣ ин таҷассумгари шумораи зиёди муносибатҳои вобаста ба ташаккули талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он аст, ки тавассути низоми амалкунандаи такрористеҳсол, тақсимот ва шуғли кормандон амалӣ карда мешавад»[68, С. 7-8].

Чуноне ки маълум аст, миқдори аҳолии кишвар, дар маҷмуъ бошад, захираҳои меҳнатӣ танҳо як қисми онро ташкил медиҳанд, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ дошта, барои тавлиди неъматҳои моддӣ ва маънавӣ истифода

мешаванд. Ақидаи мазкурро Рофе А.Н. дастгирӣ намуда, чунин қайд менамояд: «Захираҳои меҳнатӣ ин қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки шахсони воқеиро ифода менамояд, ки дорои қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ, омодагии касбӣ ва тахассуснокӣ буда, дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ иштирок менамоянд»[51, С. 14].

Захираҳои меҳнатӣ дар луғати муосири иқтисодӣ чунин арзёбӣ гаштаанд: «Аҳолии аз қобили меҳнатдошта, кисми аҳолӣ, ки дорои кобилияти ҷисмонӣ ва маънавӣ буда, дар фаъолияти меҳнатӣ иштирок менамоянд»[131, С. 438], ки дар бисёр мавридҳо истифода бурда мешавад.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон чунин мешуморанд: «Захираҳои меҳнатӣ қисми аҳолиро ифода менамоянд, ки дорои инкишофи ҷисмонии зарурӣ, саломатӣ, таҳсилот, маданият, қобилият, тахассуснокӣ ва донишҳои касбӣ буда, барои фаъолият дар такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ омода ҳастанд. Захираҳои меҳнатӣ маҷмуи қувваи кории функсионалӣ ва ҷамъиятӣ буда, дорои хислати такрористеҳсолӣ мебошанд (ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарии қувваи корӣ»[136, С. 364]. Дар маҷмуъ, захираҳои меҳнатӣ, ҳамчун қувваи корӣ ифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, бозори меҳнатро чун муносибатҳои иҷтимоӣ- механизми таъминкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ шуморидан мумкин аст.

И. Е. Савенков нуқтаи назари олим З. М. Богатиренкоро оид ба «Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми аҳолии мамлакатро, ки қобилияти шуғлро дар хоҷагии халқ ва дар меҳвари муносибатҳои истеҳсолӣ дороянд, шуморидааст»[55, С. 62.].

Мазмуни захираҳои меҳнатӣ бори аввал дар Иттиҳоди Шуравӣ аз асарҳои олими барҷастаи рус С. Г. Струмилин соли 1922 сарчашма гирифтааст: «Ин ибора ҳангоми банақшагирӣ ва ҳисоби аҳолии қобили меҳнат дар шароити муттамарказии идоракунии захираҳои инсонӣ дар иқтисодиёти банақшагирӣ васеъ истифода мешуд. Ҳисоби дурусти омории аҳолии қобили меҳнат– захираҳои меҳнатӣ (дар баробари захираҳои табиӣ, моводӣ ва молиявӣ)-яке аз

қисмҳои ҷудонашавандаи иқтисодиёти банақшагирӣ ба ҳисоб мерафт»[133, С. 54-56].

Олими ватанӣ Комилов С. Ҷ. иброз медоранд: «Самти муҳимми сиёсати бо кор таъмин намудани аҳолӣ дар марҳалаи ҳозира бояд ҳатман кам кардани миқдори зиёдатии меҳнат дар истеҳсолот (бекории пинҳонӣ) бошад. Назорати сатҳи бекорӣ ва кам кардани он бояд тавассути нигоҳдорӣ ва афзоиши ҷойҳои корӣ, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурду миёна таъмин карда шавад»[100, С. 18-19], ки мо онро ҷонибдорӣ менамоем.

Чунин андешаро олими ватанӣ Тоҳирҷонов Б.Т. тарафдорӣ намуда чунин баён намудааст: «Захираҳои меҳнатӣ – ҳамчун қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки қобилияти иштирокро дар меҳнат дар фосилаи давраи муайян ифода карда, нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии баҳодиҳиро дорад»[166, С. 27].

Олими ватанӣ, муҳаққиқ Р.К. Мадаминов мафҳуми захираҳои меҳнатӣ, қувваи кориро аз рӯйи ақидаи муаллифон П. Э. Шлендер ва Ю.П. Кокиной ҳамчун: «Ифодакунандаи захираҳои меҳнатӣ ин қисми аҳолии фаъоли меҳнатӣ мебошад, баҳсталаб мешуморад» [41, С. 98].

Тавре ки Абдуллоев Х. А. иброз намудааст: «Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун ҷузъи аҳолии қобили меҳнат, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии меҳнатро доро буда, дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасониҳо истифода менамоянд, фаҳмида мешаванд»[67, С. 18-19].

Ба фикри мо ба захираҳои меҳнатӣ ашхосе дохил мешаванд: дар иқтисодиёт шуғл доранд, шуғл надоранд.

Вале қобилияти меҳнатиро дороянд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ошкор намудем.

Яъне, аз он бармеояд, ки асоси қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро захираи инсонӣ ташкил мекунад. Бинобар он, ҷамъияте тараққӣ мекунад, ки барои самаранок истифода бурдан, такрористеҳсол ва мукаммал гардонидани ин захира диққати аввалиндараҷа диҳад.

Олими ватанӣ Кошонова М. Р. чунин мешуморад: «Давлат ҳамчун институти махсуси иҷтимоӣ метавонад ба муносибатҳои меҳнатӣ бо ин ё он

тарз таъсир расонад, берун аз ин муносибатҳо монад, худро бо онҳо баробар намояд. Давлат тибқи принсипи сетарафагӣ ба тарафдорони муносибатҳои меҳнатӣ (корфармо - корманд) ҳангоми иҷрои вазифаҳои мушовир ва кафили созишномаи бадастомада дар пайдо кардани роҳҳои ҳалли ба ҳамдигар қулай кумак мерасонад, муаррифи шудааст»[159, С. 145-147], Дигар таҳқиқотчиёни ватанӣ, академикон Р. К. Раҳимов ва Н. Қаюмов, ба равандҳои нокифоя истифода бурдани қувваи корӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро: «Қувваи кории кам истифодашударо ҳамчун омили изофии қувваи корӣ дар минтақа, бахусус дар деҳот тавсиф мекунанд ва чунин мешуморанд, ки иқтидори асосии захираҳои меҳнатии босуръат афзояндаи минтақа бозори меҳнатест, ки ба тағйироти сохторӣ осебпазир аст»[50, С. 42-49, 38, С. 103-104].

Нурмаҳамадов М. Н. чунин ибрози ақида намудааст: «Бозори меҳнатро аз мавқеи ташкили меҳнат дида, дар он принсипи махсус манфиати инсон ва рушди ӯ ҳамчун сармояи инсонӣ мебошад., ҷудо намудааст. Давлат барои муҳайё кардани шароити баробар барои соҳибкорон, ҳангоми таъмини рақобати самаранок, коҳиш додани ҳокимияти монополияҳо, хусусан ғамхорӣ оид ба истеҳсоли микдори зарурии мол ва хизматҳои ҷамъиятие, ки талаботи коллективро қонеъ мегардонад, фикри худро хеле возеҳ баён намудааст»[118, С. 91-92 ].

«Афзоиш, рушд, ё коҳишёбии бозори меҳнатро дар асоси мукаммал намудани заминаҳои меъёрӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ идора намудан мумкин аст, ки он самараи муносибатҳои меҳнатии байни кишварҳоеро, ки ба захираҳои меҳнатӣ эҳтиёҷ доранд ва онҳое, ки қувваи кории зиёдатиро дороянд, танзим менамоянд»[158, С. 23]. Чуноне ки Комилов С.Д. ин масъалаҳоро: «Дар бастани шартномаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода, онҳоро аз созишномаҳои асосӣ сар карда, то минтақавӣ, байниминтақавӣ, соҳавӣ, ҳудудӣ ва ғайра ба шаш қисм тақсим мекунад, натиҷабардорӣ шудаанд»[101, С. 43-49].

Ақидаи мазкурро д.и.и., профессор Амонова Д.С. дастгирӣ намуда, қайд менамояд: «Танзими байналмилалии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ

танзими муносибатҳои меҳнатиро дар асоси меъёрҳои тасдиқшудаи созмонҳои байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ муайян мекунад»[20, С. 21-27].

Таърихи рушд ва мукаммал гаштани консепсияи сармояи инсониро олимон: Туроу Л. ва Боуман А.М. чунин қайд менамоянд: «Сармояи инсонӣ дар таҳлили муосири иқтисодӣ нақши калидӣ дорад, сармояи инсонӣ, аз як тараф маҷмуи қобилиятҳои истеҳсолии корманди муосирро ифода карда, аз тарафи дигар хароҷоти давлат, корхона ва худи инсонро барои ташаккулёбӣ ва такомули муттасили ин қобилиятҳоро дар назар дорад»[73, С. 76].

«Оид ба пайдоиш ва ташаккулёбии консепсияи сармояи инсонӣ, иқтисодчиёни амрикоӣ Т.Шултс ва Г. С. Беккер дар адабиёти иқтисодӣ нақши кашфкунандагонро бо консепсияи мазкур вобаста намудаанд»[22, С. 67-68]

«Дар асоси рушд ва тараққиёти прогресси-илм ва техника дар охири асри XX дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон, тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқ, дар асоси технологияҳои захирасарфакунанда, инноватсияҳо, махсусгардонии амиқ, талабот ба захираҳои меҳнатӣ, хусусан самти зеҳнӣ ба миён омад, ки дар натиҷа назария ва амалияи соҳаи иқтисодӣ ақидае ба вуҷуд омад, ки мувофиқи он сармояи инсонӣ ҳамчун захираи зарурии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо ҳампайвастии захираҳои табиӣ ташакул меёбанд»[158, С. 26].

Бо вуҷуди гуногуншакли ва мураккабии истилоҳи “сармояи инсонӣ”, байни иқтисодчиён ақидаи гуногун пайдо гашт. Л. Туроу чунин мешуморад: «Сармояи инсонӣ ин қобилияти шахс барои истеҳсоли мол ва хизматҳо, қобилияти маҳсулнокӣ, дониш ва малакаи он мебошад»[ 167, С. 18]

У. Боуен оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ чунин қайд намудааст: «Сармояи инсониро ҳамчун дониш, малака, рағбат ва қувва маънидод мекунад, ки одамон ба даст овардаанд ва барои истеҳсоли мол ва хизматҳо дар давраи муайян истифода мебаранд» [59, С. 362].

Долан Э.Ҷ. ва Линдсей Д. сармояи инсониро ҳамчун: «Қобилиятҳои маънавии одамон дарк менамоянд, ки ба воситаи таълим ва ё таҷрибаи амалӣ ба даст оварда шудаанд»[95, С. 15-18]. Бегг Д. онро чун: «Сармояи инсонӣ захираи таҷрибаи касбиро ифода мекунад, ки аз тарафи коргар ҷамъ карда шудааст,

меҳисобад»[147, С. 34]. Ба ақидаи Фишер С., Дорнбуш Р. ва Шмалензи К. «Сармояи инсонӣ ин қобилиятҳои дар инсон ифодаёфтаи ба даст овардани даромад буда, қобилият, малака, маълумотнокӣ ва тахассуснокии ба даст овардашударо фаро мегирад, арзёбӣ шудааст»[ 142, С. 303]. Дар радифи мазкур Махлуп Ф. маънидодкунии васеи истилоҳи сармояи инсониро ба таври зайл пешкаш намудааст:«Дар маънидодкунии сармояи инсонӣ, ба монанди захираҳои инсонӣ бояд меҳнати такомулёфта ва меҳнати такомулнаёфтаро аз ҳам ҷудо намуд, зеро меҳнати такомулёфта қобилияти ҷисмонӣ ва маънавии инсонро афзоиш медиҳад»[61, С. 419].

Олими ватанӣ Мирзоалиев А.А. мафҳуми сармояи инсониро чунин шарҳ додааст: «Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилест, ки дар он тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад»[161, С. 14].

Миқдор ва ченаки захираҳои меҳнатӣ бо назардошти ҳадди болоӣ ва поёнии синну соли аҳолии қобили меҳнатидошта, вобаста аст. Ҳадди ақали синну сол дар ҳар як мамлакат дар асос ва мувофиқи қонунҳои амалкунандаи он бо назардошти ҳолати иҷтимоӣ – иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ ва ғайраҳо муайян карда мешавад, ки онро шартан чунин тасвир менамоем (расми 1.1.1).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ҳамаи шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакатро ба назар гирифта, ҳадди болоӣ ва поёнии синну соли аҳолии қобили меҳнат муайян шудааст.

Расми 1.1 нишон медиҳад, ки дар баробари зиёд гаштани миқдори аҳолӣ, ҳайати аҳолии қобили меҳнат низ меафзояд.

Таърихи тамаддуни инсонӣ гувоҳи он аст, ки ҳангоми афзоиши шумораи аҳолӣ қазияҳое ба миён меоянд, барои ҳалли онҳо ташкили ҷойҳои нави корӣ, шуғлнокии афзоишёфта, аҳолии қобили меҳнат бояд чораҳои лозима андешида шаванд, зеро талаботи истеъмолии онҳо рӯз аз рӯз меафзояд.




**Расми 1.1.- Тақсимоти аҳолӣ.**
**Сарчашма:** дар асоси [67, С. 18-19].

«Чуноне ки маълум аст, синну соли аҳолии бо кор машғулшаванда (ҳадди поёнии он) аз бисёр омилҳо вобаста аст: дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, дараҷаи саломатии аҳолӣ, дониш, малака ва соҳиби маълумот ва касб шудан ва баъзе омилҳои табиӣ, ба монанди дарозумрӣ, руҳӣ, экологӣ низ шуда метавонанд»[164, С. 16].

Манбаи асосии зиёд ё кам шудани захираҳои меҳнатӣ ин аҳолии аз қобили меҳнат, хусусан ҷавонон ва наврасон иборатанд, вале ба фикри мо накши асосиро дар сохтори захираҳои меҳнатӣ аҳолии синну соли дорои қобили меҳнат ишғол менамоянд.

Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ба захираҳои меҳнатӣ мардҳо аз синни 15 сола то 62 сола ва занҳо аз синни 15 сола то 57 сола дохил карда мешаванд ва чунин қабул шудааст, ки ба ҳайати захираҳои меҳнатӣ қисми аҳолие дохил мешаванд, ки аз ҳудуди синну соли меҳнатӣ берун ҳастанд, вале фаъолият намуда метавонанд (наврасони 14-15 сола ва қисми нафақахӯрон)»[12, С. – 23-24].

Тавре ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мафҳуми захираҳои меҳнатӣ, сохтор ва синну сол, тақсимоти он чунин омадааст: «Маҷмуи одамоне, ки дар синну соли қобили меҳнат ва қобилияти психофизиологияшон барои фаъолияти меҳнатӣ мувофиқ мебошад, ҳисобида мешаванд» [4, С. 15-16].

Мафҳуми қобилияти меҳнатӣ чунин акс ёфтааст: дар умум қобилиятҳои физиологӣ ва психофизиологии инсонро дар бар мегирад.

Вале дар мафҳуми қобилияти меҳнати касбӣ – ин қобилият ба намуди меҳнати муайян, ки дар натиҷаи омӯзиши махсус ба амал омадааст, дохил мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки инсон, коргар на танҳо худ якка фаъолият менамоянд, балки дар асоси қонунҳо ва талаботҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, истифодаи шаклҳои гуногуни кооператсия ва тақсимоти меҳнатро амалӣ менамояд. Хусусан, дар соҳаи кишоварзӣ, ки талаботи хоси агротехникиро дорост, истифодаи меҳнати яквақтаи коргарони гуногунихтисос ва гуногункасбро талаб менамояд, ки дар натиҷа шакли гурӯҳи (коллективии) меҳнат ба вуҷуд меояд.

Мафҳуми коллективҳои меҳнатиро хеле сода, равон ва фаҳмо дар асари худ олими ватанӣ Ғаниев Т.Б. шарҳ додааст: «Коллективҳои меҳнатӣ чун гурӯҳҳои одамон барои иҷрои кори умумӣ муттаҳид гашта, мақсад ва манфиати якхела доранд»[91, С. 444].

Яъне, коллектив ҳамон вақт имконияти худро пурра истифода мекунад, ки агар менеҷер кори онро пурра ба нақша гирифта, аз кори таъмин ва ҷобаҷогузории кормандон то ба масъалаҳои хурди истеҳсолӣ пурра эътибор диҳад.

Ба фикри мо, коллектив он вақт комил ва пурра мегардад, ки як муҳлати муайянро аз сар гузаронад, дар байни ҳамкорон якдигарфаҳмӣ, дӯстӣ, ҳурмату эҳтиром амалӣ гардад ва он ба натиҷаи ниҳоии истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъсири хоси худро расонад. Ин ҳолатро ба таври худ Ғаниев Т.Б. ба 6 давра

тақсим кардааст, давраи якум аз пайдоиши коллектив то давраи 6 таназзул (барҳамдиҳӣ), ки хеле ҷолиби диққат мебошад[91, с. 447].

«Инсон дар тамоми фаъолияти худ аз пайдоиш то барҳамдиҳӣ дар давраҳои ҳаёти иқтисодӣ- ичтимоии гуногуни объективӣ ва субективии он пош (барҳам) мехӯрад, ё ба шакл ва миқдори дигаре мегузарад, ки онро замона (иқтисодиёт) тақозо менамояд»[80, С. 60-67].

Аз лаҳзаи қатъ гардидани фаъолияти меҳнатӣ, қувваи корӣ боз ба захираҳои меҳнатӣ табдил меёбад. Ҳамин тариқ, дар муқоиса аз захираҳои меҳнатӣ, иқтидори меҳнатӣ - ин кормандони мушаххасе мебошанд, ки дараҷаи имконпазирии истифодаи онҳо дар истеҳсолот муайян мебошад.

Дигаргунӣ байни ибораи «иқтидори меҳнатӣ», «қувваи корӣ» ва «захираҳои меҳнатӣ» мебошад, вале иқтидори меҳнатӣ -ин қувваи кории шахси алоҳида аст, ки дар он хусусиятҳои сифатиаш ба назар гирифта мешавад. Мафҳуми мазкур имкон медиҳад, ки дар навбати аввал дараҷаи истифодаи тамоюлҳои имконпазир ҳамчун як корманди алоҳида ва ба маҷмуи онҳо баҳо дода шавад, ки дар амал фаъолшавии омили инсониро таъмин карда тавонад ва дуюмин, мувозинати сифатиро дар рушди шахсият ва омилҳои моддии истеҳсолот таъмин намояд.

Яъне, ба фикри мо, ин қобилият дар асоси тараққӣ ёфтан ва прогресси техникӣ коргарро водор месозад, ки қобилияти худро ба кор дарорад.

«Мафҳуми қувваи корӣ якчанд тафсирҳоро дошта, метавонад аз қобилияти кории инсон нисбат ба меҳнат вобаста бошад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ қувваи корӣ муносибатҳоро оид ба ташаккули қобилияти меҳнатӣ – маҷмуи сифатҳои ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, дониш, малака ва маҳоратҳоеро ифода менамояд, ки барои одамон ҷиҳати иҷрои амалиётҳои мушаххаси меҳнатӣ дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ зарур мебошанд.»[164, С. 18]. Дар фаҳмиши мазкур мафҳуми «қувваи корӣ» - ро бо назардошти омилҳо ва шароити ташкили меҳнат, истеҳсолот истифода бурдан мумкин аст.

Иқтидори меҳнатиро метавон ҳамчун категорияи захираҳо баррасӣ намуд, яъне захираҳои меҳнатиеро, ки барои ҳалли ягон масъала, расидан ба

мақсади муайян истифода бурда мешаванд, инъикос мекунанд.

Чуноне ки дар боло қайд намудем, мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ ба вуҷуд омад ва дар шароити идоракунии мутамаркази захираҳои меҳнатии мамлакат истифода бурда мешуд. Дар шароитҳое, ки дар баробари ҳуқуқ ба меҳнат уҳдадории ҳар як шаҳрванди қобили меҳнат (ва ё берун аз истеҳсолот таҳсил намудан) бо қонун муқаррар карда шуда буд, шахсони бе сабабҳои узрнок муддатҳои тулонӣ кор намекарданд, тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд ва метавонистанд аз озодӣ маҳрум карда шаванд.

Баҳисобгирии қатъии омории аҳолии қобили меҳнат - захираҳои меҳнатӣ (дар баробари захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявӣ) яке аз унсурҳои банақшагирии мутамаркази иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Дар асоси омӯзиши асарҳои илмӣ: «Захираҳои меҳнатӣ гуфта, ашхоси қобили меҳнатиеро меноманд, ки дорои дониш, малака ва маҳорати хоси касбӣ буда, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ фаъолият намуда, арзиш ба амал меоранд ва аз натиҷаи меҳнати худ қаноатманданд»[М-12, с 416420]. (ҷадв.1.1).

Тамоми захираҳо, воситаҳои истеҳсолот дар ҷараёни истифодабарӣ арзиши худро гум мекунанд, фарсуда мегарданд, ба таъмири ҷорӣ ва асосӣ зарурият доранд, яъне худро ба таври арзӣ ва физикӣ барқарор менамоянд.

«Чунин ҳолат барои кормандон низ хос аст, вале онҳо хусусияти фарқкунандаи худро дороянд: хислатҳои шахсӣ, қобилияти зеҳнӣ, меҳнати бошуурона, шахс, инсон, қобилияти эҷодӣ ва соҳибкориро доранд ва дар натиҷаи тараққиёти илму техника ҷамъият ташаккул меёбад ва худуди истифодабарии зеҳнии он меафзояд, ки дар натиҷа самаранокии ниҳоӣ афзоиш ёфта, ҳудуди муайяне надорад»[72, С. 23].

Тавре ки дар баъзе ҳолатҳо дида мешавад, дар натиҷаи суръати баланди тараққиёти илмию техникӣ, баъзе захираҳои меҳнатӣ ба он мутобиқ шудаанд, метавонанд ақиб монанд ё маънавӣ коҳиш меёбанд.

**Ҷадвали 1.1- Мафҳум, моҳият ва таърифи захираҳои меҳнатӣ аз нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ**

| Олим | Шарҳи мафҳуми захираҳои меҳнатӣ | Омили муайянкунандаи захираҳои меҳнатӣ |
|---|---|---|
| **I. Олимони хориҷӣ** | | |
| Адамчук В. В. | «Захираҳои меҳнатӣ- бозори захираҳоес, ки дар он на меҳнат ва на қувви корӣ, балки захираи махсусе фурӯхта мешавад, ки хусусияташ аз ҷудонопазирии ҷисмонии он соҳибмулк иборат аст»[69, С. 68-76]. | Қувваи ҷисмонӣ |
| Боровик В. С. | «Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун намуди хоси бозор мебошад, ки шакли изҳори муносибатҳои бозорӣ дар бахши муомилоту фаъолияти қувваи корӣ ҳамчун механизми ҳамкорӣ бар муносибатҳои мубодилаву рақобат асосёфтаи байникордиҳанда ва корманди кироя буда, хоҳиши фаъолият дар ҷойи кориеро дорад, ки ба маҳорату кобилияти касбияш мувофиқ аст»[76, С. 38]. | Қувваи корӣ вобаста аз қобилияти касбӣ |
| Борисов Е.Ф. | «Захираҳои меҳнатӣ соҳаи махсуси муносибатҳои бозорист, ки дар он муомилот оид ба хариду фурӯши қувваи корӣ амалӣ мешаванд»[75, С. 54]. | Қувваи корӣ |
| Костин Л. А.. | «Бозори меҳнат на ҳамчун бозори қувваи корӣ аст, чунки қувваи кориро фурӯхтан мумкин аст, на меҳнатро, зеро меҳнат раванд аст»[104, С. 33]. | Меҳнат ва қувваи корӣ |
| Одегов Ю. Г. | «Иқтидори меҳнатӣ низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни давлат, соҳибкорон ва кормандони кироя дар хусуси истифодабарии қувваи корӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад» [120, С. 256]. | Қувваи корӣ дар истеҳсолот |
| **I I. Олимони ватанӣ** | | |
| Кабутов М.К. | «Ҳангоми баҳо додани самаранокии шуғл, бояд на танҳо аҳолии дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ банд буда, балки дар дигар соҳаҳои меҳнат машғул низ ба инобат гирифта мешаванд» [102, С 14]. | Шуғл, аҳолӣ ҳамчун қувваи корӣ |
| Комилов С. Ҷ. | «Сабаб ва омилҳои шуғли ғайрирасмӣ, тавсифи равандҳои тайёр намудани кадрҳои соҳибихтисос бо назардошти талаботи бозор, қазияҳои шуғли аҳолӣ, омилҳо ва сабабҳои қайди ғайрирасмии шуғли аҳолӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ки онро идора ва ҳаллу фасл меномоянд мавриди таҳлил ва хулосабардорӣ шудаанд»[100, с. 18-19]. | Ташакул ва амалӣ гаштани бозори меҳнат |
| Ғуломов Х.Ҳ. | «Барои муайян намудани шуғл фарқияти номутаносиб миёни миқдори ҷойҳои корӣ ва арзии онҳо вуҷуд дорад. Ин ҷараён дар натиҷаи ба бекории ошкоро табдил ёфтани бекории пӯшида пурзӯртар гашта, дар баробари хусусияти миқдорӣ хосияти сифатӣ ҳам пайдо мекунад»[157, С. 25]. | Дараҷаи шуғл |
| Ғаниев Т.Б. | «Ҳангоми муайян намудани мафҳум ва моҳият, шакл ва хусусиятҳои хоси коллективҳои меҳнатӣ ва талаботҳо оид ба амали гаштани он чунин мешуморад, ки коллективи меҳнатӣ барои иҷрои кори умумӣ муттаҳид гашта, мақсад ва манфиати якхела доранд ва барои ба он ноил гаштан шаш давраро аз сар мегузаронанд»[91, С. 447]. | Коллективҳои меҳнатӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳабибов С.Х., Фақиров Ҳ.Н., Мирзоалиев А. Шарипов Ф. Р. | «Барои муайн намудани эҳтиёҷи умумии корхона ба кадрҳои лозима муодилаи ҳалли онро пешниҳод намудаанд, ки истифодаи он ҷиҳати методии қазияи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатиро ғанӣ мегардонад»[140, С 153-154]. | Эҳтиёҷоти умумии корхона |
| Гулов А. Б. | «Иқтидори меҳатӣ ин маҷмуи хусусиятҳо ва сифатҳои иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва маънавии аҳолии қобили меҳнат мебошад, ки дар як ҷомеаи мушаххас таҳия шудааст ва дар доираи низоми мавҷудаи муносибатҳо дар ҷомеа барои иштирок дар раванди кор ва фаъолияти иқтисодӣ зоҳир мегардад»[155, С. 11-12]. | Аҳолии қобили меҳнат |
| Нуқтаи назари муаллиф | «Захираҳои меҳнатӣ гуфта ашхоси қобили меҳнатиеро меноманд, ки дорои дониш, малака ва маҳорати хоси касбӣ буда, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ фаъолият намуда, арзиш ба амал меоранд ва аз натиҷаи меҳнати худ қаноатманданд»[М-12, с 416420]. | Захираҳои меҳнатӣ |

***Сарчашма:** *Дар асоси асарҳои таҳлилгашта аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст*

Аз ин лиҳоз онҳо бояд дониши худро сайқал дода, малакаи касбии худро баланд бардоранд, ки пешрафти ҷамъиятро таъмин намоянд.

Чуноне, ки олим Беккер Г. С. қайд менамояд: «Одам ҳамчун шахсияти алоҳида дар асоси эҳсосоти дохилӣ ва муҳити берунӣ амал мекунад, бинобар ин, идоракунии мақсадноки захираҳои меҳнатӣ вазифаи асосии илм мебошад»[22, с. 67-68.].

Истифода бурдани мафҳуми захираҳои меҳнатӣ чун воситаи он хусусият, моҳият, қобилияти соҳибкорӣ самаранокии ниҳоии корхона, ташкилот натиҷаи иқтисодии онро таъмин менамояд, лозим мебошад. Яъне, омӯзиши назариявии низоми идоракунии захираҳои меҳнатӣ муайянкунандаи воқеии равандҳои маълумотҳои махсус, нишонаҳои сифатӣ ва миқдории ҳар як кормандро муаррифӣ менамояд, ҳисобида мешаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло таснифи захираҳои меҳнатиро вобаста аз сифати он чунин гурӯҳбандӣ менамоем (расми 1.2).

Таҳлилҳо исбот менамоянд, ки таснифи сифатии захираҳои меҳнатиро ба тарзи гурӯҳбандии омори сохторӣ ва дигар нишондиҳандаҳо таҳқиқ намудан мумкин аст.

Дар тарзи анъанавӣ бошад, бо нишондиҳандаҳои сатҳи муайянкунандаи касбӣ-тахассусӣ, иҷтимоӣ-демографӣ амалӣ мегардад. Омӯзиши нишондиҳандаҳои сохтории ҷараёнҳои демографӣ, дигаргуншавии сатҳи

ичтимоӣ дар мисоли хоҷагиҳои мушахасс ё маҷмуи онҳо муайян мешаванд.




**Расми 1.2-Таснифи сифатии захираҳои меҳнатӣ.**

*Сарчашма: Дар асоси маводҳои омӯхташуда тартиб дода шудааст.*

Аз ақидаи олимони самти иқтисодӣ Х. М. Муҳаббатов, Р. Д. Диловаров, Ш. З. Акобиров бармеояд, ки «Истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ин маҷмуи аҳолии қобили меҳнатро ба фаъолияти меҳнатӣ сафарбар намудан аст»[91, с. 230-231], ки мо онро ҷонибдорӣ менамоем.

Дигаргун гаштани тарзи ташкили истифодаи захираҳои меҳнатӣ, шакли корхона ва коллективҳои меҳнатӣ ҳавасмандии хосеро ба миён меорад, ки онро муҳаққиқ Ф. Тейлор чунин иброз намудааст: «Ташкили меҳнат нақши «чархак»-ро мебозад, то ин ки амалӣ гаштани иҷрои механизми корро мувофиқ намояд».[ 138, С. 65].

Дар асари илмии идоракуни захираҳои меҳнатии олим, муҳаққиқ И. С. Бажутин мафҳуми захираҳои меҳнатро чунин баён намудааст: «Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун аҳолие, ки маҷмуи қобилияти меҳнат намуданро доранд» [81, С. 25]. Ба фикри мо амиқ мебошад.

Барои муайян намудани низоми беҳтарини тарзи истифодаи захираҳои меҳнатиро ба зерсистемаҳои муайян ҷудо намуда, омил ва самтҳои асосиашонро ба шакли зерин пешниҳод менамоем (расми 1.1.3).




**Расми 1.3.- Низоми истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, омилҳо ва самтҳои он**

*Сарчашма: Дар асоси маводҳои омӯхташуда аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.*

«Мақсади асосии рушди низом ва механизми ташкили идоракунӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти бозоргонӣ амалӣ гаштани барномаҳои дарозмуддати қабулшуда оид ба тараққиёт ва ташаккули қобилияти зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, арзишҳо, кормандон, аз он ҷумла, қонеъ гардонидани талабот барои амалӣ гаштани рақобатпазирии истеҳсолот, хоҷагӣ ва бартарии

шахс дар шароити ҳозира аст, ки он бояд доимо дар мадди назар буда, оқилона ташкил ва истифодабариро таъмин намояд, то ки мақсади ниҳоии фаъолият ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ-ба даст овардани даромади (фоидаи) бештар амалӣ гардад» [М-5, 135-142].

Стратегияи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ чун ҷузъи таркибии стратегии иттиҳодияҳо, ҳамкории маҷмуи ташкилот, фаъолияти истеҳсолӣ ва идоракунии онро ифода менамояд.

Ба андешаи мо, амалӣ гаштани истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагӣ, корхона ва ташкилотҳо аз шартҳои муайяне вобастагӣ доранд, ки бархе аз онҳоро чунин иброз менамоем:

– ҳақиқӣ ва амиқии масъала, асосноккунии самт ва вазифаҳои он дар ташкилот;

– муайян ва ба назар гирифтани омилҳои дохила ва беруна дар амалӣ гаштани низоми идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар корхона;

Бо назардошти асарҳои илмии омӯхташуда, ташкили оқилонаи истифодабарӣ ва самаранокии қувваҳои кориро дар асоси омилҳои зерин чунин арзёбӣ менамоем:

1-касбият;

2-ҷавобгӯ будан ба талаботи касбӣ ва ҳавасмандӣ ба фаъолияти касбӣ;

3-фазои ташкилӣ ва таъмини соҳибкасбӣ.

Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ ихтисос ва дониши муайянеро дороянд, вале, мутаассифона, ҳанӯз ҳам ҳиссаи одамоне, ки соҳибкасб нестанд, дар хоҷагии шахсӣ ва хонаводаҳо фаъолият менамоянд, бештар ба назар мерасад. Яке аз сабабҳои он ба монанди серфарзандӣ дар оилаҳо, аз он ҷума дар деҳот, ки ба миллати мо тоҷикон хос мебошад, қазияҳои истифодаи онҳоро ба миён меорад. Барои ҳалли он соҳаҳои асосии хоҷагии халқро инкишоф дода, шабакаҳо, муассисаю ташкилотҳои маданию маишӣ, хизматрасонӣ, таъминотӣ ва ғайраро бештар равнақ додан лозим аст.

«Яке аз онҳо тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод

намуданд, яъне ҳадафи чоруми стратегияи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин саноатикунонии босуръати он мебошад ва мо бояд дар партави пешниҳод ташкили меҳнатро дар корхонаҳои кишоварзӣ боз ҳам оқилона ва самаранок истифода намоем, то ки маҷмуи сохторҳо, ташкилотҳо, давлат ва соҳаҳои мухталифи иқтисодии он дастовардҳои баландро ба даст оранд»[М-8, с. 268-270].

Таҷрибаи корхонаҳои кишоварзӣ оид ба самаранок истифода намудани захираҳои меҳнатӣ исбот менамояд, ки шаклҳои гуногуни ташкили коллективҳои меҳнатӣ вуҷуд доранд ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ, ба фикри мо, риояи принсипҳои зерин лозиманд (расми 1.4).

Ҳар як принсипи дар расми 1.4 овардашуда хусусиятҳои худро доро мебошад, ки онҳоро ҳатман нигоҳ ва амалӣ намудан лозим аст, то ки ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардем.

Дар амалӣ намудани фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ шаклҳои гуногуни ташкили меҳнат вуҷуд доранд: гурӯҳҳои истеҳсолӣ, отрядҳои механиконидашуда, комплексҳои механикунии кишт ва ҷамъоварии ҳосил, гурӯҳҳои корӣ ва ғайра мебошанд.

Гурӯҳи доимии истеҳсолӣ шакли асосии ташкили меҳнат кор мебошад, ки намудҳои он, ба монанди: гурӯҳҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ; ҷузъи истеҳсолии комплексӣ - коргарони якчанд соҳаҳои (иқтисодро, ки аз ҷиҳати) мухталифи истеҳсолиро, ки бо назардошти талаботи агротехникаи мазкур барои ба даст овардани маҳсулот пайваст мегарданд; соҳавӣ ҳангоми амалӣ гаштани истеҳсоли маҳсулоти соҳаи мушаххас равандҳои истеҳсолиро иҷро менамоянд, сарҷамъ мегарданд.

«Дар шароити кунунии вуҷуд доштани шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагиҳо, ки аксаран хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, хусусияти хоси ташкили меҳнатро талаб менамояд. Яъне, шакли асосии бригадаи истеҳсолӣ каму беш мавқеи худро гум карда, шакли оилавӣ, гурӯҳи хурди коллективи меҳнатӣ ба миён меояд»[М-4, с. 113-117].




**Расми 1.4.-Принсипҳои ташкили оқилонаи коллективи меҳнатӣ**

*Сарчашма: Дар асоси омӯзиши маводҳои илми аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст***.**

Чуноне ки исбот шудааст, истифодаи самарабахши меҳнат аз бисёр ҷиҳат аз миқдори оқилонаи он вобаста аст. Шумора ва ҳайати оқилонаи коллективи меҳнатӣ, ки ҳангомӣ ҳалли масъалаи истеҳсолӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд, фаҳмида мешаванд. Дар шароити муосир корманд дар як вақт як ё якчанд кореро ё раванди истеҳсолиеро иҷро менамояд, ки қисми сикли технологии истеҳсолотро ташкил медиҳад. Яъне, ба ақидаи А. П. Ляшеский «Фаъолияти корманд дар он аст, ки дар якҷоягӣ бо кормандони дигар, ки дар асоси кооператсия ва тақсимоти меҳнат, намудҳои муайяни равандҳои

истеҳсолиро (корҳоро) иҷро мекунанд ва дар натиҷа мувофиқи талаботи агротехникӣ маҳсулоти тайёр ба даст меояд, меҳисобад»[72, С. 23].

Ҳангоми иҷрои раванди меҳнатӣ коргарон бо ҳам зич алоқамананд ва дар якҷояги̣ системаи оқилонаи ташкилиро амалӣ менамоянд. Дар системаи мазкур ҳар як коргар дар меҳвари касбӣ вазифаи муайянеро иҷро мекунад, ки он ноил шудан ба ҳадафи ниҳоиро таъмин менамояд. Истифодаи бомуваффақияти кооператсия ва тақсими меҳнат танҳо дар сурате таъмин мегардад, ки хусусиятҳои дар боло овардашуда, риоя карда шаванд (расми 1.5).

| Хусусиятҳои хоси ташкил ва фаъолияти коллективҳои меҳнатии хурд (3-5 нафар) |
|---|
| 1. Устуворӣ |
| 2. Мустақилияти баланди фаврӣ-истеҳсолӣ, истифодаи васеи принсипҳои худидоракунӣ. |
| 3.Сатҳи баланди татбиқи омили инсонӣ (зеҳн, қобилият, дониш, қувва), ҳавасмандии моддӣ. |
| 4.Табиати эҷодии меҳнат, ҳисси соҳибмулк дар асоси интихоби васеи намуд ва навъҳои зироатҳои кишоварзӣ. |
| 5.Кам намудани муҳлати иҷрои равандҳои корҳои саҳроӣ дар натиҷаи ҷорӣ намудани инноватсия. |
| 6.Таъмини иштироки бештар дар тамоми фаслҳои сол ба равандҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ (таъмир, нақлиёт ва ғайра). |
| 7.Паст намудани таъсири мавсими истеҳсолоти кишоварзӣ. |
| 8.Афзоиши маҳсулнокӣ. |

**Расми 1. 5.-Хусусият ва самтҳои асосии ташкили меҳнат**

**Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои дар гардиши илми қарор дошта тартиб дода шудааст.*

Дар расми 1.5 оварда шудааст, ҳангоми ташкил намудани коллективҳои меҳнатӣ 8 хусусияти бо ҳам пайваст ва алоқаманд ҳатман бояд ба инобат гирифта шаванд, ки ҳар яки онҳо мавқеъ ва вазифаи хосеро доро мебошанд, онро амалӣ менамояд ва дар натиҷа, самаранокии дилхоҳи ниҳоӣ ба даст меояд. «Мақсади асосии инсон таъмини бехатари маҳсулнокии меҳнат ва дар натиҷа, беҳ шудани шароити иқтисодӣ – иҷтимоии он мебошад, ки дар навбати худ афзудани дараҷаи касбӣ, зеҳнӣ ва маърифатии коргарро талаб менамояд. Яъне, чи қадаре ки дараҷаи дониш, малака, зеҳн, қобилияти инсон (коргар) баланд гардад, ҳамон кадар маҳсулнокии меҳнати он афзоиш меёбад, ки дар натиҷа ҳолати ниҳоии иқтисодии аҳолӣ беҳтар, устувортар мегардад»[М-6, 46-49].

## 1.2. Асосҳои илмию методӣ, омилҳо ва нишондиҳандаҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Тағйироти миқдории шумораи захираҳои меҳнатӣ бо нишондиҳандаҳои суръати афзоиши мутлақ ва суръати афзоиши нисбӣ тавсиф дода мешавад. Афзоиши мутлақ дар асоси шумораи дар аввал ва охири давраи муайян (моҳ, семоҳа, нимсола, сол) муайян карда мешавад. Суръати афзоиши нисбӣ ҳамчун таносуби шумораи мутлақи захираҳои меҳнатӣ дар охири сол ба бузургии он дар аввали сол муайян карда шуда, ба он омилҳои гуногун таъсири худро мерасонанд.

Ба фикри мо омилҳо, самтҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ки ба натиҷаи ниҳоии соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд, инҳоянд:

- рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзон;
- инфрасохтори соҳаи хизматрасонӣ- таъминотӣ, ёрирасон ва таълимӣ;
- такмили сохтори истеҳсолӣ ва тараққиёти сатҳи илмӣ – техникии он;
- баназаргирии минтақавӣ ва соҳавии шароити истифодаи меҳнат;
- такмили самтҳои ҳавасмандии иқтисодии коргарон ба натиҷаи ниҳоии меҳнат;
- рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;
- дигаргунсозии муносибат нисбати моликият ва тараққиёти хоҷагиҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ;
- такмили низоми баланд намудани дониш ва малакаи кори молистеҳсолкунандагон, тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо (омӯзиш ва бозомӯзиш);
- беҳтар кардани шароити иҷтимоӣ, санитарии гигиении коргарон;
- асоснок намудани низоми бамеъёрдарории хароҷоти меҳнат;
- бунёди ташкилот, корхонаҳое, ки дар асоси он миқдори ҷойҳои нави корӣ пайдо гашта, ба талаботи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият мутобиқ мегардад.

Омилҳои овардашуда хусусият, ҳолату шарт ва шароитҳои таъсиркунандаи худро дороянд, ки ба натиҷаи маҳсулнокии меҳнат бевосита таъсири худро мерасонанд, баромад менамоянд.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки маҳсулнокии меҳнат гуфта, қобилияти меҳнати шахсони мушаххасе мебошанд, ки дар воҳиди вақти корӣ миқдори муайяни маҳсулот (арзиш)-ро истеҳсол мекунанд, фаҳмида мешавад. Маҳсулнокии меҳнат натиҷаи меҳнати мушаххас, самаранокии фаъолияти истеҳсолии мақсадноки инсонро дар воҳиди муайяни вақти корӣ мефаҳмонад. Он мутаносубии миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда ва вақти кории барои он сарфшударо арзёбӣ менамояд.

Чи қадаре ки маҳсулот зиёд истеҳсол шавад, ё ҳар қадаре ки ба як воҳиди он вақти камтар сарф шавад, ҳамон қадар маҳсулнокии меҳнат афзоиш меёбад, барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти он вобастагии зичро дороянд.

Афзоиши маҳсулнокии меҳнат талаботи умумӣ буда, ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодии ҷамъият хос аст. Қонуни доимо баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ мансуб бошад, дар кишоварзӣ ин қонун хусусиятҳои ба худ хос дорад, чунки он аз таъсири шароитҳои табиӣ ва сохтори иҷтимоии соҳа вобаста аст.

Меҳнат ҳамчун раванд доимо зинда мебошад. Дар ҳолате ки раванди меҳнатӣ ба охир мерасад ва натиҷаи он ба маҳсулот, арзиш табдил мегардад, маҷмуи меҳнатӣ дар он таҷассумёфта шакли меҳнати гузаштаро мегирад. Ин натиҷаи меҳнати ниҳоии коргароне, ки воситаҳои асосӣ ва гардонро оқилона истифода мебаранд, акс меёбад ва онро ифода менамояд.

Меҳнати дар давраҳои гузашта ва ниҳоии истеҳсолот сарфшуда маҷмуи меҳнатро ташкил мекунанд. Меҳнати дар давраи охирини истеҳсолот сарфшуда, меҳнати изофа, яъне арзиши навро ба амал меорад аз ин рӯ, бояд нишондиҳандаи самаранокии маҷмуи меҳнат, самаранокии меҳнати сарфшудаю ҳамроҳкардашударо занҷираи изофашудаи арзишро фарқ ва ҷудо намудан лозим аст, ки он ҳамчун омили идоракунии нарх баромад менамояд.

Моҳияти иқтисодии афзудани маҳсулнокии меҳнат ба он ифода меёбад, ки иштирок ва саҳми меҳнати зинда коҳиш ёфта, миқдори меҳнати гузашта баръакс меафзояд, он асосан тараққиёти ҷамъият, ки ниҳоятан ба сарфи маҷмуи меҳнат вобастагии зич дорад, ки дар натиҷа ба як воҳиди маҳсулоти ба даст омада коҳиш меёбад.

Таносуби байни меҳнати зинда ва гузашта дар натиҷаи афзоиши сатҳи мусаллаҳшавии техникии тараққиёти он тағйир меёбад. Аз ин лиҳоз, оид ба таъмини сатҳи истифодаи оқилонаи қувваҳои корӣ амалӣ гаштани натиҷаҳои прогресси илму техника, ки фарқияти меҳнати гузашта ва зиндаро дигар менамоянд ва таъсири бевосита мерасонанд, чораҳои лозимаро ба назар гирифта, амалӣ гаштани онро таъмин намудан лозим аст.

Дар асарҳои илмии самти иқтисодӣ барои ҳисоб кардани истифодаи захираҳои меҳнатӣ, усулҳое пешниҳод шудаанд, ки дар амал васеъ истифода бурда мешаванд.

Ҳангоми муайян намудани сатҳ ва рушди маҳсулнокии меҳнати кишоварзон низоме истифода мешавад, ки онҳо тарзи натуравӣ ё арзиширо дороянд ва аз 4 гурӯҳи мушаххаси бо ҳам пайваст иборатанд, пешниҳод менамоем (расми 1.6).

Дар шароити ҳозираи тараққиёти ҷамъият, ҳар яки омилҳои дар расми 1.6 овардашуда хусусият ва муҳиммияти хосро доранд. Ҳоло ки дар тамоми ҷаҳон қазияи дигаргуншавии иқлим ва таъсири он ба табиат эҳсос ва дида мешавад, муҳим аст, онҳоро бояд молистеҳсолкунандагон ба назар гиранд, барои беҳ шудани онҳо кӯшиш ва роҳҳои манфиатнокро истифода барем. Дар ин самт омилҳои табиӣ-иқлимӣ, ки онро шартан ба гурӯҳҳои мушаххасс ҷудо намудем ва амалӣ ва риоя намудани ҳар яки онҳо ба ҳосилнокии меҳнат таъсири бевоситаи худро мерасонанд, баромад менамоянд.

Се гурӯҳи боқимондаи омилҳои овардашуда низ дар алоҳидагӣ ва маҷмуан самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, беҳтар гардидани шароити ташкилӣ-иқтисодӣ-иҷтимоии он таъсири худро мерасонанд.




**Расми 1.6.-Омилҳои ба маҳсулнокии меҳнат таъсиркунанда**

**Сарчашма: Аз ҷониби муалиф дар асоси маводҳои омӯхташуда таҳия гардидааст.*

Ба фикри мо, ҳам аз нуқтаи назария ва ҳам амалия он мавқеи хосеро дар омӯзиши истифодаи самараноки меҳнат нақши муҳимро мебозад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки сатҳи амалӣ гаштани қувваҳои корӣ шароит ва дараҷаи тараққиёти давлатро муаррифӣ месозанд, миқдор, сохтор ва имкониятҳои захираҳои меҳнатиро муайян намоянд.

Агар мафҳуми аҳолиро шарҳ диҳем, онҳо шахсоне ҳастанд, ки дар ҳудуди муайяни маъмурӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Дар асарҳои илмии нашршудаи самти мазкур бо назардошти ҳолатҳои демографӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ онҳоро ҳамчун аҳолӣ муаррифӣ менамоянд.

Таҳлили миқдорӣ, сохтор, рафти инкишофи аҳолӣ имкон медиҳад, ки тараққиёти иқтисодӣ- иҷтимоӣ, маданӣ, фарҳангӣ ва самтҳои онҳо баҳогузорӣ гарданд, ҳолати мазкур чораҳои лозимаро талаб менамояд. Аз ин бармеояд, ки давлат бояд барои аз байн бурдани ҳолатҳои манфии сохтории аҳолӣ, такмили самтҳои мусбати рушди он, чораҳои заруририро андешад.

Чуноне ки таърихи тамаддуни инсоният гувоҳӣ медиҳад, омӯзиши ҳаёти инсон аз асри XVII оғоз ёфтааст. Дар он руҳонии англис Томас Роберт Малтус бо асари худ: «Назария дар бораи қонуни нуфузи аҳолӣ падидаҳои худро оид ба муаммоҳои он ифшо намудаанд [109, с. 45-52]

Мувофиқи ақидаи олимони мазкур афзоиши аҳолӣ ҳолати прогрессияи геометрӣ, захираҳои хӯрокӣ барои қонеъ намудани талаботи инсон тавсия шудаанд, ҳолати прогрессияи арифметикиро дорост. Қонуни мазкурро ҳамчун асарҳои барҷастаи илмӣ мансуб донистан мумкин аст, аммо он на танҳо нисбат ба қонуни таърихӣ умумибашарӣ на чандон мутобиқ мебошад, балки дар давраҳои амиқи таърих дуруст эътироф карда намешавад.

Вишневская Н. чунин мешуморад: «Яке аз сабабҳои паҳншавии шуғли нопурра дар соҳаи кишоварзӣ ба кормандон имкон медиҳад, ки дар баробари кор ба ҳадафҳои дигар мутаваҷҷеҳ шаванд, яъне тарбияи фарзандон, таҳсилот ё идома додани он ва ғайраро истифода намоянд. Чи тавре ки пурсишҳо нишон медиҳанд, аз миёни «дастмузди иловагӣ- вақти холӣ», масъалан дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дуюмашро бартар медонанд»[24, С. 52-61].

Самти дигари истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки он аз таъмини баробарии тахминии фоидаи шахсони кумакталаб ва он хароҷотҳое, ки аз ҳисоби онҳо раванди мазкур амалӣ мегардад, иборат мебошанд. Ҳангоми баробарии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ чун халқаҳои як занҷир,

механизм, сухан рондан мумкин аст. «Қариб кулли сокинони деҳот, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ на танҳо манбаи асосии гирифтани маҳсулоти озуқа, балки ҷойи кори асосӣ, манбаи асосии даромади оила гаштаанд, ки сатҳи бекориро коҳиш медиҳанд. Вале, таҷриба исбот менамояд, ки истеҳсолоти бузург нисбати истеҳсолоти хурд бештар сармояталаб (3-5 маротиба) ва меҳнатталаб (2-3 маротиба) мебошад, камбудии асосии истеҳсолоти хурд ин имконнопазир будани истифодаи васеи технологияҳои муосир, таъмини бастаҳои калони маҳсулоти хушсифату рақобатпазир мебошад»[30, С. 22-28].

Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои таъмини пурра, пурмаҳсул ва самараноки меҳнат нигаронида шудааст. Бо кор таъмин, шуғл будан бошанд вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро иҷро менамоянд. Ҳангоми ташаккул ва амалӣ гардондани сиёсати шуғли аҳолӣ давлат принсипҳои муайянро истифода мебарад.

Вазифаи иқтисодии шуғли меҳнат таъмин намудани кормандон бо кори аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок барои ба вуҷуд овардани сарватҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият мебошад. Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), ҳамчун ченаки бойигарии тавлидшуда дар дохили давлат баромад менамояд. Ба ибораи дигар, вазифаи иқтисодии шуғл аз он иборат аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ шароити муфид фароҳам оварда шавад.

Татбиқи вазифаи иқтисодӣ аз имкониятҳои ҷомеа, давлат барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои кории аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок, пурра бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ ва самаранок истифодабарии ҳам ҷойҳои корӣ ва ҳам қувваи корӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, ноил шудан ба шуғли пурра, пурсамар ва самаранок вазифаи муҳимтарини сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба маънои васеъ ба ҳисоб меравад ва аз ҷумла, сиёсати шуғл, даромадҳо ва сармоягузориро дар назар дорад.

Зери мафҳуми “ҷойи кории аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ” ҷойи кори ҷисмонӣ фаҳмида мешавад, ки бо воситаҳои истеҳсолӣ (предмети меҳнат, олоти меҳнат, неру, музди меҳнат ва ғайра) барои амалӣ гаштани фаъолияти инсон, иҷрои кор таъин шуда, корманд дар асоси маҳсулнокии баланди меҳнат

имкон фароҳам меорад, ки талаботи рӯз аз рӯз афзун гаштанро таъмин намуда, музди меҳнати лоиқро соҳиб гардад, ки дар натиҷа аҳли оилааш ва шароити ҳаёти хубу гуворо ва рушди онро амалӣ гардонад.

Чунин ҷойҳои кориро бояд кормандони болаёқату пуртаҷриба соҳиб шаванд. Фақат ҳамон вақт ба натиҷаҳои хуб ноил гардидан мумкин аст, ки агар сохтори касбӣ - тахассусии коргар, меҳнат ба талаботи сохтории ҷойҳои корӣ, ки бо назардошти тараққиёти илму техника амалӣ мегарданд, мувофиқат намояд. Бинобар ин, агар талабот ба чунин ҷойҳои корӣ аз ҳисоби пешниҳоди мувофиқи қувваи корӣ қонеъ карда шавад, дар бораи ҳолати мувозинати байни қувваи корӣ ва ҷойҳои корӣ сухан рондан мумкин аст.

Ҷойҳои кории аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ҳатман барои ҷомеа манфиатнок ва пардохтшаванда бошанд, дар ин ҳолат онҳо маҳсулнокии баландро дороянд. Аммо масъалаи мазкур ҷанбаи дигарро низ дорад - он бояд на танҳо шуғли пурра ва пурмаҳсулро таъмин, балки шуғли аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахшро низ амалӣ карда тавонад.

Маҳсулнокии меҳнатро К. Маркс чунин шарҳ додааст: «Оид ба табиати дунамудаи меҳнат ибтидо мегирад, ки мувофиқи он ҳамчун ҳамагуна меҳнат, аз як тараф ин сарфи қувваи кории инсон аз ҷиҳати физиологӣ буда, дар ягонагии меҳнати инсон арзиши молро ифода мекунад. Аз тарафи дигар меҳнат ин сарфи қувваи кории одамон дар шакли махсус, ки қобилияти ба вуҷуд овардани арзиши истеъмолиро дорад, муаррифӣ намудааст»[105, С. 195-196].

Дар фарҳанги иқтисодӣ А.Н. Азрилиян маҳсулнокии меҳнатро чунин шарҳ додааст: «Истеҳсоли маҳсулот, хизмат, маҳсулоти нимтайёр ва ғайра дар воҳиди вақт аз тарафи як коргар, як воҳиди таҷҳизот, як ҷузъи истеҳсолот маънидод мекунад»[78, С. 412].

Ба ақидаи Маҳмадаминов М. «Объекти асосии идоракунии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ин ҷараёни меҳнати ҷамъиятӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва натиҷагирии он, муносибат байни одамон оид ба иштироки онҳо дар ҷараёни меҳнат ва такомули он, инкишофи инсон ва коллективҳои меҳнатӣ, васеъшавии такрористеҳсоли қувваи корӣ ва ғайраҳо баромад мекунанд»[39, С.

64-67]. Чунки дар ҳолати ташкили истеҳсолот вазифаҳои мушаххас ба миён меоянд, ки ҳалли онҳо самаранокии истеҳсолот ва истифодабарии оқилонаи захираҳои меҳнатиро талаб менамоянд лозим мебошанд.

Олим Колесникова С. В. чунин баён намудааст: «Захираҳои меҳнатиро ҳамчун фаъолияти инсон дар сатҳи корхонаҳои алоҳида, соҳаҳо ва иқтисодиёт, чун омили истеҳсолии асосии менамоянд, маҳсулнокии меҳнатро бошад нишондиҳандаи асосии истифодабарии самараноки меҳнат баромад мекунад, меҳисобанд.»[33, С. 153-154].

Олим Козлов А. А. чунин мешуморад: «Аксарияти мутахассисон ба коркарди усулҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ зоҳир мекунанд. Усулҳои анъанавӣ доимо пурра ва васеъ карда мешаванд, ки бо тағйирёбии вазъияти доимии бозор тавсиф карда мешавад»[ 60, С. 512]

Масалан, Дейнека А.В. «Дар таҳлили истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ чун як қатор нишондиҳандаҳоро тавсиф намудааст ба монанди: шумораи вақте, ки аз тарафи як корманд иҷро карда шудааст; нишондиҳандаи истифодабарии фонди вақти корӣ; нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат; дараҷаи истифодабарии фонди музди меҳнат ва ғайраҳо оварда шудаанд»[ 93, С. 198]. Ба фикри мо мавқеи илмӣ-амалиро доранд.

Таҷриба исбот менамояд, ки ҳангоми муайян намудани маҳсулнокии меҳнат ва ҳосилнокии инфиродии меҳнатро ҷудо намудан лозим аст. Чуноне ки Рижков Д. А. иброз намудааст: «Афзоиши ҳосилнокии меҳнати инфиродӣ сарфаи вақти кориро нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот ва ё шумораи иловагии маҳсулот дар воҳиди вақт зарур мебошад. Бузургии миёнаи ҳосилнокии меҳнати коргарон, ки дар барои соҳа ва ё корхона муайян карда мешавад, ҳосилнокии локалиро ифода мекунад» [48, С.170-179]

Яъне, дар натиҷа зери мафҳуми аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок чунин шуғли меҳнатӣ фаҳмида мешавад, ки он ба ҳар як узви ҷомеа - даромади муносиб бо назардошти нигоҳ доштани саломатӣ, баланд гаштани дараҷаи маълумот ва касб афзоиши маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятро таъмин менамояд.

Таърифи мазкур самараи иқтисодиро аз нуқтаи назари сифатӣ пурра шарҳ медиҳад. Камбудии он дар номуайянии миқдорӣ, имконнопазирии ченкунӣ бо ёрии як нишондиҳанда мебошад.

Ин мушкилӣ асосан бо ёрии низоми нишондиҳандаҳо бартараф карда мешавад. Ба фикри мо, аз ҳама мувофиқтарин, ки тасаввуроти амиқ ва пурмазмунро дар бораи шуғли меҳнати самарабахш фароҳам меорад, нишондиҳандаҳои зерин шуда метавонанд:

- дараҷаи шуғли касбӣ (пардохтшаванда);
- ҳолати таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойи кор, дар ҷобаҷогузории оқилонаи онҳо дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт;
- ҳолати сохтор ва тақсимоти оқилонаи аҳолии қобили меҳнат аз рӯйи ихтисосҳо, соҳаҳо ва бахшҳои мухталиф;
- сатҳи шуғлнокӣ ва таносуби он бо ҳолати бекории табиӣ;
- маҳсулнокии меҳнат, меҳнатталабӣ ва меҳнатғунҷоиши истеҳсолот, арзиши аслии он ва дигар индикаторони иқтисодӣ, ки самаранокии истифодаи меҳнатро таҷассум ва муайян менамоянд.

Муайянкунанда ё индикатороне, ки ба рушд ва истифодаи оқилонаи қувваҳои кории онҳо таъсир мерасонанд, бо ёрии он чен кардан мумкин аст, ки онро ба таври зерин пешниҳод менамоем:

- миқдори коргарон - ҳайати коргарон чун захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ- ба таври доимӣ, мавсимӣ ё кироя;
- сохтори кормандон аз тарзи амалӣ гаштани равандҳои меҳнати асосӣ, ёридиҳанда; истеҳсолӣ ё ғайриистеҳсолӣ; маъмурӣ;
- индикаторони муайянкунандаи самти иҷтимоӣ – демографи-фаъолияти ниҳоии хоҷагидорӣ, гурӯҳи захираҳои меҳнатӣ-вобаста аз ҷинс, собиқаи меҳнатӣ, синну сол ва сатҳи маълумот;
- сатҳи тахассусии коргарон бо назардошти касб ва малакаи дониши иҷрокунанда.

Дар самти мазкур тавсияи олимонро, ки нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатиро пешниҳод намудаанд, чунин аст:

- ❖ маҳсулнокии меҳнат;
- ❖ даромад ба як коргар;
- ❖ маҳсулоти истеҳсолшуда дар воҳиди вақти хароҷоти меҳнат бо тариқи арзӣ ё натуравӣ;
- ❖ хароҷоти меҳнат одам (соат) ба як воҳиди маҳсулоти истеҳсолгашта дар миқёси хоҷагиҳои муайян;
- ❖ кам гаштани миқдори иҷрокунандагон, яъне таносуби байни коргарони аз кор рафта нисбати коргарони миёнасолонаи дар хоҷагӣ буда;
- ❖ истифодаи нақшавии вақти корӣ, яъне миқдори вақти кории харҷ гаштаи хақиқӣ нисбати вақти кори нақшавӣ.

Чуноне ки мебинем нишондиҳандаҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар самтҳои алоҳидаи ташкилӣ, иқтисодӣ, истеҳсоли гуногунанд ва мақсади асосии онҳо ин аниқ, муайян ва самаранок ташкил намудани истифодаи оқилонаи онҳо мебошад.

«Барои дар амал муайян намудани эҳтиёҷоти умумии корхона ба кадрҳо, кормандони асосӣ, ёрирасон, идоравӣ (захираҳои меҳнатӣ) гурӯҳи одамон тавсия медиҳанд, ки онро бо ифодаи зерин муайян менамоянд:

Эу= Эа+Эи (1.1)

Дар ин ҷо:

Эу- эҳтиёҷоти умумӣ ба кадрҳо, коргар;

Эа- талаботи асосӣ ба коргарон, коргар;

Эи- талабот ба коргарони иловагӣ, коргар» [140, С. 153-154].

Хусусияти хоси соҳаи кишоварзӣ аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар он ифода меёбад, ки вақти истеҳсолот бо муҳлати истеҳсолот мувофиқат намекунад, бо организмҳои зинда растанӣ ва чорво сару кор дорад, дар соҳаи саноат ин фарқият ба давраи истеҳсолӣ бо вақти истеҳсолӣ мувофиқат менамоянд. Ба ғайр аз он, равандҳои истеҳсолие амалӣ мегарданд, ки иштироки яквақтаи захираҳои меҳнатии бисёр ва гуногункасбро талаб мекунад, ки он на ҳама вақт дар нақшаи тартибдодашудаи истеҳсолӣ ба назар гирифта мешавад. Дар ин ҳолат барои амалӣ намудани ин талаботҳо бо захираҳои меҳнатӣ як

фосила (як маротиба) буда, ҳалли фаврии худро металабанд. Аз ин лиҳоз, ба фикри мо ба нишондиҳандаҳои самараноки истифодабарии захираҳои меҳнатӣ нишондиҳандаи дигар ба мисли эҳтиёҷ барои супориш ё иҷрои корҳои алоҳида ворид гардад, ки он комилан пурра ва ба талаботи соҳаи кишоварзӣ хеле мутобиқ мебошад ва онро ба шакли зерин ифода менамоем:

Эу= Эа+Эи: (1.2)

Дар ин ҷо:

Эу- эҳтиёҷоти умумӣ ба кадрҳо, нафар;

Эа- эҳтиёҷоти асосӣ ба кадрҳо, нафар;

Эи- эҳтиёҷоти иловагӣ ба кадрҳо, нафар.

Барои муайян намудани натиҷаи истфодабарии захираҳои меҳнатӣ аз дастовардҳои илм ва таҷриба роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намудаем.

Барои сода ва амалӣ гаштани ҳисобу китоби он якчанд нишондиҳандаҳои асосии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатиро дар соҳаи аграрӣ, роҳи ҳалли онро муаррифӣ менамоем (ҷадвали 1.2).

Аз маълумоти дар боло овардашуда барои таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ва беҳтару пурсамар гаштани он дар соҳаи кишоварзӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд.

- **Зариби истифодаи қувваи корӣ (Зи)**

$$\mathbf{Зи = \frac{Тк}{Ту} \quad (1.3)}$$

Дар ин ҷо:

**Зи – зариби истифодабарии қувваи корӣ;**

**Тк** - миқдори коргароне, ки бевосита дар истеҳсолот машғуланд-одам.

**Ту**- миқдори умумии коргарон дар соҳа-хоҷагӣ, одам.

- **Зариби истифодабарии вақти корӣ дар як сол (Зи в.к.)**

Агар маҷмуи маҳсулоти истеҳсолшавандаро дар як воҳиди вақт дигар афзоиш дода натавонем, мо имконияти сарфа намудани хароҷоти меҳнатро бояд таъмин намуд, ки маҳсулнокии меҳнат афзоиш меёбад.

- **Зариби истифодаи вақти рӯзи корӣ (З р.к.)**

Яъне, чи афзоиши ҳаҷми маҳсулнокии меҳнат ва чи коҳиш ёфтани хароҷоти меҳнат ба як воҳиди вақт идора карда мешавад. Ва ҳар яки онҳо аз омилҳои таъсиррасони техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайра вобаста мебошанд.

Дар асоси нишондиҳандаи мазкур, мо метавонем маҳсулнокии коргарро зери назорат гирем ва онро идора намоем.

**Ҷадвали 1.2-Методикаи муайян намудани нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Роҳи ҳалли онҳо** | **Омилҳо** |
|---|---|---|
| Коэффитсиенти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, ($К_и$) | $К_и = \frac{Т_К}{Т_У}$ | Ки - коэффитсиенти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ<br>Тк - теъдоди захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот иштироккарда, нафар.<br>Ту - теъдоди умумии захираҳои меҳнатӣ, нафар. |
| Коэффитсиенти истифодабарии вақти корӣ дар давоми сол, ($К_{ВС}$) | $К_{ВС} = \frac{СМ_Ҳ}{СМ_Э}$ | Квс- коэффитсиенти истифодабарии вақти корӣ дар давоми сол<br>$СМ_Ҳ$ - сарфи ҳақиқии вақти корӣ, одам / соат<br>$СМ_Э$ - фонди эҳтимолӣ (нақшавии) солонаи вақти корӣ, одам/соат |
| Коэффитсиенти истифодаи вақти рӯзи корӣ, ($К_Р$) | $К_Р = \frac{В_Р}{В_М}$ | Кр - коэффитсиенти истифодаи вақти рӯзи корӣ<br>$В_Р$ - давомнокии вақти кории ҳақиқии рӯзона, соат;<br>$В_М$-давомнокии вақти кории муайянкардашудаи (нақшави) рӯзона, соат. |
| Коэффитсиенти мавсимияти истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ($К_М$) | $Км = \frac{ТКБ\ max\ (min)}{ТКМ\ мб}$ | Км-коэффитсиенти мавсимияти истифодаи захираҳои меҳнатӣ<br>ТКБ max (min) – иштироки максималӣ ё минималии коргарон дар моҳ, соат<br>$ТКМ_{Мб}$ - иштироки миёнаи моҳонаи коргарон, соат. |
| Маҳсулнокии меҳнат | $Мм = \frac{МУ}{СМ\ (Тк)}$ | Мм- маҳсулнокии меҳнат.<br>МУ- маҳсулоти умумии кишоварзӣ, (бо шакли натуравӣ -сентнер, тонна, дона ё арзишӣ - сомонӣ);<br>См - сарфи меҳнат ба истеҳсоли маҳсулот, одам - соат, одам – рӯз;<br>Тк - теъдоди миёнаи солонаи коргарон, нафар. |
| Заҳматталабии истеҳсолот ё маҳсулот | $Зт = \frac{СМ,\ Тк}{МУ}$ | Зт- заҳматталабии истеҳсолот ё маҳсулот<br>МУ- маҳсулоти умумии кишоварзӣ, (бо шакли натуравӣ -сентнер, тонна, дона ё арзишӣ - сомонӣ);<br>См - сарфи меҳнат ба истеҳсоли маҳсулот, одам - соат, одам – рӯз;<br>Тк - теъдоди миёнаи солонаи коргарон, нафар. |

| | | |
|---|---|---|
| Афзоиши маҳсулнокии меҳнат | $АММ=\frac{ММ1-ММ2}{ММ1}*100$ | АММ- афзоиши маҳсулнокии меҳнат<br>ММ1 – маҳсулнокии меҳнати аввал<br>ММ2 - маҳсулнокии меҳнати баъдан |
| Миқдори фоидаи ба як одам, соат, сомонӣ | $Фм = \frac{Ф}{См}$ | Фм –миқдори фоидаи ба як одам соат, сомонӣ<br>Ф – ҳамагӣ, ҳаҷми фоидаи ба даст омада, сомонӣ<br>См- ҳамагӣ, сарфи меҳнат, одам- соат. |
| Эҳтиёҷот ба миқдори умии кадрҳо | Эу= Эа+Эи | Эу- эҳтиёҷоти умумӣ ба кадрҳо, нафар;<br>Эа- эҳтиёҷоти асоси ба кадрҳо, нафар;<br>Эи- эҳтиёҷоти иловаги ба кадрҳо, нафар; |

**Сарчашма:** *Дар асоси [145-С 84-94, 140, С 153-154] таҳияи гардидааст.*

- **Маҳсулнокии меҳнат**

Нишондиҳандаи мазкур ҳамчун маҳсулнокии меҳнат баромад менамояд, оқилона ва самаранок истифода бурдани қувваҳои кориро дар соҳа ё намуди мушаххаси маҳсулот ифода менамояд.

- Хароҷоти меҳнат ба як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда ҳамчун нишондиҳандаи меҳнатталабӣ.
- Афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ҳамчун нишондиҳандаҳои рушди истифодаи захираҳои меҳнатӣ, муайян карда мешавад.
- Яке аз нишондиҳандаҳои иқтисодии сифатӣ ин ҳаҷми фоидаи ба даст оварда ба як воҳиди хароҷоти вақт, одам, соат мебошад.

Тавре, ки Шарофов У. иброз медорад: «Хусусияти хоси соҳаи кишоварзӣ дар он аст, ки ҳангоми амалӣ намудани равандҳои алоҳидаи кори мавсимӣ (технологӣ) давомнокии рӯзи корӣ гуногун мебошад. Масалан, дар вақти ғунучини ҳосил дарозии рӯзи кории коргарон 10-12 соат буда, метавонад дар фасли зимистон ин нишондиҳанда (равандҳо) 5-6 соатро ташкил диҳад, вале дар соҳаи чорводорӣ речаи давомнокии вақти корӣ куллан фарқ менамояд ва он ба хусусиятҳои физиологии чорво мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, 310 рӯз ё тамоми сол фаъолият намоянд, пас чорводорон дар 1 сол ба ҳисоби миёна 310 рӯз, коргарони саҳроӣ бошанд 220 – 240 рӯз кор мекунанд»[140, С. 45-47].

Аз ин лиҳоз, механизм, роҳҳо ва самтҳоеро, ки баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнатро дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ мегарданд, чунин муаррифӣ менамоем:

- афзоиши сатҳи таъмин будани хоҷагӣ бо фондҳо фондмусаллаҳшавӣ;

-таъмини рушди истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ;

-ворид гаштани технологияҳои захирасарфакунанда, дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ;

-таъмини тарзҳои оқилонаи ташкил ва истифодаи меҳнат;

– баланд бардоштани сатҳи махсусгардонӣ, кооператсия ва интегратсияи агросаноатӣ;

-рушди дараҷаи касбӣ ва ихтисосии кормандони КАС.

Ба назар гирифтан ва ҷорӣ намудани пешниҳодҳо, тавсия дар масъалаҳои муайян намудани истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, равшанӣ андохтан ва роҳҳои ҳалли онҳо, ки оварда шудаанд, маҷмуан имконияти баланд бардоштани дараҷаи иқтисодии меҳнат, сатҳи ичтимоӣ, касбӣ ва ҳаёти инсон таъсири бевоситаи худро мерасонад, акси худро ёфтаанд, сифати таҳқиқоти мазкурро муаррифӣ менамояд.

## 1.3 Хусусиятҳои хос ва масоили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ

Асарҳои илмие, ки ба самти иқтисодӣ, аз он ҷумла ба кишоварзӣ мансубанд мафҳуми меҳнатро ҳамчун фаъолияти мақсадноки инсон, ки дар раванди он иҷрокунанда, коргар ба воситаи олоти меҳнат ба предмети меҳнат, ё худ табиат таъсир расонида, онро шаклан дигар ва ба талаботи худ мувофиқ менамояд, дар ниҳоят арзиши наве пайдо мегардад, фаҳмида мешавад. К.Маркс онро ба тарзи зайл баён намудааст: «Шарти абадии ҳаётии инсон новобаста аз ҳолат ва шароити зисти он доимо дар ҳама шаклҳои ҷамъият якхела баромад менамояд»[105, С. 195-196].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки инсон дар ҳама гуна шаклҳои ҷамъиятӣ ҳамчун истеҳсолкунанда ва истеъмолкуннадаи натиҷаи меҳнати худ муаррифӣ мегардад, яъне меҳнат низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, дар асоси

қонунҳои бозор ва фаъолияти худ талаботро амалӣ менамояд.

Фазои иқтисодии захираҳои меҳнатӣ бо кор таъмин намудан аст, ки дар он харидорон ва фурӯшандагон оид ба нарх ва шароити корӣ ба мувофиқаи тарафайн меоянд. Фаъолияти бозори меҳнат корфармоёнро барои соҳаҳои мухталиф бо коргарон-иҷрокунандагон корҳоро таъмин менамоянд, коргарон бошанд, меҳнаташонро фурӯхта, бар ивазаш воситаҳоеро (пул, даромад) мегиранд, ки ҳаёт ва зиндагии худро таъмин мегардонад.

Меҳнат дар бозор фурӯхта мешавад ва музди меҳнат ченаки арзиши он мебошад.

Ин муқарраротро қайд намуда, ҳангоми баррасии он тавсифи мафҳумҳое, ки моҳияти бозори меҳнат, ташаккул ва фаъолияти онро муайян мекунанд, бояд дар мадди назар бошанд.

Маълум аст, ки дар бисёр мавридҳо бо истилоҳҳои якхела предметҳои гуногун ва мафҳумҳоро меноманд ва баръакс, ҳамон як ашёҳо ва падидаҳоро бо калимаҳои гуногун ифода мекунанд. П.Самуэлсон чунин баён намудааст: «Ин падида диктатураи калимаҳо буда, дар илмҳои ҷамъиятӣ хатарноктарин аст. Ва бидуни ин ҷаҳони мо чунон мураккаб аст, ки мо худамон бесарусомонӣ ва нофаҳмиро ба вуҷуд меорем ва надониста ду калимаи гуногунро барои ишора ба як падида ё мафҳум истифода мебарем, ё ҳамон як калимаро ба предметҳои гуногун истифода мебарем»[125, С. 24-26].

Илми иқтисод таърифҳои меҳнат, раванди онро ҳамчун як ҳолати вазнин, ногувор мешуморад, хусусан олим И.Бентам онро чунин баён намудааст: «Хоҳиш, ҳаракат бе меҳнат худ ба худ вуҷуд дошта наметавонад, он тахаллуси майл ба сарват буда, худи он меҳнат танхо боиси нафратангезӣ шуда метавонад»[82, С. 41].

Мувофиқи таърифи А.Маршалл «Кор ҳар як кӯшиши руҳӣ ва ҷисмонӣ буда, ки қисман ё пурра бо мақсади ба даст овардани ягон натиҷа, бо назардошти ба ҳисоб нагирифтани қаноатмандии бевосита аз худи кори анҷомдодашуда фаҳмида мешавад»[85, С. 1-3].

«Аз миёнаи асри XIX таксимоти синфии меҳнат дар Европа ва Америкаи Шимолӣ дар натиҷаи инқилоби якуми саноатӣ, инчунин инқилоби иҷтимоӣ ва ислохотӣ дар Франсия, Германия ва дигар мамлакатхо амалӣ гаштанд. Асоси баланд гаштани ҳосилнокии меҳнат, дигаргуниҳои дар ҷамъият дидашаванда баланд гаштани дараҷа ва некуаҳволии коргарони кироя коҳиш ёфтани давомнокии рӯзи корӣ, кам имкониятхои гирифтани донишу маълумот ва тағйир додани намудҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки накши васеъро доро мебошанд, таъмин шуданд»[158, С. 54].

Мафҳумҳои меҳнат ва равандҳои эҷодӣ аксар вақт ба ҳам муқобил гузошта мешаванд. Ба ақидаи В.Иноземтсев: «Муосиртарин ангезандаи фаъолияти эҷодӣ ин хоҳиши худи шахс барои амалӣ намудани ҳастии худ дар асоси фаъолияти озод, новобаста аз шароити моддии беруна мебошад»[76, с. 60-63]. Ин ҳолати вуҷуд дошта бошад ҳам, хеле кам амалӣ мешавад ва муҳимтарини он, моҳият ва маънои томи эҷодкорро инъикос намекунад.

Аз таҳлилҳои амалигашта чунин хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки классикони илми назарияи иқтисодӣ мувофики шароитҳои технологӣ ва иҷтимоии замони худ меҳнатро хамчун «саъйю кӯшиши вазнин»-и меҳнаткашон барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарини моддӣ медонистанд. Чуноне ки А. Маршалл қайд менамояд: «Вазъияти кунунии иқтисодиёт ташкили истифодаи меҳнат барои боз ҳам васеътар омӯхтани моҳияти мехнатро тақозо менамояд ва онро далеле муайян мекунад, ки дар асри XX фаъолияти самти эчодӣ ва маънавӣ аҳаммияти торафт бештарро пайдо карда буд, ки онҳо на танхо дар мубодилаи иқтисодӣ иштирок намуда, воситаи рӯзгузаронии миллионҳо одамонро таъмин мекунанд, балки мазмуни меҳнат ҳамчун манбаи ҳиссиёти мусбӣ низ баромад менамуд. Аз ин бармеояд, ки меҳнати ҷисмонӣ дар шароит, ҳолатҳои мувофиқ метавонад, аз худи раванди меҳнатии мушаххаси қаноатмандӣ пайдо кунад»[113, С. 76-78].

Дар адабиёти иқтисодӣ захираҳоро ҳамчун омилҳои истеҳсолот низ муррифи менамоянд. Дар асарҳои худ А. Маршалл «Захираҳоро ба чор омил муайян кардааст: замин, меҳнат, сармоя ва ташкили истеҳсолот ва дар баробари

ин таъкид кардааст, ба маънои муайян танхо ду омили истеҳсолот-табиат ва одам-вуҷуд доранд, сармоя ва ташкили истеҳсолот натиҷаи фаъолияти инсон буда, амалӣ гаштани он бо кумаки табиат сурат мегирад ва аз рӯйи хусусияти пешбинӣ намудани оянда ва омода будани вай ба ғамхорӣ дар бораи оянда идора карда мешавад, аз ҳар нуқтаи назар инсон маркази қазияи истеҳсолот ва қазияи истеъмолот ва оқибатҳои байни дуи онҳо, ки аломати дутарафа-тақсим ва мубодила мебошад. Инсон дар як вақт бо мақсади истеҳсолот баромад менамояд»[113, С. 77].

Дар охири асри XX  дар асарҳои Г.Беккер: «Истилоҳи: сармояи инсонӣ васеъ истифода мешавад. Он ҷузъҳои захираҳои инсониро тавсиф мекунад, ки метавонанд ҳамчун манбаи даромади хонавода, корхона ва кишвар гарданд, яъне сармояи инсонӣ метавонад ҳамчун қобилияти ҷисмонӣ ва эҷодии шахс, дониш, малака ва фаъолияти ӯ баромад намояд»[50, С 67-68]. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми: «Сармояи инсонӣ нисбат ба мафҳуми қувваи корӣ васеътар аст, гарчанде ки дар он ҳеҷ чизи наве ворид нагаштааст, зеро ҷузъҳои қувваи корӣ (дониш ва малака) манбаи даромад мебошанд. Дар амал мафҳуми «сармояи инсонӣ» бештар барои арзёбии даромаднокии сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва такмили ихтисос истифода мешавад» [85, С. 8-9.].

«Барои ислоҳ ва амалӣ гаштани қазияҳои вуҷуддошта дар раванди фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳо, ки дар он захираҳои меҳнатӣ ҳамчун яке аз воситаҳои истифодашаванда баромад менамоянд ва алоқаманд мебошанд, нишондиҳандаҳо, ченакҳо, коэффисиентҳои муайяне, ба монанди фоидаи маҳсулнокии меҳнат, сатҳи даромаднокӣ, дар маҳсулотҳои умумӣ ва гуногун ҳисоб карда мешаванд, ки дар асоси онҳо баҳодиҳии сифатӣ оид ба тарҳрезӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур амалӣ мегардад, таҷрибаи мазкурро дар сатҳи гуногуни истеҳсолот аз хоҷагӣ то иқтисодиёти миллӣ истифода бурдан мумкин аст»[164, С. 18].

Баҳодиҳӣ ба натиҷаи меҳнати иҷрокунанда маҳсулнокии он, ки ба ҳаҷми музди меҳнати кормандон таъсир мерасонанд, бо назардошти омилҳо  дар

мисоли давлатҳои хориҷии ҷаҳон ба таври зерин гурӯҳбандӣ шудаанд (ҷадв. 1.3).

Дар ИМА ҳангоми ташкили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, ҳангоми интихоб ба вазифа дар сатҳи роҳбарият ё худ кормандони алоҳида ба вазифаҳои мушаххас ба сифати касбии онҳо малака ва фаъолияти идоракунӣ, арзишҳои маънавӣ ва натиҷаи шахсӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 1.3.-Омилҳои таъсиркунанда ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ.**

| Давлат, мамлакат | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| ИМА | Мураккабии шакл ва тарзҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ, сатҳҳо амали гаштани онҳо, мустақилона ё ба ҳамкорӣ, зарурияти қабули қарорҳо, мавҷудият ё ворид намудани навгониҳо дар технология, раванди корӣ ва иҷроиши он таҷрибаи корӣ, малака дониш, уҳдадориҳо. |
| Иттиҳоди Аврупо | Фишангҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ бо назардошти таххасуснокӣ, малака ва дониш, синну соли коргарон вобаста ва алоқаманд мебошад. Фишангҳои сармояи асосӣ, ки ба амалӣ гаштани технологияҳои инноватсионӣ ҳампайваст мебошанд. Фишангҳои ташкилӣ ва тарзҳои идоракунии коллективи меҳнатӣ, ҳайати кормандон ва шахсони алоҳида-иҷрокунанда (коргар) дар ташкили истеҳсолот бо назардошти самтҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ ва сармояи асоси алоқаманд буда, дар якҷоягӣ, ба ҳам пайваст, амалӣ мегардад, дар бар мегиранд. |
| Шветсия | Ташкили меҳнат дар мамлакати мазкур ба таври ғайри марказонидашуда буда, давлат дар фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳо дахолат намекунад, онро дар худи бозори меҳнат бо назардошти хароҷоти ичтимоиикқтисодӣ ҳаёти инсон то ҳадди ақал амалӣ мегардонанд, дар бар мегиранд. Муҳтавои тарзи таъсири давлат ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ-ҳамчун муносибат ва дар таъмини рушди аксари истеҳсолоти бахши хусусӣ ва аз нав тақсимкунии фоида аз тарафи давлат бо тарзи низоми андозбандӣ амалӣ мегардад. Дар ҳолати мазкур иштироки фаъолияти давлат дар баланд намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ бе дахолат ба фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳо нигоҳ дошта мешавад. |
| Ҷопон | Ташкили меҳнат ва пардохти музди он дар алоқамандӣ бо анъанаҳои мардумии он ки аз рӯйи ҷинс фарқият доранд ва дар давраҳои ҳозира ҳам нигоҳ дошта мешаванд; тарзи ҳисоби музди меҳнати кормандон бо назардошти афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва истифодаи мушаххаси онҳо амалӣ мегардад. |
| Федератсияи Россия | Ташкили меҳнат ба тарзи коллективи дар асоси қонунҳои давлат, меҳнатӣ озод шаклҳои гуногуни истифодаи он аз алоҳидагӣ то гурӯҳҳои бузурги истеҳсолӣ, баланд бардоштани сатҳи ичтимоии аҳолӣ ба тариқи ҷори намудани имкониятҳои гунонуни он; музди меҳнат дар асоси кироя, ва шартномаҳо ва низоми вуҷуд доштани он. Кафолати музди меҳнати ҳадди ақали кормандон, нафақа ва дигар самтҳои ичтимоӣ, ки аз тарафи давлат таъмин мегардад. |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [158, С. 51-52].*

Шакли ташкили меҳнат дар ширкатҳои давлати мазкур ба таври гурӯҳӣ ва индивидуалӣ амалӣ мегардад. Тарзи ташкили гурӯҳи асосан ба кормандони гурӯҳи муайяни идоракунии сатҳи миёна тааллуқ ё ташкилот, ба таври кироя фаъолият менамоянд.

Тайёр кардани кормандони сатҳҳои гуногун, ки ба воситаи таҳсилот амалӣ мегардад, дар асоси нақшаҳои сармоягузории дарозмуддати низоми таҳсилот, ки сатҳи зист ва шароити хуби меҳнатӣ аз тарафи давлат ба нақша гирифта мешавад. Сиёсати мазкур имконияти хуби имконпазири инсонро фароҳам меорад. Яъне, шахси қобилияти хуби зеҳнӣ, дониш, сифатҳои хуби омӯзишро дорост, давлат дастгирӣ ва кумаки молиявиро таъмин менамояд.

Дар ҳолатҳои алоҳида барои амалӣ намудани рушди истеҳсолот, тараққиёти иқтисодиёт давлат ҷалби мутахассисон, олимон, кормандони беҳтаринро аз хориҷи кишвар ҷалб намуда, тамоми шароитҳоро фароҳам оварда, онро истифода мебарад.

Тарзи ташкили меҳнат ва пардохти музди он ҳолати хосеро дорост, ки мувофиқи он ҳар як корманд барои дастрас шудан ба талаботи худ мустақил мебошад, аз ин лиҳоз корманд дар раванди меҳнатӣ вобаста аз мақсад ва манфиати шахсии худ фаъолият менамояд .

Нақшаи роҳбарият дар натиҷаи фаъолияти ниҳоии ширкатҳо, ташкилотҳо хеле бузург ва назаррас мебошад.

Аз ин бармеояд, ки дар шароити иқтисодиёти  бозоргонӣ бояд диққати махсус ба тарзи идоракунии ҳайати кормандон, корхона, ташкилот дар сатҳи баланд ширкатҳо, корпоратсия ва холдингҳо акси худро ёбад. Бояд ба сармояи инсонӣ, хусусан зеҳнӣ такя намуда, корхонаҳо метавонанд дар бозор рақобатпазир гарданд.

Дар баробари афзалиятҳои вуҷуддошта тарзи ташкил ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ба фикри мо, чунин камбудиҳоро дороянд:

-одати куҳнапарастӣ, ба назар нагирифтани пешравӣ дар ҷорӣ намудани тарзҳои пешқадами усулҳои идоракунӣ, ки ба ташкили меҳнат ва музди он монеъ мегардад;

-афзалияти бештар ба мутахассисони тахассуси маҳдуддошта дода мешавад, на ба мутахассисоне, ки дорои дониши васеанд;

-бартарии натиҷабардории ҳозира, фоидаи пешомада ба маънои ҳозиру ҳузури на ба даромади устувори доимӣ дода мешавад.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷахон, аз он ҷумла Иттиҳоди Аврупо дар раванди истифодабарии оқилона ва самараноки захираҳои меҳнатӣ ҷолиби диққат аст. Мутобиқи асарҳои илмӣ ва таҳқиқоти олимони кишварҳои мазкур, аз он ҷумла Долженко С.Б. ва Малишев Д.С. чунин баён гаштааст: «Шарти асосии баланд бардоштани истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ фаъолияти инноватсионӣ баромад намуда, зарурати заминаҳои таърихии ташаккулёбии низоми муосири муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳосилнокии меҳнат қайд карда мешавад»[92, с 95- 111].

Чуноне ки таҷриба исбот менамояд: «Дар Ҷопон, Олмон ва ИМА аз ҳисоби ҳосилнокии меҳнат, ҳаҷми асосии рушди иқтисодӣ амалӣ мегардад, гарчанде, дар мавридҳои муайян, сатҳи он коҳиш ёфта бошад ҳам, бо вуҷуди ин омили мазкур асоси идоракунии истеҳсолот боқӣ мемонад. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат заминаи рушди иқтисодро ва шиддатнокии онро таъмин менамояд»[62, С. 15].

Л. А. Костин чунин мешуморад: «Таҷдиди иқтисод танҳо дар заминаи афзоиши ҳолилнокии меҳнат ва фаъолнокии соҳибкории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ имконнопазир аст. Дар ин бора алҳол дар мақолаҳои алоҳидаи иқтисодшиносон гуфта мешавад»[104, С. 33].

Адабиёти илмӣ гувоҳӣ онанд, ки дар кишварҳои Аврупо ташкилотҳои ҷамъиятии иттифоқи касаба дар тамоми соҳаҳо иқтисодии давлат, новобаста аз шакли он, хело паҳн гаштаанд, ки ҳуқуқи кормандонро ҳифз менамоянд. Натиҷаи фаъолияти ташкилоти мазкур бо нишондиҳандҳои истифодаи меҳнат, маҳсулнокӣ ва музди он, афзоиш ва беҳтар гаштани шароитҳои корӣ, риоя намудани талаботҳои таъмини бахатарии ҳаёт, ки ба ҳавасмандии онҳо таъсир мерасонанд, чен карда мешаванд. Таъсири фаъолияти иттифоқи касаба ба ҳолати мазкур ҳосилнокии меҳнат муҳлатаи на чандон дароз буда, танҳо ба

самти шуғли тахассуснокӣ таъсири бевосита мерасонад. Маъмул аст, ки ба рушди ҳосилнокии меҳнат, ташаккулёбии нишондиҳандаҳои вазъи сиёсӣ низ таъсирӣ мусбӣ мерасонад. Аз ин бармеояд, ки дар натиҷаи ҳамкории муфиди корхона, ташкилотҳо ва иттифоқи касаба, ҳолатҳои баҳсталаб, нофаҳмиҳо, нобаробариҳоро байни коргарон ва корфармоён бартараф шуда, мақсади асосӣ истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ (қувваи корӣ) амалӣ мегардад.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, аз он ҷумла Олмон, Фаронса, Итолиё ба самти идоракунии захираҳои меҳнатӣ асосан ба шакл, ташкил ва истифодаи гурӯҳии меҳнат, яъне коллективи меҳнатӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки он ҳамчун фишанг ё механизми ташаккули самаранокии он баромад менамояд, амалӣ мегардад. Дар натиҷа, истифодаи шакли мазкур принсипҳои тақсим ва якҷоякунии он амалӣ гашта байни коргарон, иҷрокунандагони равандҳои меҳнатӣ, ҳолати хуби корӣ имконпазир ва натиҷаҳои дилхоҳ ба даст меояд.

Баланд бардоштани касбият, дониш ва тахассуси коргарон, марказҳо, ташкилотҳои омӯзиш ва бозомӯзиши касбӣ ба таври шифоҳӣ ё фосилавӣ дар коллеҷҳо аз тарафи давлат пардохт карда мешаванд, ки дар натиҷа гирифтани дониши ҳаматарафа, беҳтар ва ҳаҷман калон амалӣ гашта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат менамояд.

Давлати Ҷопон ҳамчун мамлакати пешрафта ва иқтисодиёти боқувват дошта ҳисобида мешавад, ки он асосан аз оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи баланди дониш, касбият, малакаи коргарон манша мегирад. Дар ташкили истифодаи самараноки меҳнат ба инкишофи қобилияти зеҳнии ҳар як иҷрокунанда, корманд диққат дода мешавад.

Самти иқтисодӣ, истеҳсолии он саноат буда, мавқеи хосро саноати электронӣ-компютерӣ, мошинсозӣ ва асбобу ашёи дақиқ ишғол менамоянд. Ҳолати мазкур коргаронро водор месозад, ки барои ташаккул, рушд ва баланд намудани сатҳи инкишофёбӣ, дониш, малака, ки ба меҳвари талаботи истеҳсолот, равандҳои технологии он, барои таъмини баланди маҳсулнокии меҳнат таъсири бевосита мерасонанд, диққати махсус диҳанд ва барои инкишофи худ доимо ҳаракат намоянд.

«Таърих гувоҳ аст, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳони асри гузашта иқтисодиёти давлати Ҷопон хеле коста ва хароб гашта буд, барои барқарор ва таъмини иқтидори он, аз ҷумлаи захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун омили асосӣ, онҳо меҳнатро интихоб намуда, барои амалӣ гаштани он шахсони болаёқатро (хусусан, ҷавонон) новобаста аз ҷинс ва синну сол, барои гирифтани дониш, омӯхтани технологияи муосир, касбият, тахассус ва маданияти фарҳангӣ-техникӣ дар сатҳи гуногуни тайёр намудани мутахассисон ба давлатҳои Аврупо равона намудаанд.»[45, С. 34]. Дар ИМА бошад муҳлати муайян, сатҳи дониш ва касбияти болоро омӯхта, ҳамчун мутахассиси варзида ба мамлакати худ баргашта, фосилаи на чандон дароз барқароршавии иқтидори иқтисодии онро таъмин намуданд, ки Ҷопон ба сафи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон мавқеи хосро ишғол намуд. Ин аст намунаи оқилона истифода бурдани иқтидори зеҳнии инсон, ҳамчун қувваи истеҳсолкунда.

Чунин ҳолат ҳамчун, принсипҳои асосии ташкили истифодаи оқилонаи меҳнат- тақсим ва кооператсияи он махсусгардонии дақиқ бевосита тааллуқ доранд ва натиҷаи дилхоҳро тамин менамояд.

Амалӣ намудани равандҳои идоракунии ҳайати кормандони истеҳсолот ҳамчун омили таъмин намудани ниҳоии маҳсулнокии меҳнат дар корхона, хусусиятҳои хоси худро дороянд, ки як қатори онҳоро чунин муаррифӣ намудан мумкин аст: нигоҳ доштани самтҳои иқтисодӣ-ҳаётии кормандон, ташкили музд ва баланд бардоштани тахассус, дониши талабгорон дар дохили корхона, ташкилот, ҷузъҳои махсус оид ба амалӣ намудани назорати фаъолияти ҷорӣ аз натиҷаи ниҳоии меҳнат (чуноне ки дар давраи шуравӣ дар ҳар як ташкилотҳои истеҳсолӣ шуъбаи махсус «ОТК Отдел технического контроля», «НТМ назорати техникии маҳсулот » мавҷуд буд.

Тарзи дигари идоракунии меҳнат дар давлати мазкур дар асоси анъанаҳои бисёрасраи он манша мегирад ва он дар Шарқ, хусусан давлатҳои Осиёи Миёна ва Араб, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмул ва то ҳол нигоҳ дошта мешаванд, ин ҳурмати калонсолон, муомилаи хубу боодобона мебошад.

Дар натиҷаи ноил шудан ба сатҳи гуногуни истеҳсолот, хусусан гурӯҳҳои роҳбарияти он ҷойивазкунии сатҳи гуногуни кадрӣ, ҳар панҷ сол дар асоси фазои кушод, озод, бо истифодаи ахбори иттилоотӣ байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ, ишғоли вазифавӣ, ки дар давлати мо низ ҷорӣ гаштааст гузаронида мешаванд.

Ташкили оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар асоси низоми мазкур амалӣ шуда метавонанд, ба монанди:

- якдилии умумӣ чун асоси таъмини самараноки фаъолияти корхонаю ташкилотҳо;

- иҷроиши сифатан баланди раванди меҳнатӣ;

- амалӣ гаштани рақабтпазирӣ байни иҷрокунандагон;

- низоми қабули қарорҳо аз сатҳи поёнӣ то сатҳи болоӣ;

- аъзои коллектив ҳамчун нафари оила ҳисобида мешавад;

- таъмини ҳатмӣ бо ҷойи кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ.

Тавре ки мебинем, дар низоми мазкур омили асосие, ки ба раванд, самт, ташкили оқилонаи меҳнат бевосита таъсири мерасонанд, ё бо ёрии онҳо ҷараёнҳо, равандҳои идоракунии коргарон- захираҳои меҳнатӣ акси худро ёфтаанд, ҷолиби диққат буда, мавриди истифодабарӣ шуда метавонанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ, аз нуқтаи назари дастгирии давлат соҳибкорони давлатӣ то 70% хароҷотҳои умумии деҳқононро давлат чуброн менамояд ва ҷои аввалро соҳиб аст, таносубан давлатҳои Авро-Осиё-50%, Канада- 40%, ИМА-25% ишғол менамоянд, ки таъмини аҳолии деҳотро бо ҷои корӣ, даромади муносиб, ҳолати иҷтимоӣ ҳаёти хубро амалӣ менамояд.

Ҳавасмандӣ яке аз фишангҳои амалӣ гаштани истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун захираи беҳтар ва афзуншаванда баромад менамоянд. Масъалаи мазкур дар давлати Ҷопон бо самтҳои ба худ хос ҳаллу фасл мешаванд.

Фарқияти музди меҳнати кормандони нави ба кор қабулгашта аз ҳисоби собиқадорони меҳнат, яъне он сол аз сол зиёд гашта, то 2-2,5 маротиба фарқ дорад.

Вақте ки коргар аз як ширкат ба ширкати дигар мегузарад аз иловапулиҳо маҳрум мегардад. Чун шакли ташкил ва пардохти иловагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дида мешаванд, фақат дар мо ба ҷойи иловапулӣ то 10 рӯзи корӣ рухсатии меҳнатии пардохтшаванда мавриди истифода қарор ёфтааст.

Дар Ҷопон ба ҳайати қувваҳои корӣ занон шомил буда, хусусиятҳои хоси истифодашавиро дороянд. Азбаски занон аз нуқтаи назари физиологӣ, қувваи ҷисмонӣ, суръати иҷроиши кор нисбати мардон фарқият доранд, онҳо ба назар гирифта мешаванд. Занҳо асосан ҳамчун коргари кироя соатбайъ истифода шуда, дар ҳолатҳои коҳишёбии бозори мол, баланд шудани сатҳи бекорӣ, аввалан занҳо осеб мебинанд. Сатҳи музди меҳнати занҳо нисбат ба мардон ду маротиба паст аст. Ба фикри мо чунин муносибат ба занҳо ҳам аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳам маънавӣ на чандон муносиб буда, ислоҳоти худро металабад.

Дар давлати мо чунин нобаробарӣ вуҷуд надорад, баръакс Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати занон диди хосеро дошта, мавқеи онҳоро дар ҷамъият, баробари мардҳо нигоҳ медорад ва дар баъзе мавридҳо бартарияти онҳоро қайд менамояд, ки аз нуқтаи назари маданият, одамият ва иқтисодӣ комилан дуруст аст.

Ҳолати таҳлили ташкил ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар давлати Шветсия нишон медиҳад, ки дар давлати мазкур низоми ғайримарказонидашудаи борзоргонӣ вуҷуд дорад. Яъне, давлат ташкил ва истифода бурдани захираҳои меҳнатиро дар доираи корхона, ташкилот, ширкат мустақилиятро ба худи онҳо ҳавола намуда, давлат ба он фақат бо сиёсати андозбандӣ ва самти иҷтимоӣ бозори меҳнатро идора намуда, онро ба ҳадди ақал мутобиқ менамояд.

Шакли ташкил ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ озодона, ба тариқи шартномавӣ байни кордиҳанда ва иҷрокунанда амалӣ мегарданд. Ташкили меҳнат дар соҳаи кишоварӣ мувофиқи қонунҳои иқтисоди бозоргонӣ амалӣ гашта, принсипи озодиро дорост. Дар соҳаи мухталифи кишоварзӣ вобаста аз шакли моликият, давлатӣ, кооперативӣ, шахсӣ-низоми давлатӣ вуҷуд доранд, ки дар асоси он қонунҳои мазкур қабул ва риоя мегарданд.

Дар соҳаи кишоварзӣ замин ҳамчун воситаи асосӣ баромад мекунад, вақти истеҳсолӣ бо муҳлати истеҳсолӣ мувофиқ намеояд. Таъсири иқлиму табиат, ҷойгиршавӣ, махсусгардонӣ, аз он ҷумла дараҷаи дониш, малака, касбияти захираҳои меҳнатӣ хеле таъсирбахш буда, ба натиҷаи ниҳоии меҳнат ва шаклҳои истифодаи он талаботи хосеро тақозо менамоянд. Ташкили меҳнат, гурӯҳиро, ба монанди оила, звено, бригадаи истеҳсолӣ буда, дар асоси қонуни давлат оид ба меҳнат ва музди он идора карда мешавад.

Чандин солҳо дар давлати Шветсия аз рӯйи нишондодҳое, ки на танҳо сифати рушди иқтисодӣ, балки сифат ва ҳолати зисти аҳолиро тавсиф мекунанд, ки шартан ба як муайянкунандаи умумӣ индекс-чен карда мешавад, рушди инсонӣ, шароити экологӣ, таъмин ба манзил, дастрасии комил ба маориф, илм, маданият, варзиш, тиб ва ғайра. Чуноне ки маълум аст, сифати зиндагӣ на танҳо аз сатҳи зиндагӣ, ҳаёти инсон, балки аз бисёр омилҳои дигар, ки бе восита вобаста мебошад, ба консепсияи иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар дохил карда шудаанд.

Стандартҳои иҷтимоии Шветсия дар муддати тулонӣ дар зери таъсири омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд, онҳо доираи васеъ доранд , ки чанде аз онҳоро муаррифӣ менамоем:

- амалӣ гаштани хизматрасонии тиббӣ ва низоми мақсадноки дастгирии иҷтимоӣ дар ҳамаи ҳолатҳои ҳаёт (беморӣ, маъюбӣ, бекорӣ, пиронсолӣ, таваллуди кӯдакон ва ғ.);

-набудани фарқият аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, миллат, дин, ҷинс;

- таъмини манзили зист;

-таъмини аҳолӣ аз истифодаи махсулоти пастсифат;

- таъмини ройгони таҳсил ва касбомӯзӣ дар ҳамаи зинаҳои он аз ибтидоӣ то олӣ;
- имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ.

Низоми ҳавасмандии ташкил ва истифодаи меҳнат дар асоси шартномаи байни иттифоқи кордиҳанда ва иттифоқи касабаи кориҷрокунандагон муайян мегардад. Дар Шветсия зиёда аз 90% кормандон ба иттифоқи касаба шомиланд, ки он дар асоси принсипҳои музди меҳнат ва фарқияти байни музди меҳнати минималӣ ва максимали ва соҳаҳои иқтисодии давлатро таъмин менамояд, байни соҳаҳо фарқият надошта, музди меҳнати якхеларо ба даст меоранд.

Дар бастани шартнома гуфтушунид байни тарафҳо амалӣ мегарданд ва дар онҳо чорчӯбаи музди меҳнат ва дигар ҳолатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тарафҳо ҳаллу фасл мегарданд.

Гуфтугӯ-музокира асосан се давраро дар бар мегирад.

Якум: Дар музокира (гуфтушунид) маркази асосии ташкилотҳои тарафайн иштирок менамоянд. Звенои асосӣ-роҳбарияти онҳо, ки масъалаҳои глобалии оид ба ҳалли музди асосии меҳнати ҳамаи коргарон ва корхонаҳо акси худро меёбанд;

Даври дуюм: Масъала, қазияҳои мазкур дар сатҳи ташкилотҳои соҳавӣ мушаххас, ки шароит ва хусусиятҳои хоси онро ба назар мегирад.

Давраи ниҳоӣ, яъне сеюм гуфтушуниди ташкилотҳои тарафҳои мазкур бевосита дар доираи корхона байни иттиҳодия, фирма, комитети иттифоқи касаба ва раёсати корхона муайян ва қабул мегардад, ки дар он ташкили меҳнат, иштирок дар равандҳои меҳнатӣ, ҳаҷми музди меҳнат ва дигар ҳавасмандӣ ва уҳдадориҳои тарафайн акси худро ёфта, тасдиқ мегардад.

Барои таъмини рушди сатҳи музди меҳнат, иқтисодиёти мамлакат, давлат низоми оқилонаи омӯзиш ва бозомӯзиш ва тақсими захираҳои меҳнатӣ ва ҷо ба ҷогузории кумаки иҷтимоӣ ба бекорон роҳандозӣ намудааст, ки дар натиҷа сатҳи бекорон хеле коҳиш ёфтааст.

Дар Федератсияи Россия музди меҳнат шакли корбайъ ва дар ҳолати лозима вақтбайъ буда, низоми махсуси худро доро буда, аз тарафи давлат риоя

мегардад. Низоми мазкур ҳолатҳои таъмин бо ҷойи корӣ, ташкили меҳнат, таъмини даромад, ҳолатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маданӣ-маърифатӣ ва дигар талаботҳоро дар бар гирифта, иҷрои онро давлат кафолат медиҳад.

Самти иқтисодӣ ва истеҳсолии он аз истеҳсол то истеъмолкунандаи ниҳоӣ: коркард-нигоҳдорӣ, фурӯш гирифтани даромад, фоида, тақсими он таъмини такрористеҳсолкунии васеъ, сиёсати иҷтимоӣ, кадрӣ, маданӣ, маишӣ ва ғайра ба уҳдаи молистеҳсолкунандагон во гузошта шудаанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ музди меҳнати корбайъ ё кироя тавсия шуда, хеле васеъ амалӣ мегардад, ки ҳаққи меҳнати гузошташуда дар асоси қонуни иқтисодӣ дар тамоми соҳаи мазкур аз миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда ҳисоб (пардохт) мешаванд. Барои амалӣ гаштани равандҳои истеҳсоли меҳнат бо назардошти муҳлат (мавсим), сифат ва ғ. иловапулиҳо дар назар дошта шудааст. Аз ин лиҳоз, шакли музди меҳнати корбайъи мукофотиро дар бар мегирад. Дар ҳолатҳои мушаххас, натиҷабарории сарфи меҳнат ва шакли вақтбаъй-мукофотиро истифода менамоянд.

Фишанги асосии идоракунӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар чорчӯбаи қонун ва сиёсати давлат буда, асосан он бо тарзи андозбандӣ амалӣ мегардад.

Давлат ба тамоми хоҷагиҳои халқ, аз он ҷумла соҳаи кишоварзӣ кафолати таъмин (пардохти) даромади ҳадди ақалро идора ва таъмин, кафолат медиҳад, самти иҷтимоии ҳаётӣ низ дар ҳолатҳои зарурӣ аз тарафи давлат пардохт ё амалӣ мегарданд.

Ба фикри мо барои таъмини оқилонаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо омилҳои зерин таъсиррасон бояд риоя ва амалӣ гарданд:

-ҳамкории давлат дар сатҳи иҷтимоӣ барои тамоми коргарони соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан кишоварзӣ (коҳиш ёфтани фарқияти байни деҳот ва шаҳр);

-равнақ ва мутобиқ гаштани низоми меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти ташкили меҳнат ва музди он;

-танзими бозори меҳнат дар асоси истифода намудани низоми шартномаҳо;

-мавҷудияти низоми таъсиррасони ташкилоти иттифоқҳои касаба ва таъмини ҳимояи ҳуқуқии аъзоёни он;

-ҳамдигарфаҳмӣ ва баробарҳуқуқӣ ҳангоми ҳамкории тарафайн;

-озодӣ дар иштирок ва таъсири давлат ба он дар асоси қонунҳои марбут байни кордиҳанда ва коргар (иҷрокунанда).

Амалӣ ва риоя намудани самтҳои тавсияшуда ҳамчун механизмҳои таъминкунандаи самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва беҳтар гаштани ҳолати иқтисодӣ ва шароити иҷтимоии аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонанд, мебошад.

Таҷрибаи истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ дар мисоли як қатор давлатҳо таҳлил гашта, соҳаҳои муайяни он, хоҷагиҳо омӯзиш, таҳлил, муайян ва амалӣ намудани истифодаи қувваҳои истеҳсолӣ-меҳнати коргарро талаб менамояд, дар самти мазкур аз ҷониби давлат, вазоратҳо, хоҷагиҳои истеҳсолӣ, шаклҳои бехтарини ташкили истифодаи захираҳои меҳнатӣ хусусан самти иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ-чорабиниҳо ва роҳи ҳалли онҳо бояд тарҳрезӣ ва қонунан амалӣ гарданд. «Барои амалӣ гаштани он бояд ба масъалаҳои зерин тавсияҳои хосе зоҳир намудан лозим аст. Якҷоя ва махсусгардонии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, якҷоя намудани корхонаҳои хурд ва миёна ба бузург, таъмини кластерҳои соҳавӣ, рушди соҳаи саноат дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, такмили омӯзиш ва бозомӯзиш, гирифтани касб дар асоси литсейҳои касбӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани низоми музди меҳнат бо назардошти пардохти он аз миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда (таҷрибаи давлати Шветсия), ташкили меҳнати коллективии махсусгардонидашуда ё оилавӣ (таҷрибаи давлати Ҷопон, Федератсияи Россия) оид ба баҳисобгирии меҳнат ва омори ҳисоботии он аз ҷиҳати иқтисодӣ ба фаъол ва ғайрифаъол тақсим мешавад, истифода бурдан мумкин аст»[83, С. 114-116]

Таъмини самти иҷтимоии меҳнат аз ҳисоби давлат, кооперативҳо ва

хоҷагиҳои хусусӣ, ба монанди таъмини манзили зист, фарҳанг, маданият, рушди ҳунарҳои мардумӣ, ки самаранокии иқтисодии онро меафзоянд. Дар натиҷаи амалӣ гаштани гуфтаҳои боло, чорабиниҳо, ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоии меҳнаткашон, захираҳои меҳнат, ки устувории хоҷагиҳо, соҳаҳо ва давлатро ва имконияти озуқавориро амалӣ менамоянд, ба даст меояд.

Умумияти бартарии манфиатҳои қувваи корӣ ҳамчун молу маҳсулот ва истифодабарандагони он - иқтисодиёт ва давлат - муҳимтарин хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии иқтисодиёти бозорӣ буда, барои рушди иқтисодиёти хоҷагии халқ ва тамоми ҷомеа заминаи мустаҳками инсондӯстӣ ба вучуд меоварад. Бешубҳа, ташкилотҳо, хоҷагиҳо, молистеҳсолкунандагон, ки асосан аз ҷониби давлат идора ва дастгирӣ карда мешаванд, дар баробари рушди хоҷагии халқ мунтазам такмил меёбанд, бозори меҳнат, яке аз ҷузъҳои калидӣ ва ҳаётан муҳимми низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як мамлакат баромад менамояд.

## Хулосаи боби 1

**1.** Асосҳои илмии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, механизмҳои он, ба монанди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, мафҳуми бозори меҳнат, моҳият, зарурият ва аҳаммияти онҳо бо назардошти таҳқиқоти олимони бурунмарзию ватанӣ таҳлил ва хулосабардорӣ гардида, нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми он: «Захираҳои меҳнатӣ гуфта, ашхоси қобили меҳнатиеро меноманд, ки дорои дониш, малака ва маҳорати хоси касбӣ буда, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ фаъолият намуда, дар ниҳоят арзиш ба амал меоранд ва аз натиҷаи меҳнати худ қаноатманданд» пешниҳод шудааст.

2. Дар шароити ҳозира дараҷаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун тавсифи интегралии нақш ва мавқеи инсон дар системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ хусусияти хосеро доро буда, ҳамчун кулли қобилиятҳои меҳнатӣ, зеҳнӣ, эҷодӣ, соҳибкорӣ ва маънавии коргаронро ифода менамоянд, вобаста аз сифат гурӯҳбандӣ шуда, низоми идоракунӣ ва омилҳои асосии таъсркунандаи онҳо муаррифӣ шудааст.

3. Мақсади истифодаи захираҳои меҳнатӣ, чун нақшаи асосии он ва

қарорҳои идоракунӣ доир ба таъмини масъулият ва ҳавасмандии ниҳоии кормандон, барои амалӣ гаштани мақсадҳои дарозмуддат ва таъминоти талаботҳои инфиродӣ, вобаста аз ҳолати дигаргуншавии иқлим ва табиат, ки дар ниҳоят таъсири бевоситаи худро ба маҳсулнокии меҳнат мерасонад, мавриди таҳлил қарор гирифта, омилҳои амиқ, ҳамчун қисми таркибии ҳадафи иттиҳодиявӣ, ҳампайвастии силсилаи фаъолияти ташкилот ва маданияти он баромад менамоянд, муайян ва гурӯҳбандӣ шуда, сохтори ҳар яки онҳо мушаххас пешниҳод шудаанд.

4. Ҳолати рушд ва ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, нишондиҳандаҳои истифодабарии онҳо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ арзёби гашта, методикаи муайян намудани он тавсия шудаанд, ки саҳми медодологии муайянро дорост.

5. Хусусиятҳо ва масоили истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ дар мисоли давлатҳои хориҷа, Аврупо, Ҷопон, ИМА, Осиёи Миёна, Араб, Шветсия, ФР ва ватанӣ, аз он ҷумла, таҷрибаи Федератсияи Россия оид ба баҳисобгирии меҳнат ва омори ҳисоботии низоми таснифоти аҳолӣ, ки конфронсҳои байналмилалии оморшиносони меҳнат ва Созмони Байналмилалии Меҳнат тавсия намудааст, гузаштаст, ки мувофиқи он низоми мазкур аз ҷиҳати иқтисодӣ ба фаъол ва ғайрифаъол тақсим мешавад, ки барои баланд бардоштани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Суғд мусоидат менамояд ва таҷрибаи Ҷопон низ оид ба инкишофи қобилияти зеҳнӣ ҳар як иҷрокунанда корманд ҳамчун қувваи истеҳсолкунанда диққат дода мешавад, ки истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда метавонанд, тавсия шудаанд.

## Боби 2. Ҳолати воқеии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд

### 2.1. Баҳодиҳии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Афзоиши баланди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ҳайат ва сохтори онҳоро хеле тағйир додааст. Чуноне ки маълум аст, аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, демографӣ сохтори қувваҳои истеҳсолкунандаи аҳолии синну соли қобили меҳнат дар Тоҷикистон аз 14 то 63 барои мардон ва занҳо 58 сол ва шахсоне, ки аз он болоянд, дохил мешаванд. Дар давлатҳои дигари ҷаҳон ҳолати вуҷуддоштаи сохтори захираҳои меҳнатӣ исбот менамоянд, ки вазни қиёсии аҳолии ғайри қобили меҳнат зиёд гашта, таносубан вазни қиёсии аҳолии қобили меҳнат дар миқдори ҳамаи аҳолӣ коҳиш ёфта, дар натиҷа он ба мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ–иқтисодии онҳо таъсири хоси худро расонида истодааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои ҳолати захираҳои меҳнатӣ, ин сохтор, ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо ба таври шаҳр ва деҳот шуморида мешаванд. Яъне, аз қадимулайём таносуби миқдорӣ ва сифатии деҳотиён ва шаҳриён чун нишондиҳандаи хоси демографӣ ба ҳисоб меравад, азбаски ба дараҷаи шуғлнокии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад, ки сатҳи умумии афзоиш, тараққиёти қувваҳои меҳнатии ҷомеаро муаррифӣ ва нишон медиҳад.

Дар тамоми ҷаҳон миқдори нисбатан зиёди аҳолии шаҳр назар ба деҳот ҳамчун нишондиҳандаи баланди прогресси тараққиёти илм ва техника, сатҳи индустриалии давлат, саноати мушаххас инфрасохтори иҷтимоӣ, таъмини соҳаҳои истеҳсолии он дар миқёси - хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқро дар бар мегиранд, ифода менамоянд. Миқдор ва ҳиссаи зиёди деҳотиён ҳамчун нишондиҳандаи вазъи соҳаҳои суст ва тараққӣ наёфтани интенсивии инфрасохтори ғайриистеҳсолӣ, сатҳи сусти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва маҳсулнокии онро нишон медиҳанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ба афзоиши деҳотиён дигар омилҳо таъсири бевоситаи худро мерасонанд, аз он ҷумла урфу одат ва анъанаҳои таърихӣ, дараҷаи шуурнокӣ ва маданият, шароити ҷойи корӣ, санитарӣ-гигиенӣ,

бехатарии ҳаёти инсон, меҳнат, сатҳи иқтисодӣ, ҳаҷми музди меҳнати коргарон ва ғайра, ки ҳолатҳои демографиро танзим ва идора менамоянд.

Омили дигари таъсиррасон миқдоран кам гаштани деҳотиён ин аст, ки он аз афзоиши сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ, аз он ҷумла қисмати мутахассисони серталаб, ба монанди табибон, сохтмончиён, муҳандисон ва ғайра мебошад, ки барои гирифтани мақоми (статус) шаҳрвандии дигар давлат, хусусан Федератсияи Россия ҷаҳд карда, онро низ амалӣ намуда истодаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ, ин пеш аз ҳама дараҷаи пасти иҷтимоӣ- иқтисодӣ, сатҳи камбизоатӣ мебошад. Рақамҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳолати коста гаштани сатҳи камбизоатӣ ин муаммо, муҳоҷирати меҳнатӣ тамоюл ба афзоиш мениҳад, барои оилае, ки ба ӯ камбизоатӣ таҳдид мекунад, ин яке аз роҳи ҳалли масъалаи мазкур мебошад (ҷадвали 2.1).

Аз рақамҳои ҷадвали 2.1 бармеояд, ки суръати афзоиши шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд дар солҳои таҳлилшаванда дида мешавад. Агар соли 2015 нисбати соли 2010 – 12,2 % бошад, пас соли 2024 нисбати 2010 суръати афзоиши он 37,8 % ва дар вилояти Суғд, мутаносибан -11,72% то 31,97%- ро ташкил додааст. Дар миқёси ҷойгиршавии аҳолӣ дар шаҳру деҳот дигаргуниҳо низ ҷой доранд. Вазъи қиёсиашон тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2010-2024 шаҳр +9,77%, деҳот -3,53%, дар вилояти Суғд бошад, он шаҳр -2,00% деҳот +0,66% тағйир ёфтааст. Ба фикри мо яке аз омили таъсиррасонанда он аст, ки мушкилоти мавҷуда, ба монанди таъмин бо ҷойи корӣ, нокофӣ будани музди меҳнати кишоварзон, ки ба сатҳи зисту зиндагонӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд ва то ҳол бартараф нагаштаанд. Дигар ин ки шумораи тавлидшудагон, дар деҳот назар ба шаҳр зиёдтар мебошад.

**Ҷадвали 2.1.- Шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вилояти Суғд дар солҳои 2010 – 2024 (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2015 нисбат ба 2010 бо % | 2024 нисбат ба 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳаз.нафар) | 7621,2 | 8551,2 | 10078,4 | 10288,3 | 10508,5 | 112,20 | 137,88 |
| Аз он ҷумла аҳолии шаҳр | 2020,5 | 2260,3 | 2906,0 | 2969,6 | 3055,4 | 111,86 | 151,22 |
| Аҳолии деҳот | 5600,7 | 6290,9 | 4961,1 | 7318,7 | 7453,1 | 112,32 | 133,07 |
| Ҳиссаи аҳолии шаҳр нисбати шумораи умумии аҳолӣ % | 26,51 | 26,43 | 50,77 | 28,86 | 29,1 | 99,69 | 109,77 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот нисбати шумораи умумии аҳолӣ % | 73,49 | 73,57 | 49,22 | 71,14 | 70,9 | 100,10 | 96,47 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳаз.нафар) | 2247,6 | 2511,0 | 2870,1 | 2917,3 | 2966,1 | 111,72 | 131,97 |
| Аз он ҷумла аҳолии шаҳр | 559,6 | 622,7 | 685,9 | 700,2 | 723,7 | 111,27 | 129,32 |
| Аҳолии деҳот | 1687,9 | 1888,3 | 2184,1 | 2217,1 | 2242,3 | 111,87 | 132,84 |
| Ҳиссаи аҳолии шаҳр нисбати шумораи умумии аҳолӣ % | 24,9 | 24,8 | 23,9 | 24,0 | 24,4 | 99,60 | 98,00 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот нисбати шумораи умумии аҳолӣ % | 75,1 | 75,2 | 76,1 | 76,0 | 75,6 | 100,13 | 100,66 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025. Саҳ. 26, Омори минтақаҳои Чумҳурии Тоҷикистон, соли 2025, саҳ, 18,28,32*

Бо мақсади ба танзим даровардани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон базаи ҳуқуқии боқувват фароҳам оварда шуд, ки дар он қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» (соли 1999), «Дар бораи ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ» (соли 1996) ва «Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа (соли 2001)»[2, с 6-7.] ва ғайра қабул шудаанд, ки ба натиҷаи ҳолати муҳоҷирати аҳолӣ, хусусан деҳот таъсири худро расонидаанд (чадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2.-Ҳолати муҳоҷирати (мигратсияи) аҳолии шаҳр ва деҳоти вилояти Суғд (ҳаз. нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | 2015 нисбати 2010 | 2024 нисбати 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми аҳолӣ** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 7026 | 7325 | 6834 | 6042 | 5165 | 104,25 | 73,51 |
| Кӯчидарафтаҳо | 10564 | 11045 | 8711 | 7600 | 7391 | 104,55 | 69,96 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва омадагиҳо (+-) | -3538 | -3720 | -1877 | -1877 | -2226 | 105,14 | 62,91 |
| **Аҳолии шаҳр** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 3558 | 3756 | 3576,4 | 2861,8 | 2741,7 | 105,56 | 77,05 |
| Кӯчидарафтаҳо | 4465 | 4494 | 4586,3 | 4030,8 | 3569,2 | 100,65 | 79,94 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва кучидаомадагиҳо (+-) | -907 | -738 | -1009,9 | -1169 | -827,5 | 81,37 | 91,23 |
| **Аҳолии деҳот** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 3468 | 3569 | 3257,6 | 3180,2 | 2423,3 | 102,91 | 69,87 |
| Кӯчидарафтаҳо | 6099 | 6551 | 4124,7 | 3569,2 | 3821,8 | 107,41 | 62,66 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва кӯчидаомадагиҳо (+-) | -2631 | -2982 | -867,1 | -388,6 | -1398,5 | 113,34 | 53,15 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С. 39.*

Рақамҳои ҷадвали мазкур исбот менамоянд, ки дар вилояти Суғд соли 2015 нисбат ба соли 2010 аҳолии шаҳр кӯчидаомада +5,56%, кӯчидарафта +0,65%, ба деҳот кӯчидаомада 2,91% зиёд шуда, аз деҳот ба шаҳр 7,41% ташкил дода бошад, пас он дар даҳсолаи охир 2010 - 2024 ин рақам баръаксро нишон медиҳад, яъне ба шаҳр кӯчидаомада -22,95%, аз шаҳр кучидарафтаҳо -20,06%, ба деҳот кучидаомада -30,13%, аз деҳот кӯчидарафта -37,34%, коҳиш ёфтааст, афзоиши аҳолии шаҳр аз муҳоҷирати деҳот ҷой дорад.

Муҳоҷирати аҳолӣ ҷараёни мураккабест, ки метавонад ба инкишофи иҷтимоӣ- иқтисодии кишвар таъсири гуногун расонад, аз ин лиҳоз давлат бояд онро дар зери назорати худ гирифта, бо ин восита ба инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии мамлакат мусоидат намояд (ҷадв. 2.3).

**Ҷадвали 2.3.- Муҳоҷирати аҳолӣ дар ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | с. 2015 нисбати с. 2010 % | с. 2024 нисбати с. 2010 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **н. Айни** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 276 | 474 | 467 | 427 | 349 | 161,95 | 126,45 |
| Кӯчидарафтаҳо | 1170 | 909 | 645 | 764 | 736 | 77,69 | 62,90 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва кӯчидаомадагиҳо (+-) | -894 | -435 | -178 | -337 | -378 | 48,66 | 42,28 |
| **н. Ашт** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 171 | 49 | 102 | 137 | 78 | 28,65 | 45,61 |
| Кӯчидарафтаҳо | 360 | 386 | 197 | 217 | 220 | 107,22 | 61,11 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва кӯчидаомадагиҳо (+-) | -189 | -337 | -95 | -80 | -142 | 178,30 | 75,13 |
| **н. Бобоҷон Ғафуров** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 1665 | 767 | 804 | 684 | 744 | 46,06 | 44,68 |
| Кӯчидарафтаҳо | 1689 | 1206 | 1559 | 1166 | 1268 | 71,40 | 75,07 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва кӯчидаомадагиҳо (+-) | -24 | -439 | -755 | -482 | -524 | 18 маротиба | 21 маротиба |
| **н. Мастчоҳ** | | | | | | | |
| Кӯчидаомадаҳо | 259 | 728 | 499 | 410 | 291 | 281,08 | 112,35 |
| Кӯчидарафтаҳо | 397 | 478 | 543 | 449 | 418 | 120,40 | 105,29 |
| фарқият байни рафтагиҳо ва кӯчидаомадагиҳо (+-) | -138 | 250 | -44 | -39 | -127 | 181,16 | 92,02 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С 40 – 47.*

Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 2.3 бармеояд, ҳолати демографии ҷойивазкунии аҳолӣ байни деҳот ва шаҳр дар ноҳияҳои вилояти Суғд солҳои 2010 ва 2024 аз ҳама миқдори ками аҳолӣ ноҳияҳое, ки ба шаҳр наздиканд, ин ноҳияи Мастчох мебошад, суръати афзоиши он дар даҳсолаи охир 12,35%- ро ташкил дода бошад, вазни қиёсии он 60,36%-52,27%-ро ташкил медиҳад. Ҳолати муҳоҷирати меҳнатии косташавии деҳот нисбат ба шаҳр 13,09%-ро ташкил медиҳад. Миқдори аз ҳама пасти муҳоҷирати меҳнатӣ байни деҳот ва шаҳрро ин ноҳияи Ашт ишғол менамояд, он баръакс коҳиш ёфтааст, агар соли

2010 аз деҳот 360 нафар бошанд, пас ин рақам соли 2024-220 нафарро ташкил дод, яъне қариб ду маротиба коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии он афзоиши соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла зиёд гаштани майдонҳои боғ, ки қувваи кориро талаб менамоянд, бошад, омили дигар аз маркази вилоят каме дур ҷойгиршавии он аст.

Мавқеи 2- юмро оид ба ҳолати демографии муҳоҷирати меҳнатӣ ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ишғол менамояд. Афзоиши аҳолии он агар 27,73%-ро ташкил диҳад, кӯч бастани аҳолии деҳот ба шаҳр 75,07%- ро ташкил медиҳад. Ба фикри мо, яке аз сабабҳои асосии ҳолати мазкур, ҷойгир будани ноҳия дар атрофи шаҳри Хуҷанд аст, ки шумораи зиёди мардуми он дар худи шаҳр кор ва зиндагӣ мекунанд.

Вазъи афзоиши аҳолии ноҳияи Айнӣ, ки дар мавзеи кӯҳистон ҷойгир аст, ба вазъи демографӣ таъсири худро расонидааст ва дар миқёси вилоят аз ҳама баланд мебошад-62,90%, яъне дар солҳои таҳлилӣ миқдори муҳоҷират қариб 1,5 баробар афзоиш ёфтааст, ҳол он ки миқдори аҳолӣ, ҳамагӣ 32,22% зиёд гаштааст. Ба фикри мо, ҳолати мазкур ин кам будани заминҳои киштшаванда ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, амудии воқеӣ, мушкилот дар истифодабарӣ, нокофии хусусиятҳои табиӣ, инфрасохторҳои хизматрасонӣ, таъминоти иҷтимоӣ-тиббӣ, фарҳанг ва ғайра мебошанд, ки бахри амалӣ гаштани шуғлнокии аҳолӣ на чандон шароити мусоид фароҳам овардaнд. Сабабҳои зерин бояд дар мадди назари мақомотҳои маҳаллии ҳукумат қарор дошта бошанд ва барои ҳалли онҳо кушиш ва аҳаммияти хосеро зоҳир намоянд. Бунёди хоҷагиҳо, корхонаҳо, ташкилотҳое, ки аҳолиро бо ҷойи корӣ таъмин менамоянд, бояд амалӣ гарданд (ҷадвали 2.4).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум мегардад, ки шумораи аҳолӣ доимӣ дар вилояти Суғд дар панҷсолаи аввал, яъне солҳои 2010- 2015- 11,72% ва дар солҳои 2010-2024,- 31,97% афзоиш ёфтааст. Шумораи таваллудшудагон бошад соли 2015 нисбат ба соли 2010 - 6% афзоиш ёфта бошад ҳам, солҳои 2010-2024 ба 4,62% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.4.-Тавлидот, фавт ва афзоиши аҳолии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2015 нисбати 2010 | 2024 нисбати 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ, дар охири сол ҳазор нафар | 2247,6 | 2511,1 | 2870,0 | 2917,3 | 2966,1 | 111,72 | 131,97 |
| Шумораи таваллудшудагон, (ҳазор нафар) | 65,0 | 68,9 | 58,9 | 59,5 | 62,0 | 106,00 | 95,38 |
| Шумораи фавт (ҳазор нафар) | 11,2 | 11,3 | 10,9 | 10,6 | 11,0 | 100,89 | 98,21 |
| Афзоиши аҳолӣ ба ҳазор нафар аҳолӣ | 53,8 | 57,7 | 48,0 | 48,8 | 51,0 | 107,25 | 94,79 |
| Шумораи таваллудшудагон % | 28,9 | 27,4 | 20,5 | 20,4 | 20,9 | 94,80 | 72,32 |
| Шумораи фавт% | 5,0 | 4,5 | 3,7 | 3,6 | 3,7 | 90,0 | 74,00 |
| Афзоиши аҳолӣ% | 23,9 | 23,0 | 16,7 | 16,8 | 17,2 | 96,23 | 71,96 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С. 24-29-30-31-32-33-34.*

Рақамҳои овардашуда дигаргуниҳои мазкур, беҳ гаштани шароити иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолиро таҷассум менамояд, ки он аз иҷро гаштани сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон башорат медиҳад.

Ҳолати тавлидот, фавт ва афзоиши аҳолии вилояти Суғд дар миқёси ноҳияҳои асосии он исбот менамояд, ки ҳолати мазкур қариб дар ҳамаи ноҳияҳои он дида мешавад (ҷадвали 2.1.5).

Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки афзоиши шумораи аҳолии доимӣ аз ҳама зиёд 38,82 -%-ро ноҳияи Мастчоҳ ва камтаринро ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо 27,73% ишғол менамоянд. Оид ба афзоиши шумораи таваллудшудагон низ мавқеи аввалро ноҳияи Мастчоҳ бо 113,37% ва камтаринро Ашт бо 74,79% ишғол менамоянд.

Яъне, маълумотҳои овардашуда бори дигар исбот менамоянд, ки ба вазъи демографӣ бетараф нестанд.

**Ҷадвали 2.5.- Тавлидот, фавт ва афзоиши аҳолӣ дар ноҳияҳои вилояти Суғд (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2015 нисбати 2010 | 2024 нисбати 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| **ноҳияи Айнӣ** | | | | | | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 72.0 | 78,2 | 92,5 | 93,8 | 95,2 | 108,61 | 132,22 |
| Шумораи таваллудшудагон, (ҳазор нафар) | 2,30 | 2,27 | 1,80 | 1,92 | 2,14 | 98,69 | 93,04 |
| Шумораи фавт (ҳазор нафар) | 0,52 | 0,43 | 0,33 | 0,34 | 0,38 | 82,69 | 73,07 |
| Афзоиши аҳолӣ ба ҳазор нафар аҳолӣ | 1,78 | 1,84 | 1,50 | 1,58 | 1,80 | 103,37 | 101,12 |
| Шумораи таваллудшудагон % | 31,94 | 29,02 | 19,46 | 20,47 | 22,48 | 90,85 | 70,38 |
| Шумораи фавт% | 7,22 | 5,37 | 3,56 | 3,62 | 3,99 | 74,37 | 55,26 |
| Афзоиши аҳолӣ% | 24,78 | 23,52 | 16,22 | 16,84 | 18,90 | 94,91 | 76,27 |
| **ноҳияи Ашт** | | | | | | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 136,3 | 155,2 | 179,1 | 182,1 | 184,9 | 113,86 | 135,65 |
| Шумораи таваллудшудагон, (ҳазор нафар) | 4,84 | 4,68 | 3,51 | 3,76 | 3,62 | 96,69 | 74,79 |
| Шумораи фавт (ҳазор нафар) | 0,62 | 0,69 | 0,60 | 0,65 | 0,62 | 111,29 | 100,00 |
| Афзоиши аҳолӣ ба ҳазор нафар аҳолӣ | 4,22 | 3,99 | 2,92 | 3,10 | 3,00 | 94,54 | 71,09 |
| Шумораи таваллудшудагон % | 35,50 | 30,15 | 19,60 | 20,64 | 19,58 | 84,92 | 55,15 |
| Шумораи фавт% | 4,54 | 4,44 | 3,35 | 3,56 | 3,35 | 97,79 | 73,78 |
| Афзоиши аҳолӣ% | 30,96 | 28,60 | 16,30 | 17,02 | 16,22 | 92,37 | 52,39 |
| **ноҳияи Бобоҷон Гафуров** | | | | | | | |
| Шумораи аҳолӣ доимӣ дар охири сол ҳазор нафар | 318,1 | 355,0 | 394,1 | 400,0 | 406,3 | 111,60 | 127,73 |
| Шумораи таваллудшудагон, (ҳазор нафар) | 9,07 | 9,52 | 7,95 | 7,96 | 8,46 | 104,96 | 93,27 |
| Шумораи фавт (ҳазор нафар) | 1,52 | 1,52 | 1,66 | 1,58 | 1,61 | 100,0 | 105,92 |
| Афзоиши аҳолӣ ба ҳазор нафар аҳолӣ | 7,54 | 8,03 | 6,29 | 6,38 | 6,85 | 106,49 | 90,85 |
| Шумораи таваллудшудагон % | 28,51 | 26,08 | 19,41 | 19,90 | 20,82 | 91,47 | 73,02 |

Идомаи ҷадвали 2.5

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи фавт% | 4,77 | 4,28 | 4,21 | 3,95 | 3,96 | 89,72 | 83,01 |
| Афзоиши аҳолӣ% | 23,70 | 22,61 | 15,96 | 15,95 | 16,85 | 95,40 | 71,09 |
| **ноҳияи Мастчоҳ** | | | | | | | |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 102,0 | 117,0 | 135,5 | 138,6 | 141,6 | 114,70 | 138,82 |
| Шумораи таваллудшудагон, (ҳазор нафар) | 3,14 | 3,78 | 3,51 | 3,55 | 3,56 | 120,38 | 113,37 |
| Шумораи фавт (ҳазор нафар) | 0,40 | 0,44 | 0,43 | 0,42 | 0,43 | 110,00 | 107,50 |
| Афзоиши аҳолӣ ба ҳазор нафар аҳолӣ | 2,74 | 3,34 | 3,10 | 3,13 | 3,13 | 121,89 | 114,23 |
| Шумораи таваллудшудагон % | 30,78 | 32,30 | 25,90 | 25,63 | 25,14 | 104,93 | 81,67 |
| Шумораи фавт% | 3,92 | 3,76 | 3,17 | 3,03 | 2,93 | 95,91 | 74,74 |
| Афзоиши аҳолӣ% | 26,86 | 28,54 | 22,87 | 22,58 | 22,10 | 106,25 | 82,28 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С. 24,29,31,32, 33, 34.*

Муаммои дигаре, ки ба вазъи демографӣ ва сохтори захираҳои меҳнатӣ таъсири худро низ мерасонад, ин ҳолати пойгоҳи моддӣ- техникии соҳаи кишоварзӣ новобаста аз шакли моликият мебошад, ки он хеле ташвишовар аст.

Миқдор, ҳолат ва сифати трактор, мошинҳои кишоварзӣ, таҷҳизот, ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи тараққиёти ҷамъият, соҳа ва истеҳсолотро муайян мекунад ва дар солҳои охир каму беш тадриҷан ба эътидол омада истодаанд.

Ҳолати пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар самти мазкур як қатор дигаргуниҳо ба амал омадаанд (ҷадвали 2.6).

Аз маводҳои овардаи ҷадвали 2.6 бармеояд, ки техникаи вуҷуддошта, трактор, олотҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд, чун яке аз омилҳои асосии таркибии иқтисодиёти деҳот ба шумор мераванд, вале сохтори миқдорию сифатии онҳо ба талаботи ҳозира на чандон ҷавобгӯ мебошанд.

**Ҷадвали 2.6.-Ҳолати ҳозираи пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2015** | **2022** | **2023** | **2024** | **2015 бо % нисбати 2010** | **2024 Бо % нисбати 2010** |
| Миқдори лозимаи техника, ҳамагӣ | | | | | | | |
| Тракторҳо | 6044 | 4125 | 2305 | 2043 | 1997 | 68,25 | 33,04 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 278 | 156 | 73 | 69 | 69 | 56,11 | 24,82 |
| Испорҳои тракторӣ | 1550 | 1221 | 676 | 679 | 676 | 78,77 | 43,61 |
| Комбайнҳои ҷамъоварии хӯроки чорво | 121 | 82 | 17 | 19 | 19 | 67,77 | 15,70 |
| Комбайнҳои ҷуворимаккадарав | 40 | 19 | 4 | 4 | 3 | 47,50 | 7,50 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ | 1242 | 922 | 551 | 530 | 518 | 74,23 | 41,70 |
| Мошинҳои ҷамъ ва тойбандҳо | 134 | 71 | 9 | 9 | 9 | 52,98 | 6,72 |
| Мошинҳои пахтачинӣ | 169 | 106 | 20 | 16 | 4 | 62,72 | 2,36 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С. 256.*

Яъне, агар сохтори парки мошину тракторҳоро ва миқдори соҳаро мушаххас дида бароем, аз ҳама ҳолати на чандон хубро тайбанду тагрезчинҳо ишғол мекунанд, ки коҳиши онҳо дар давраи таҳлилӣ 93,28% ташкил додааст, баъдан миқдори комбайнҳои ҷамъоварии хӯроки чорво-84,30%, комбайнҳои ҷуворимаккадарав 92,5%-ро ташкил медиҳанд, техникаҳое, ки асосан ба соҳаи чорводорӣ хизмат менамоянд ба ҳолат ва рушди он таъсири худро мерасонанд.

Ҳолати комбайнҳои ғалладарав низ на чандон мувофиқи мақсад аст, дар ин марҳила (2010-2024) миқдоран онҳо 209 адад кам шудаанд. Чуноне ки дар боло зикр кардем, истеҳсоли маҳсулоти ғалла дар ҳоҷагиҳои деҳқонӣ ва заминҳои аҳолӣ гирд оварда шудаанд, аз сабаби хурд будани майдон, ҷойгиршавии минтақавӣ, дар пушта ва теппаҳо, ки кишт мешаванд, истифодаи ин техникаи кишоварзӣ аз нуқтаи назари бехатарии фаъолияти ҳаёти инсон, техникӣ, технологӣ, ташкилӣ- иқтисодӣ қобили қабул намебошанд.

Дар байни техникаҳои мазкур коҳиш ёфтани миқдори мошинҳои пахтачинӣ 97,64%-ро ташкил медиҳанд, аосан дар натиҷаи истифодаи захираҳои меҳнатии кишоварзони деҳот ҷуброн карда мешавад, яъне ҳосил тариқи дастӣ ҷамъоварӣ мешавад.

Инсон барои комилан ҳаёт бурдан бояд сабадчаи ғизоии тавсияшударо ҳатман амалӣ намояд, дар баробари маводҳои ғизоии дигар соҳаҳои хоҷагии халқ маҳсулоти соҳаи чорводорӣ мавқеи хосро ишғол менамояд, чун ки онҳо инсонро бо элементҳо барои амалӣ гаштани ҳаёти солим таъмин менамоянд.

Ҳолати имрӯзаи онро хусусан дар истеҳсоли маҳсулоти он мебинем (ҷадвали 2.7).

Рақамҳои ҷадвали 2.7 тадриҷан, афзоиш ёфтани маҳсулоти соҳаи мазкурро нишон дода, исбот менамоянд, ки соҳа мавқеи хосро дорост. Истеҳсоли маҳсулоти мухталиф вобаста аз шакли хоҷагидорӣ низ онро тасдиқ менамоянд. Дар ин ҷода мавқеи калидиро дар истеҳсоли шир ва гӯшт хоҷагиҳои аҳолӣ ишғол намоянд ҳам, вале дар гирифтани тухм корхонаҳои кишоварзӣ бартарӣ доранд, агар соли 2015 вазни қиёсии он 78,40% бошад, пас соли 2024 ба 86,56% расидааст.

Солҳои охир барои расидан ба амнияти озуқаворӣ, коҳиш додани воридоти маҳсулоти ғизоӣ, таъмин бо ҷойи кор, захираҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи иқтисодии давлат ва аҳолӣ як қатор чорабинӣ ва лоиҳаҳо, маблағгузорӣ карда шудаанд. Дар натиҷаи амалӣ гаштани он таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, бо назардошти саҳми давлат ва шахсони воқеӣ дар мавзеъ, ноҳия ва вилоятҳои ҷумҳурӣ, соҳаи кишоварзии онҳо ҳам аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ пешравиҳо дида мешаванд.

Дигар омил он аст, ки соҳаи мазкур дар муддати хело кӯтоҳ бо маҳсулоти худ вориди бозор мегардад, баъдан ба шакли саноатии истеҳсолотро ҷорӣ намудан, мусоидат менамояд, ки онро таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурӣ исбот менамоянд.

**Ҷадвали 2.7.- Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорво дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Суғд дар солҳои 2015-2024 (ҳазор тонна)**

| Номгӯйи зироатҳо | Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | | | Корхонаҳои кишоварзӣ | | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2020** | **2024** | **2015** | **2020** | **2024** | **2015** | **2020** | **2024** | **2015** | **2020** | **2024** |
| Гӯшт (чорвои калони шохдор ва паранда бо вазни зинда) | 48,1 | 66,6 | 92,8 | 1,1 | 10,3 | 18,3 | 45,2 | 54,1 | 69,2 | 1,9 | 2,3 | 5,3 |
| Шир | 239,0 | 272,9 | 311,1 | 2,3 | 2,6 | 2,2 | 220,5 | 252,0 | 285,3 | 16,1 | 18,3 | 23,6 |
| Тухм | 142,1 | 594,6 | 768,9 | 111,9 | 545,6 | 665,6 | 27,6 | 43,4 | 77,7 | 2,8 | 5,6 | 25,5 |
| Пашм | 1,4 | 1,5 | 1,7 | 0,05 | 0,04 | 0,03 | 1,2 | 1,3 | 1,4 | 0,01 | 0,02 | 0,03 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси рақамҳои маҷмуи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе, 2025.-С. 194-201,*

Соҳаи дигари чорводорӣ ин пиллапарварӣ мебошад, вале чуноне ки рақамҳо исбот менамоянд, тайи солҳои охир истеҳсоли он қатъ гардидааст. Соҳаи мазкур ҳамчун соҳаи сермеҳнат ва хусусияти биологӣ, технологӣ, ташкилӣ, иқтисодии хос дошта муаррифӣ мегардад ва коркарди саноатии мушаххасро талаб менамояд. Маҳсулоти он чун ашёи хом барои саноати сабук истифода шуда, маҳсулоти ниҳоии он ҳамчун нах, ришта, матоъ аз ҷиҳати экологӣ тоза ба харидорон пешкаш мегардад ва харидорони зиёдеро дорост. Барои равнақ додани соҳаи пиллапарварӣ, таъминоти аҳолӣ бо ҷойи корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корхонаҳои коркарди маҳсулоти онро дастгирӣ намуд, ки дорои аҳаммияти хосса дар ин ҷода мебошад.

Ҳолати кунунии соҳаи чорводории ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди саршумори онҳо дар дасти аҳолӣ мебошад, вале онҳо майдонҳои алафдарав, заминҳое, ки барои хӯрока дар асоси системаи киштгардон тавсия шудааст, амалан иҷро намекунанд, ки таъсири он ба миқдори техникаи мухталиф ва талаботи он мерасад. Сабаби дигари ин нокофӣ будани ҳолати молиявии аҳолӣ мебошад, ки онро аз ҳисоби истифодаи қувваи кори дастӣ иҷро менамоянд.

Пойгоҳи моддӣ-техникӣ, ки истифодабарии самаранокии техникаҳоро амалӣ менамояд, аз таъмин будани он бо кадрҳои механизаторӣ ва мутахассисони соҳибкасб вобастагӣ доранд (ҷадвали 2.8).

Рақамҳои ҷадвали 2.8 исбот менамоянд, ки сафи механизаторон дар миқёси ҷумҳурӣ ва дар миқёси вилоят афзоиш ёфта, шумораи онҳо дар давраи таҳлилӣ (2010-2024) дар миқёси ҷумҳурӣ 28,63% (+9098 нафар), дар вилояти Суғд 22,74% (+2478 нафар)- ро ташкил додааст, ки афзоиши механизаторон дар вилоят нисбатан ба ҷумҳурӣ фарқият дорад.

**Ҷадвали 2.8.-Ҳайати кадрҳои механизаторӣ дар ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд (нафар)**

| Ҳайат | Солҳо | | | | | Соли 2015 нисбат ба соли 2010 бо % | Соли 2024 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| Механизаторон | | | | | | | |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 31769 | 32472 | 36956 | 37152 | 40867 | 102,21 | 128,63 |
| Вилояти Суғд | 10895 | 11114 | 11972 | 12158 | 13373 | 102,01 | 122,74 |
| Тракторҳо | | | | | | | |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 13697 | 9197 | 27324 | 27731 | 27526 | 67,15 | 200,69 |
| Вилояти Суғд | 6044 | 4125 | 2305 | 2043 | 1997 | 68,25 | 33,04 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Бозрасии назоратии давлатии техникаи кишоварзӣ ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.- С. 290-291, омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С 256*

Ҳолати дигаргуншавии миқдори тракторчиён, таъмини тракторҳо бо кадрҳои механизаториро дар миқёси ҷумҳурӣ ва вилоят муқоиса намоем, бо як трактори физикӣ солҳои 2010-2024, мутаносибан дар ҷумҳурӣ 2,32-1,48 ва вилояти Суғд 1,80-6,69 мебошад, ки назар ба ҷумҳурӣ ҳолати хуби онро нишон медиҳад.

Таҷрибаҳо исбот менамоянд, ки иҷроиши равандҳои алоҳидаи технологӣ, давомнокии рӯзи корӣ аз 2 то 3 баст (сменаро) талаб менамояд, аз ин лиҳоз мувофиқи тавсияи илмӣ ташкили илмии меҳнат, тавсияи физиологҳо, идора намудани техника бояд 2 механизатор ҳатман таъмин гардад.

Барои таъмин намудани истифодаи баланди техника, давомнокии рӯзи кориро бояд аз 2 баст кам, (беҳтар, 3 баст) амалӣ намудан лозим аст, дар ин ҳолати мазкур талаб менамояд, ки ба як трактор 2 то механизатор бояд вобаста гардад, ки он дар вилояти Суғд то ҳадди имкон ҳалли худро ёфта истодааст, вале барои комилан таъмини техникаи кишоварзӣ (тракторҳо) бо механизаторон беҳбудиро металабад.

Мақсади таҳлил ва овардани ҷадвали мазкур аз он иборат аст, ки мо бояд ҳолати ҳозираи кадрҳои лозимаи соҳаи кишоварзӣ, хусусан қисми асосии он, ки прогресси техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, баланд

бардоштани дараҷаи механиконии равандҳои истеҳсолии соҳаҳои кишоварзӣ, хусусан растанипарварӣ ва чорводорӣ, зироатҳои алоҳидаро, ки таъмин намуда метавонанд, ин  кадрҳои баланд ихтисоси касбии  механизаторон мебошад.

Дар натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ амалӣ гаштани ҳавасмандии инсон ба натиҷаи ниҳоӣ истеҳсолот меафзояд, ки ба  сатҳи зиндагии аҳолии деҳот саҳми арзандаи худро мегузорад, ҳам қазияи таъмини бехатарии озуқаворӣи давлат ва ҳам Ҳукумат амалӣ мегардад.

## 2.2. Таҳлили муқоисавии  истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Ҳолати кунунии бо кор таъмин намудани аҳолӣ ба яке аз мушкилоти шадиди иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст, ки ҳам ҳукумат, ҳам ҷомеа ва ҳам шахсони алоҳидаро ба ташвиш овардааст ва бо ҳар мурури пешояндаи замон шиддатнокии он на танҳо коҳиш намеёбад, балки баръакс, беш аз пеш меафзояд. Баъзе давлатҳо ин масъаларо каму беш бомуваффақият ҳал менамоянд, баъзеи дигар дар ҳалли он ба душвориҳои бузург дучор мешаванд. Ҳар қадар ки одамон ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ва самарабахш машғул шаванд, ҳамон қадар  маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат меафзояд (дар сурати шартҳои нигоҳ доштани баробару дигар). Яъне, мавҷудияти бекории зиёд ва афзоянда имкон намедиҳад, ки ММД (истеҳсоли маҳсулот дар ҳолати шуғли пурра ва самаранок) тавлид шавад ва ин барои давлат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ душвориҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад. Ҳолати ҳозираи соҳаи кишоварзии вилоятро, ки  ҳамчун заминаи истифодбарии захираҳои меҳнатӣ хизмат менамоянд, нишон медиҳад, ки дар он низ дигаргуниҳо дида мешаванд (ҷадвали 2.9).

Аз маълумоти ҷадвали 2.9 бармеояд, ки дар вилояти Суғд маҷмуи маҳсулоти умумии (ММУ) кишоварзӣ дар панҷ соли аввали таҳлилӣ (25,87%) афзоиш  ёфта,  дар давраҳои охир устувор ва 2,9 маротиба зиёд гаштааст. Ҳолати амиқи (ММУ) вобаста  аз шаклҳои  хоҷагидорӣ дар солҳои таҳлили (2010-2024) нишон медиҳанд, ки вазни қиёси бештарро дар ММУ 56,55% то 42,13% аҳолӣ дорост.

**Ҷадвали 2.9.- Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоти Суғд (бо нархҳои муқоисавӣ, соли 2023), млн. сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **2015 бо % нисбат ба 2010** | **2024 нисбат ба 2010 мароти ба** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2015** | **2022** | **2023** | **2024** | | |
| Хоҷагиҳои ҳамаи бахшҳо | 6745,1 | 8489,8 | 16068,8 | 18495,5 | 19816,0 | 125,87 | 2,9 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 617,9 | 605,6 | 3374,2 | 3752,6 | 3988,3 | 98,00 | 6,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) | 2384,8 | 3332,1 | 6533,3 | 8602,3 | 10050,6 | 139,72 | 4,2 |
| Аҳолӣ | 3814,6 | 4552,1 | 6161,3 | 7461,0 | 8349,6 | 119,33 | 2,1 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2021.- С. 356-357 ва 2025.- С. 195-196.*

Вале дар натиҷаи рушди ҷомеа, тараққиёти илм, техника ва технология мавқеи мазкурро хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 35,35% то 50,72% ба даст оварда истодаанд, корхонаҳои кишоварзӣ низ рӯ ба тараққӣ доранд. Ба фикри мо яке аз сабабҳои ҳодисаи рухдодаистода ин бартарии шакли коллективии хоҷагидориро бори дигар исбот менамояд. Таърих исбот кардааст, ки зиёд гаштани шумораи одамон бунёд ва ташкили ҷойҳои нави кориро талаб менамоянд, ки дар натиҷаи истифодабарии мақсадноки захираҳоро, аз он ҷумла барқароршавандаро ба миён меорад, ки он бисёртар аз омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ғайра вобаста аст. Яке аз фишангҳо ин ҳаҷми оқилонаи истеҳсолот мебошад ва он чуноне ки дар боло овардем, бо назардошти тараққиёти ҷамъият дигар мегардад. Хоҷагиҳои хурди молӣ ба миёна, калон ва бузург муттаҳид шуда, дар асоси кооператсия, интегратсия самаранокии бештари истеҳсолиро таъмин менамояд. Ва ин раванд дар хоҷагидории соҳаи кишоварзии вилояти Суғд низ акси худро ёфта истодааст, ки онро бори дигар рақамҳои ҷадвали мазкур исбот менамоянд (ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. - Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Суғд дар солҳои 2015-2024 (ҳазор тонна)**

| Номгӯйи зироатҳо | Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | | | Корхонаҳои кишоварзӣ | | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | 2024 | 2015 | 2020 | 2024 | 2015 | 2020 | 2024 | 2015 | 2020 | 2024 |
| Пахта | 74,7 | 112,6 | 86,1 | 15,1 | 31,7 | 28,3 | - | - | - | 59,7 | 80,1 | 57,8 |
| Ғалладона | 300,1 | 351,4 | 433,9 | 45,2 | 61,3 | 82,6 | 61,7 | 60,7 | 65,3 | 193,3 | 229,4 | 286,0 |
| Картошка | 335,9 | 512,1 | 658,5 | 43,5 | 75,1 | 162,1 | 109,9 | 130,5 | 110,1 | 182,4 | 306,4 | 386,2 |
| Сабзавот | 440,4 | 560,4 | 686,9 | 34,2 | 43,4 | 66,4 | 220,7 | 232,4 | 276,2 | 185,4 | 284,6 | 344,2 |
| Полезӣ | 138,4 | 151,8 | 260,0 | 19,6 | 24,4 | 21,1 | 7,9 | 3,6 | 3,9 | 111,0 | 123,,8 | 211,0 |
| Мева | 49,1 | 139,4 | 254,0 | 1,8 | 12,7 | 25,7 | 27,8 | 28,7 | 50,7 | 19,5 | 98,1 | 177,4 |
| Ангур | 51,9 | 50,6 | 62,7 | 1,1 | 1,2 | 3,7 | 16,6 | 14,0 | 13,0 | 34,2 | 35,3 | 45,1 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси рақамҳои Маҷмуи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе, 2025.-С. 194-201,*

Рақамҳои овардашудаи ҷадвали 2.10 нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ, дар маҷмуъ сол аз сол афзоиш ёфта истодаанд, мавқеи хосро дар он вобаста аз шакли хоҷагидорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ меваҷот-69,84% картошка-58,63% ва сабзавот-50,11%-ро ташкил додаанд. Таҳлилҳо исбот менамоянд, ки вобаста аз шакли хоҷагидорӣ дар вазни қиёсии маҳсулоти истеҳсолшуда дигаргуниҳо ҷой доранд. Агар яке аз намуди маҳсулот, истеҳсоли картошкаро гирем, вазни зиёдеро хоҷагиҳои деҳқонӣ – 54,30%-58,63% ва баъди хоҷагиҳои аҳолӣ ишғол менамоянд, вале он миқдори аз 32,72 то 16,72% дар хоҷагиҳои мазкури аҳолӣ қариб ду маротиба коҳиш ёфтааст.

Дар соҳаи пахтакорӣ агар соли 2015 аз миқдори умумии он 20,22% дар корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсол шуда бошанд, пас соли 2024 он ба 32,87% расидааст, баръакс саҳми хоҷагиҳои деҳқонӣ 12,1% коҳиш ёфтаанд, чунин ҳолат дар ҳамаи намуди маҳсулоти истеҳсолшуда дида мешавад, он асосан аз коҳиш ёфтани истеҳсолот дар хоҷагиҳои аҳолӣ иборатанд.

Яке аз сабабҳои асосии он корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла вилоят нисбати заминҳои васеи киштшаванда, ки ҷорӣ намудани техника, технологияҳои мубрам, самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолиро, хусусан меҳнат ва меҳнати гузаштаро бештар доро мебошанд, дар натиҷа самаранокии дилхоҳ ва ҳавасмандии ниҳоиро таъмин менамоянд.

Барои равнақи соҳа ва афзоиши истеҳсолот нақши хосро захираҳои меҳнатӣ, ҳайат ва сохтори онҳо мебозанд. Бояд диққати ҷиддӣ ва мавриди хулосабардорӣ қарор гиранд. Масъалаи мазкурро дар мисоли хоҷагиҳои мушаххаси вилоят қарор медиҳем (ҷадвали 2.11).

Рақамҳои ҷадвали 2.11 шаҳодат медиҳанд, ки дар муҳлати таҳлили афзоиши захираҳои меҳнатӣ ва музди онҳо ба назар расанд, масалан, агар миқдори умумии коргарон дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 - 15 нафар коҳиш ёфта бошанд, ҳайати роҳбарон ва мутахассисон баръакс 3 нафар зиёд гаштааст.

**Ҷадвали 2.11.-Ҳайат, сохтор ва музди меҳнати захираҳои меҳнатӣ бе ФҲИ дар кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони Навгилем »- и ш. Исфара**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | с. 2023 нисбати с. 2019 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Миқдори коргарон, нафар | 240 | 258 | 262 | 267 | 225 | 93,75 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Коргарони доимӣ, истеҳсолӣ | 214 | 230 | 236 | 240 | 196 | 91,59 |
| Растанипарварӣ | 191 | 207 | 211 | 219 | 175 | 91,62 |
| Чорводорӣ | 23 | 23 | 25 | 21 | 21 | 91,30 |
| Хизматчиён, роҳбарон, мутахассисон | 26 | 28 | 26 | 27 | 29 | 111,54 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Роҳбарон | 2 | 3 | 3 | 3 | 3 | 150,00 |
| Мутахассисон | 24 | 25 | 23 | 24 | 26 | 113,04 |
| Ҳамагӣ, музди меҳнат, ҳаз. сомонӣ | 1161,4 | 1252,3 | 1307,0 | 1333,9 | 1678,4 | 144,50 |
| Коргарони доимӣ, истеҳсолӣ | 1031,9 | 1112,0 | 1173,3 | 1185,3 | 1448,3 | 140,35 |
| Хизматчиён, роҳбарон, мутахассисон | 129,5 | 140,3 | 133,7 | 148,5 | 230,1 | 177,58 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Роҳбарон | 11,7 | 16,7 | 19,2 | 28,2 | 40,2 | 3,4 маротиба |
| Мутахассисон | 117,856 | 123,600 | 114,540 | 120,384 | 189,904 | 161,13 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии « Кишоварзони навгилем »- и ш. Исфара, солҳои 2019- 2023*

Соҳаи растанипарварии хоҷагии мазкур, ки ҳамчун соҳаи асосӣ ба шумор меравад ва ба он махсус гардонида шудааст, натиҷаи фаъолияти истеҳсолии он таъмини афзоиш ва рушди он, асоси ҷорӣ намудани технологияҳои истифодаи замонавӣ, миқдори зиёди захираро тақозо менамояд, аз ин лиҳоз коргарони он миқдоран 16 нафар ва дар соҳаи чорводорӣ 2 нафар коҳиш ёфтааст.

Тавре, ки аз маълумоти хоҷагӣ бармеояд, сабаби асосии он, оқилона ташкил ва истифода бурдани захираҳои дохила, ворид намудани механизатсия дар равандҳои технологии соҳаи растанипарварӣ, аз он ҷумла, чорводорӣ, ба монанди тайёр кардан, хӯронидан ва нигоҳубини чорво, ки дар натиҷа дараҷаи

истифодаи меҳнати дастӣ коҳиш ёфта, дараҷаи механиконии он афзудааст. Дар миқёси маҷмуан миқдори коргарони истеҳсолӣ афзоиш ёфта, ҳамчун омили таъсиррасон ба кам шудани сатҳи бекорӣ, афзоиши даромаднокӣ, беҳтар гаштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бaромад менамояд, ҳисобидан мумкин аст.

Дар рафти таҳлилҳои амалигашта қайд намудем, ки сатҳи даромаднокии истеҳсоли маҳсулот, музди меҳнати коргарони хоҷагӣ чун муайянкунандаи некуаҳволии иқтисодии мардумро таҷассум менамоянд, ин миқдори музди меҳнат мебошад. Рақамҳо нишон медиҳанд, ки коҳишёбии миқдори захираҳои меҳнатӣ ба дигаргуншавии музди онҳо таъсири худро расониааст, ҳамагӣ фонди музди меҳнат дар марҳилаҳои таҳлилӣ 44,51% ба як коргар 54,1% мебошад, яъне дар он таносуби фарқият вуҷуд дорад. Рушди маҷмуи фонди музди меҳнат дар сатҳи коргарони доимӣ агар 40,35% бошад, пас дар гурӯҳи роҳбарон- 77,58% дида мешавад. Барои бартараф намудани ҳолати кунунӣ ба эътидол овардани фарқияти он, хоҷагӣ бояд чораҳои судманд андешидаанд ба монанди:

- ҷорӣ намудани технолгияи пешқадам (инноватсия) дар равандҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, хусусан соҳаи растанипарварӣ;
- омӯзонидан ва бозомӯзии мутахассисони касбӣ барои соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ;
-ташкили оқилона ва таъмини коргарони соҳибкасб ва соҳибҳунар ва талаботҳои хоси ба он таъсиррасон;
- ҷорӣ намудани шаклҳои беҳтарини ҳавасмандӣ ба натиҷаи меҳнат ;
-ҳаҷми музди меҳнат аз миқдор ва сифати меҳнати ба он сарфшуда;
- амалӣ намудани низоми ташкилӣ аз нуқтаи назари меҳнат ва ҷузъҳои таркибии он;
- ҷобаҷогузории кормандон вобаста аз дониш, лаёқат, садоқат, малака, коршиносӣ;
-беҳтар намудани соҳаи инфрасохтори ичтимоӣ-иқтисодии кормандони хоҷагиҳои манзилӣ-коммуналӣ, фарҳанг, хунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ, тиб, варзиш ва ғайра.

Ҳаҷми музди меҳнати коргарон асосан аз маҳсулнокии меҳнат вобастагии зичро дорост, чунки дар маҷмуи маҳсулоти умумӣ он мавқеи хосро ҳамчун хароҷоти меҳнати зинда ишғол менамояд, таъсири худро ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагӣ мерасонад.

Дар радифи мазкур, яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки ба истифодабарии захираҳои меҳнатӣ таъсири бевосита мерасонад, ин миқдори аҳолӣ, хусусан қисми фаъоли он мебошад (ҷадв. 2.12).

Чуноне ки рақамҳои ҷадвали 2.12 исбот менамояд, дар солҳои таҳлилгашта шахсоне, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодии хоҷагии халқ (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, инфрасохторҳои мухталифи иҷтимоӣ) банд мебошанд, рӯ ба афзоишанд. Дар дохили соҳа, хусусан истеҳсолӣ ва дигарон таносуби онҳо шакли гуногунро дорост. Вазни қиёсро дар радифи овардашуда соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангал ишғол менамояд, вобаста аз марҳилаи таҳлили соҳаи мазкур, ба ҳисоби миёна аз 57,4% - 54,9%-ро ташкил медиҳад, баъдан саноат аз 8,57% то 9,08%, қаторҳои 3 ва 4- умро ду соҳа -сохтмон ва нақлиёт, ташкил медиҳад. Аз он бармеояд, ки соҳаи кишоварзӣ мавқеи хосро ишғол намуда, саҳми арзандаи худро ба иқтисодиёти давлат мегузорад.

**Ҷадвали 2.12.- Шумораи миёнаи кормандони кироякор дар намудҳои фаъолияти иқтисодии вилояти Суғд**

| Соҳа | Миқдори коргарон, ҳазор нафар, солҳо | | | | | 2015 бо % нисбати 2010 | 2024 бо % нисбати 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| Ҳамагӣ, коргарон | 398,7 | 402,0 | 438,0 | 438,5 | 450,4 | 100,83 | 112,97 |
| Аз он ҷумла: саноат | 34,2 | 35,7 | 37,4 | 38,8 | 40,9 | 104,38 | 119,59 |
| Сохтмон | 5,4 | 4,5 | 4,4 | 4,7 | 5,0 | 83,3 | 92,59 |
| Кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ | 228,7 | 216,2 | 244,5 | 243,9 | 247,3 | 94,53 | 108,13 |
| Нақлиёт, алоқа | 6,7 | 5,0 | 3,7 | 3,5 | 3,0 | 74,62 | 44,77 |

**Сарчашма: Маҷмуи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе,2025.-С 69-72.*

Барои амиқтар муайян намудани иштироки захираҳои меҳнатӣ аз нишондиҳандаҳое, ки ба дараҷаи истифодабарии онҳо таъсир мерасонад, истифода намуданмумкин аст.

Яъне, роҳи аз ҳама камхарҷи истифодаи захираҳо дар давраи аввал ин тезонидани рушди соҳаҳои ғайрикишоварзӣ дар маҳалҳо мебошад. Мавҷудияти зиёди захираҳои меҳнатӣ дар деҳот ва шаҳракҳои хурд водор месозад, ки дигар соҳаҳои мутаносибан бузурги хоҷагии халқро, ба монанди саноат инкишоф дода, ба ғайри он инфрасохтори иҷтимоиро чун корхонаҳо, ташкилотҳо, маданӣ-маиширо миқдоран афзоиш диҳем, то ки захираҳои меҳнатиро ба афзоиши ёфта, таъмини шуғлнокии онҳоро дар натиҷаи таъсиси ҷойҳои кории нав ба доираи фаъолияти мақсаднок ҷалб намоем.

Дар баробари он гурӯҳи бекорон низ вуҷуд доранд, самти муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии тамоми захираҳои истеҳсолӣ ин оқилонаю самаранок истифода бурдани қувваи корӣ, ё захираҳои меҳнатии мамлакат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатии ҷомеа, ҳамчун унсури зарурии бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ буда, бо самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ пайваста ва алоқаманд намудани шуғли оқилона комилан мувофиқ аст (ҷадвали 2.13).

**Ҷадвали 2.13.-Шумораи бекороне, ки дар Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Суғд дар ноҳияҳои калонтарини кишоварзии вилояти Суғд ба қайд гирифта шудаанд**

| Вилояти Суғд ва ноҳияҳои он | Солҳо | | | | | Соли 2015 нисбат ба 2010 бо % | Соли 2024 нисбат ба 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| Ҳамагӣ дар вилоят | 14590 | 10862 | 7823 | 7050 | 6037 | 74,45 | 41,37 |
| Аз ҷумла | | | | | | | |
| Ашт | 910 | 760 | 385 | 333 | 372 | 83,51 | 40,88 |
| Бобоҷон Ғафуров | 692 | 881 | 284 | 282 | 226 | 127,31 | 32,66 |
| Зафаробод | 707 | 121 | 209 | 214 | 122 | 17,11 | 17,25 |
| Мастчоҳ | 891 | 500 | 386 | 363 | 355 | 56,11 | 39,84 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 177 | 109 | 241 | 130 | 144 | 61,58 | 81,35 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, соли 2025.-С 91-93.*

Аз рақамҳои ҷадвали 2.13 маълум мешавад, ки дар ноҳияҳои калонтарини кишоварзии вилояти Суғд камшавии шумораи бекорон ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар давраи соли 2010 ва 2015 ин нишондиҳанда чунин аст: аз ҳама

кам гашта, ноҳияи Зафаробод 586 нафар ва баракс афзоиш ёфта, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 189 нафар мебошад.

Сатҳи баланди коҳиш ёфтани бекори дар ноҳияҳо дар давраи соли 2010-2024 ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ашт аз 910 нафар то 372 нафар, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ аз 177 нафар то 144 нафар мебошад.

Вазни қиёси бештарро дар бекорӣ нисбати вилояти Суғд соли 2010 ноҳияи Ашт 6,23%, камтаринро ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ-1,21% ишғол намуда бошад, ҳолати мазкур дар соли 2024 каму беш тағйир ёфта, он ба 2,38% расидааст. Ҳамин тавр, танҳо 1/2 ҳиссаи қисмати аҳолии бешуғл барои ба кор даромадан муроҷиат кардаанд. Ба таври умумӣ шумораи бекорон (ҳам ба қайд гирифташуда ва ҳам аз қайд берун) дар деҳот сарчашмаи иқтисодии соҳаи шуғли меҳнати ғайрирасмӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳое, ки ба қайд гирифта шудаанд, маблағеро мегиранд, ки барои таъмини сабади истеъмолӣ на чандон кофӣ аст ва онҳоро водор месозад, ки ба соҳаи шуғли ғайрирасмӣ машғул гарданд.

Нишондиҳандаи таъмин будан бо воситаҳои истеҳсолот, хусусан замин ҳамчун нишондиҳандаи истифодаи қувваи корӣ баромад менамояд ва ҳолати ҳозираи онро аз рақамҳои ҷадвали 2.14 дида мебароем.

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.14 бармеояд, суръати афзоиши коргарони соҳа 8,13%, вале заминҳои таъиноти кишоварзӣ 0,26% зиёд гашта майдони кишт баръакс 4,65% коҳиш ёфтааст, ки нобаробарии нишондиҳандаҳои мазкур миқдори майдонҳо ба як нафар таъмин буда, таъсири бевоситаи худро расонидаанд, дар натиҷа ба як нафар коргари соҳа аз 1,06 га то 0,93 гектар майдони кишт рост меояд.

Ҳолати кунунӣ водор месозад, ки оид ба истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ чораҷӯйӣ намуда, роҳҳои беҳтар намудани он ҷустуҷӯ карда шавад.

**Ҷадвали 2.14.-Таъмини майдони кишоварзӣ ба як коргари соҳаи кишоварзии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | Соли 2015 нисбат ба соли 2010 бо % | Соли 2024 нисбат ба соли 2010 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ майдони кишоварзӣ ҳазор га | 1096,7 | 1096,9 | 1099,6 | 1099,4 | 1099,6 | 100,02 | 100,26 |
| Майдони кишт, ҳазор га | 243,3 | 230,1 | 231,8 | 231,4 | 232,0 | 94,57 | 95,35 |
| Миқдори коргарони соҳаи кишоварзӣ ҳазор нафар | 228,7 | 216,2 | 244,5 | 243,9 | 247,3 | 94,53 | 108,13 |
| Аз он ҷумла, ба як коргар аз ҳамагӣ майдон; | 4,80 | 5,07 | 4,50 | 4,51 | 4,44 | 105,62 | 92,50 |
| Майдони кишт | 1,06 | 1,06 | 0,94 | 0,95 | 0,93 | 100,0 | 87,73 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси рақамҳои Маҷмуи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2025.- С 73 ва дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, соли 2025.- С 201.*

Масоҳати заминҳои кишоварзӣ ҳар сол каме ҳам бошад, барои қонеъ намудани эҳтиёҷи шаҳр ва аҳолии он аз гардиши истеҳсолӣ баромада истодаанд. Бояд қайд намуд, ки аҳолии ҷумҳурӣ, хусусан деҳот ба ҳайси омили зиёд гаштани коргарони соҳа баромад кардаанд. Агар дар соли 2010 шумораи кормандоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ машғул буданд 228,7 ҳазор нафар бошад, пас он соли 2023 ба 15,2 ҳазор нафар ё 6,64% афзоиш ёфтааст.

Таркиби захираҳои меҳнатии корхонаҳои кишоварзӣ нишон медиҳанд, ки он ба коргарони доимӣ, мавсимӣ, муваққатӣ ва роҳбарону мутаххасисон ҷудо мешаванд (ҷадвали 2.15).

Аз ҷадвали 2.15 маълум мегардад, ки шумораи ҳамаи коргарони хоҷагӣ соли 2023 нисбат ба соли 2019- 5 нафар зиёд шудааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои сифатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ин дараҷаи истифодабарии қувваи корӣ дар давоми сол мебошад, ки он нисбати рӯзҳои кории тавсияшуда ва ҳақиқатан амалигашта ифода меёбад.

**Ҷадвали 2.15.-Ҳолати ҳозираи захираҳои меҳнатӣ дар Кооперативи тиҷоратии “Манучеҳр А”-и н. Мастчоҳ**

| **Категорияи коргарон** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2023 нисбат ба 2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, дар хоҷагӣ | 48 | 50 | 51 | 52 | 53 | 104,16 |
| Аз он ҷумла: коргарони истеҳсолӣ, доимӣ | 38 | 43 | 43 | 38 | 38 | 100,00 |
| Коргарони мавсимӣ ва муваққатӣ | 10 | 7 | 8 | 14 | 15 | 150,00 |
| Миқдори рӯзҳои корӣ ба 1 одам/рӯз, доимӣ | 251 | 252 | 252,1 | 252,2 | 253,1 | 100,47 |
| Одам/рӯз, муваққатӣ | 120 | 110 | 98 | 102 | 95 | 96,67 |
| Миқдори рӯзҳои кори доимӣ, олам рӯз | 9538 | 10836 | 10840 | 9584 | 9618 | 100,84 |
| Миқдори рӯзҳои кори мавсимӣ | 1200 | 868 | 784 | 1416 | 1425 | 118,75 |
| Дараҷаи истифодабарии қувваи кории доимӣ % | 104,51 | 105,0 | 105,0 | 105,1 | 105,4 | 100,85 |
| Дараҷаи истифодабарии қувваи кории мавсимӣ % | 100,00 | 91,66 | 81,66 | 85,00 | 79,21 | 79,21 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи «Манучеҳр А»-и н. Мастчоҳ солҳои 2019-2023.*

Мувофиқи меъёрҳои тавсияшуда рӯзи кории як коргари соҳаи кишоварзӣ 240-250, мавсими 110-120 рӯз қабул гаштааст, дар хоҷагӣ онро 245 рӯз ё 120 рӯз қабул намудаанд ва онҳоро мо ҳамчун асос ҳисобида, дараҷаи истифодабарии захираҳои меҳнатиро аниқ менамоем.

Сабаби асосии он аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштан ва барои қонеъ намудани талаботи худ ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул шудан мебошад, ки ба фикри мо, каме ҳолати ҳозираи иқтисодии хоҷагӣ онро қонеъ намуда метавонад. Омили асосии таъсиркунанда ба талаботи музди меҳнати хоҷагӣ ин паст будани сатҳи музди меҳнати коргарони кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ва нобаробарии нархи маҳсулоти он ба нархи маҳсулоти соҳаҳои дигар мебошад, ки он аз омилҳои гуногуни таъсиркунанда ташаккул меёбад. Яке аз ин омилҳо мавсимӣ будани истеҳсолот мебошад Бинобар он, дар раванди таҳлил зарур аст, ки чи гуна дар давоми сол онҳо истифода шудаанд, муайян карда шавад. Муқоисаи шуғли миёнаи коргарон дар миқёси муҳлат

(мавсим, сол, моҳ ва рӯз) нишон медиҳад, ки коргарон нисбатан дар моҳҳои июл, август, сентябр фаъол буда, дар моҳҳои декабр, январ, феврал фаъолнокии онҳо суст мегардад. Барои онро бартараф намудан ва оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ паст намудани шиддати мавсимӣ дар давоми сол хоҷагӣ бояд ташкили ҷойҳои нави корӣ дар асоси ташкили соҳаҳои инфрасохтори ёрирасон ба роҳ монда шавад (ҷадвали. 2.16).

**Ҷадвали 2.16.-Музди миёнаи моҳонаи пардохтшудаи кори кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд, сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2015 нисбат ба 2010 бо % | 2024 нисбат ба 2010 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 258,79 | 696,80 | 1632,82 | 1875,73 | 2148,17 | 269,25 | 8,3 |
| Бахши воқеӣ | 275,45 | 612,28 | 2325,48 | 2560,61 | 2736,82 | 222,28 | 9,9 |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 141,10 | 242,17 | 798,00 | 895,46 | 938,02 | 171,63 | 6,6 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ | 983,07 | 1879,41 | 3878,83 | 4339,18 | 4979,57 | 191,18 | 5,3 |
| Саноати коркард | 458,90 | 1127,82 | 2567,01 | 2719,71 | 2821,71 | 232,10 | 6,1 |
| Неруи барқ, газ ва таъминоти об | 668,47 | 1034,19 | 2846,48 | 3186,70 | 3382,57 | 154,71 | 5,0 |
| Сохтмон | 671,17 | 1899,03 | 2382,08 | 2595,69 | 2675,69 | 282,94 | 3,9 |
| Бахши хизматрасонӣ | 377,10 | 752,58 | 1396,75 | 1632,71 | 1933,60 | 199,57 | 5,0 |
| Маориф | 269,61 | 618,55 | 1236,62 | 1485,43 | 1849,24 | 229,42 | 6,8 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ | 307,17 | 666,34 | 1106,94 | 1307,68 | 1639,67 | 216,93 | 5,3 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, 2025.- С 113.*

Агар ба рақамҳои ҷадвали 2.16 назар кунем, маълум мегардад, ки музди меҳнати моҳонаи миёнаи ҳамаи коргарони соҳаҳои хоҷагии халқи вилояти

Суғд дар солҳои таҳлилии 2010- 2024 аз 258,79 сомонӣ то 2148,17 сомонӣ расидааст, ки афзоиш 8,3 маротиба зиёд аст.

Таҳлили музди меҳнати миёна дар миқёси бахшҳои намуди фаъолият хусусан дар бахши воқеӣ ин нишондиҳанда солҳои 2010 - 2015 аз 275,45 то 612,28 сомонӣ, ки афзоиш 2,2 маротиба мебошад ва солҳои 2010 – 2024 аз 275,45 то 2736,82 ё 9,9 маротиба зиёд шудааст, ҳолати он дар соҳаи кишоварзӣ солҳои 2010-2015 аз 141,10 то 242,17 (71,6% зиёд) дар солҳои 2010- 2024 бошад, аз 141,10 то 938,02 расидааст, ки 6,6 маротиба афзудааст, яъне рушди сатҳи музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ назар ба дигар соҳаҳо назаррас аст.

Рақамҳо шаҳодат медиҳанд, ки аз ҳама маоши камтаринро коргарони соҳаи кишоварзӣ доро бошанд (соли 2024- 938,02 сомонӣ) ва аз ҳама баландро (4979,57 сомонӣ) коргарони соҳаи коркарди саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо соҳибанд. Дар бахши хизматрасонӣ маош 1933,60 сомониро ташкил додааст.

Яъне, маоши моҳонаи коргарони бахши хизматрасонӣ аз соҳаи кишоварзӣ бештар аст. Асоси ин фарқият дар он аст, ки арзиши дар мол таҷассумшудаи соҳаи кишоварзӣ аз арзиши маҳсулоти саноатӣ куллан фарқ мекунанд.

Дигар он ки дар кишоварзӣ асосан меҳнати дастӣ, ки он маданияти баланди касбӣ ва техникиро талаб намекунад, сарф мешавад. Омили дигар, ин даромади деҳқон аз хоҷагии наздиҳавлигии худ мебошад, ҳол он ки коргарони бахшҳои хизматрасонӣ ва дигарон қариб ин сарчашмаро доро нестанд.

## 2.3. Ҳолати истифодабарии самаранокии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Таъмини шуғли пурраи меҳнат, барҳам додани бекорӣ, яке аз муҳимтарин муваффақиятҳои иҷтимоии инсон мебошад. Дар моддаи 15 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳар кас ба меҳнат, намудан, интихоби касб, кор, ҳифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ ҳуқуқ дорад»[3, с. 11-12].

Афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ боиси баланд гаштани миқдори захираҳои меҳнатӣ гардид, ки самаранок ва оқилона истифода бурдани он дар вилояти Суғд бо як қатор сабабҳои субъективӣ ва объективӣ ҳамчун масъалаи хеле мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ боқӣ мемонад.

Аз ин бармеояд, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа оид ба самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, то ки дар соҳаи кишоварзӣ натиҷаи маҳсулнокии баланди меҳнат ба даст оварда шавад, исботи онро дар рақамҳои ҷадвали овардашуда мебинем (ҷадвали. 2.17).

Аз таҳлили рақамҳои ҷадвали 2.17 маълум мегардад, ки дар давраи таҳлилӣ афзоиши МУ бахши аграрӣ 3,3 маротиба афзудааст, вале миқдори аҳолие, ки дар деҳот зиндагӣ менамоянд 12,56% афзуда бошад нафароне, ки дар иқтисодиёт машғуланд ба 16,95% баробар аст.

Сабаби асосии он, ба фикри мо, каме ҳам бошад, пасттар будани сатҳи маданӣ ва фарҳангии деҳотиён бошад, дигар ин талаботи бештари қувваи корӣ дар оила аст.

Тавре ки дар бобҳои пешинаи кори мазкур қайд намуда будем, ин тағйир ёфтани ҳолати демографии мамлакат мебошад, яъне аз деҳот муҳоҷират намудани захираҳои меҳнатӣ асосан қобилияти меҳнатӣ доштагон мебошад.

Соҳаи кишоварзӣ, ки ҳамчун соҳаи асосии истеҳсолии деҳот баромад менамояд, маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи мазкур 2,6 маротиба афзоиш ёфта бошад, пас он ба як коргари дар иқтисодиёт иштирок намуда, 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.17. -Истифодаи самараноки миқдори захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2015 ба % 2010 | 2024 ба % 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| Маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ бо нархҳои соли 2023 млн. сом. | 6745,1 | 8489,8 | 16068,8 | 19816,0 | 22378,9 | 125,8 | 3,3 мароти ба |
| Шумораи аҳолии доимии соҳаи кишоварзӣ дар охири сол, ҳаз. наф. | 219,7 | 216,2 | 244,5 | 243,9 | 247,3 | 98,4 | 112,56 |
| Аҳолии машғул дар иқтисодиёт ҳаз. наф. | 771,1 | 798,7 | 885,1 | 902,7 | 901,8 | 103,5 | 116,95 |
| Аз он ҷумла, ба як нафар аҳолии соҳаи кишоварзӣ, сомонӣ. | 30,78 | 39,26 | 65,72 | 75,83 | 81,41 | 127,5 | 264,48 |
| Ба ҳар як аҳолии дар иқтисодиёт машғул | 8,74 | 10,62 | 18,15 | 20,49 | 24,81 | 121,5 | 283,86 |
| ММ моҳонаи як корманди умумӣ, сомонӣ | 258,79 | 696,80 | 1632,82 | 1875,73 | 2148,16 | 269,25 | 8,3 мароти ба |
| ММ моҳонаи як корманди соҳаи кишоварзӣ, сомонӣ | 141,10 | 242,5 | 798,00 | 895,46 | 938,02 | 171,8 | 6,6 мароти ба |

**Сарчашма:* Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи вилояти Суғд, соли 2025.- С. 79-81- 112-113-195.*

Яъне, афзоиши маҳсулнокии меҳнати кишоварзӣ ин натиҷаи сифатан беҳтар гаштани дараҷаи касбии коргарони соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ буда талаботи замона мебошад, ки он амалӣ гашта истодааст.

Нишондиҳандаҳои дигари истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ин ҳавасмандии меҳнат, ҳамчун омили баланд гаштани маҳсулнокии он мегардад, мебошад. Нигоҳ доштани таносуби зиёдшавии музди меҳнат ва ҳосилнокии меҳнат қонуни музди меҳнат ва пиринсипҳои он ҳатман бояд нигоҳ дошта шавад (ҷадвали 2.18).

**Ҷадвали 2.18.-Истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Кооперативи тиҷоратии "Манучеҳр А"-и н. Мастчоҳ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2023 бо % нисбати 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| Маҳсулоти умумӣ ҳамагӣ, ҳаз. сомонӣ | 557,8 | 576,9 | 586,2 | 834,5 | 860,5 | 154,26 |
| Миқдори коргарон, нафар | 48 | 50 | 51 | 52 | 53 | 110,42 |
| Хароҷоти меҳнат, одам соат | 65890 | 62370 | 63540,0 | 74000,0 | 75489,0 | 114,57 |
| Ҳамагӣ, фонди музди меҳнат, ҳаз сомонӣ | 119,3 | 125,2 | 130,3 | 141,6 | 147,3 | 123,47 |
| Ба 1 коргар сомонӣ | 2484,43 | 2504,2 | 2554,90 | 2776,47 | 2778,8 | 111,84 |
| Ба 1одам.соат | 1,80 | 2,00 | 2,05 | 1,91 | 1,95 | 103,72 |
| Маҳсулоти умумӣ, сомонӣ, аз он ҷумла: | | | | | | |
| Ба 1 коргар | 11620,2 | 11538,0 | 11494,4 | 16048,3 | 16236,9 | 140,0 |
| Ба 1 одам.-соат | 8,45 | 9,24 | 9,22 | 11,27 | 11,40 | 134,91 |
| Ҳамагӣ, фоида, ҳаз сомонӣ аз он ҷумла: | 123,2 | 67,0 | 150,5 | 174,5 | 177,9 | 144,39 |
| Ба 1коргар | 2565,96 | 1341,6 | 2950,98 | 3357,32 | 3357,3 | 132,31 |
| Ба 1одам.-соат | 1,86 | 1,07 | 2,36 | 2,36 | 2,35 | 126,34 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи «Манучеҳр А»-и н. Мастчоҳ, солҳои 2019-2023.*

Рақамҳои ҷадвали 2.18 шаҳодат медиҳанд, ки хоҷагии мазкур сол то сол ҳаҷми истеҳсолотро зиёд карда истодааст, чунки замон онро талаб менамояд, ки дар натиҷа зиёдшавӣ ва беҳтар шудани ҳолати иқтисодӣ- иҷтимоии коргарон амалӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори маҳсулоти умумӣ соли 2023 нисбат ба соли 2019 – 49,61 % афзоиш ёфта бошад, пас зиёдшавии фоида дар ин фосила 41,74%-ро ташкил додааст.

Дар хоҷагии мазкур фоида ба як одам-соат аз 1,86 то 2,38 сомонӣ (афзоиш 26,34%) ташкил дода, дар маҳсулоти умумӣ аз 8,45 то 11,40 сомонӣ коҳиш (34,91%) ёфтааст. Яъне, рушди афзоиши маҳсулнокии меҳнат нисбат ба музди меҳнат зиёд аст, ки ба қонуни иқтисодӣ-нигоҳ доштани байни рушди афзоиши музди меҳнат ва маҳсулнокии меҳнат мутобиқ мебошад, мутаносибии он нигоҳ дошта шудааст.

Ҳамчунин ҳолати мазкур дар боби 3 барои амалӣ намудани натиҷаи ниҳоии ҳавасмандии меҳнат ва маҳсулнокии он пешниҳодҳои мушаххас тавсия шудаанд.

Нишондиҳандаҳои ченакии натиҷавии сифатии истифодаи меҳнат ин маҳсулнокии он, яъне ба даст овардани фоида ба 1 одам-соат аст,ки он дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-28,0% афзудааст.

Чуноне ки мебинем, агар ба 1 одам соат-12,66 сомонӣ маҳсулоти умумӣ истеҳсол шудааст, вазни қиёсии музди меҳнат дар дохили он 37,8 % ҳиссаро ташкил медиҳад. Чи қадаре ки ҳосилнокии зиёд ва вазни қиёсии музди меҳнат мутаносибан дар он кам бошад, ҳамон қадар дараҷаи даромаднокии хоҷагӣ зиёд шуда, такрористеҳсолии васеъ таъмин карда мешавад.

Хоҷагии мазкур аз миқдори муайяни фоидаи ба даст овардааш барои таъмини тахассусии кадрҳо ва ҳавасмандии коргарон 20 %- и онро сарф намудааст, ки он дар ояндаҳои наздик барои ноил гаштан ба самараи дилхоҳ мусоидат менамояд.

Ба ақидаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани ҳавасмандии моддӣ, ки ба самаранокииии ниҳоии хоҷагӣ таъсири мусбӣ мерасонад, хуб мешуд, фоизи иловапулии мукофотӣ боз каме ҳам бошад, зиёдтар карда шавад.

Аз ин бармеояд, ки асоси қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро захираҳои меҳнатӣ ташкил мекунанд, ба он диққати бештар дода тараққиёти онро таъмин намоем. Аз омилҳои таъсиркунанда, ки ба шуғли аҳолӣ таъсир мерасонанд ва онро ифода менамоянд, ба фикри мо ин ҳавасмандии моддӣ мебошад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ доро будани талаботи истеъмолкунандагон ташаккул ёфта, мукаммал мегардад, дар натиҷа маҳсулоти дар бозор пешкашшуда зуд ба фурӯш рафта, даромад ва самаранокии хоҷагӣ ё соҳаро таъмин менамояд. Ва қонуни иқтисодии пул-мол -пул амалӣ шуда, фоидаи изофа аз меҳнати изофа таъмин мегардад. Дигар омиле, ки ба зиёд шудани маҳсулоти умумӣ- маҳсулнокии меҳнат таъсир мерасонад, ин баланд шудани

нархи маҳсулот  мебошад ва фоидаро зиёд менамояд, вале ин тарзи доимӣ набуда, дар фосилаи муайни истеҳсолӣ амалӣ мегардад.

Ҳолати истифодабарии захираҳои меҳнатиро дар мисоли Кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони Навгилем»-и шаҳри Исфараи вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор медиҳем(ҷадв. 2.19).

**Ҷадвали 2.19.-Истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони Навгилем»- и ш. Исфара**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | с. 2023 нисбати с. 2019 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| 1. | Ҳамагӣ, арзиши маҳсулоти умумӣ (хароҷот) ҳаз. сомонӣ | 5876,7 | 6573,2 | 6795,9 | 9029,0 | 11350,9 | 193,15 |
| а | Растанипарварӣ | 3928,3 | 4597,7 | 4260,9 | 5786,9 | 6370,9 | 162,28 |
| б | Чорводорӣ | 1948,4 | 1975,5 | 2535,0 | 3242,1 | 4980,0 | 255,59 |
| в | Аз он ҷумла, ба 1 корманди умумӣ | 24,5 | 25,4 | 25,9 | 33,9 | 50,4 | 205,76 |
| г | Растанипарварӣ | 18,3 | 22,2 | 20,2 | 23,4 | 36,4 | 198,02 |
| д | Чорводорӣ | 77,9 | 85,8 | 101,4 | 154,3 | 237,1 | 304,28 |
| 2. | Ҳамагӣ даромад, ҳаз. сомонӣ | 6491,0 | 7101,7 | 7340,3 | 9541,5 | 11780,6 | 181,49 |
| а | Растанипарварӣ | 4361,3 | 4906,1 | 4602,2 | 5995,1 | 6567,4 | 150,58 |
| б | Чорводорӣ | 2129,7 | 2111,3 | 2738,1 | 3517,2 | 5213,2 | 244,78 |
| в | Ба 1 корманди истеҳсолӣ | 30,3 | 30,8 | 28,0 | 35,7 | 60,1 | 198,34 |
| г | Растанипарварӣ | 22,8 | 23,7 | 21,8 | 23,6 | 37,5 | 164,35 |
| д | Чорводорӣ | 92,5 | 91,7 | 109,5 | 167,4 | 248,2 | 268,0 |
| 3. | Ҳамагӣ, фоида, ҳаз. сомонӣ | 604,3 | 444,1 | 544,4 | 483,3 | 429,7 | 71,10 |
| а | Растанипарварӣ | 422,9 | 308,3 | 341,3 | 208,2 | 196,5 | 46,45 |
| б | Чорводорӣ | 181,3 | 135,7 | 203,1 | 275,1 | 233,1 | 128,61 |
| в | Ба 1 корманди истеҳсолӣ | 2,8 | 1,9 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 77,62 |
| г | Растанипарварӣ | 2,2 | 1,4 | 1,6 | 0,9 | 1,1 | 50,67 |
| д | Чорводорӣ | 7,8 | 5,9 | 8,1 | 13,1 | 11,1 | 140,86 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи кооперативи тиҷоратии « Кишоварзони Навгилем »- и ш. Исфара солҳои 2019- 2023.*

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.19 бармеояд, дар солҳои таҳлилии хоҷагӣ тағйирёбии маҳсулоти умумӣ дида мешавад, агар соли 2019-5886,734 ҳаз. сомонӣ бошад, пас он дар соли 2023 ба 9058,145 ҳаз. сомонӣ расидааст (афзоиш 53,87%) ва тағйирот дар дохили соҳаҳои мухталиф дида мешавад.

Дар ҷумҳурӣ соҳаи растанипарварӣ ҳамчун соҳаи муҳимтарин ва калонтарини он ба ҳисоб меравад ва онро дар мисоли хоҷагӣ мушоҳида менамоем. Вале суръати афзоиши он нисбати соҳаи чорводорӣ фарқият дорад.

Яке аз омилҳои таъсиркунанда ба ҳолати кунунӣ ин афзоиши нархҳои воситаҳои гардон, ба монанди нархи сӯзишворӣ, хусусан хӯрокаи чорво таъсири худро расонидааст.

Маҳсулнокии меҳнат (аз ҳисоби даромад) нишон медиҳад, ки агар ҳамагӣ даромад ба як корманди истеҳсолӣ 98,34% баланд шуда бошад, пас нишондиҳандаи мазкур дар миқёси соҳаи растанипарварӣ 62,28%, чорводорӣ 2,6% маротиба, афзоиши хароҷот зиёдтар буда, 93,15% ташкил дода, дар растанипарварӣ 62,18%, дар чорводорӣ ба 2,6 маротиба расидааст.

Суръати афзоиши хароҷот, аз суръати афзоиши даромад фарқияти хосро дорост, ки дар натиҷа ба ҳаҷми фоидаи гирифташуда таъсири манфӣ расонидааст. Агар он дар соли 2019 - 604302 сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2023 ба 429706 сомонӣ ва коҳиши он ба 28,9% баробар шудааст, ки ба натиҷаи фаъолияти соҳаи растанипарварӣ таъсири худро расонидааст. Соҳаи чорводорӣ баракс рушд ёфтааст, (28,61%). Агар соли 2019 вазни қиёсии соҳаи растанипарварӣ дар маҷмуъ, ҳамагӣ хароҷоти маҳсулот 66,8% бошад, миқёси даромад 67,2%, ва фоида 70% ташкил дода бошад, пас дар соли 2023 ин рақамҳо, мутаносибан дигаргун шудаанд: хароҷот- 56,12%, даромад -55,74% ва фоида 45,73%-ро ташкил додааст. Яъне, аз нуқтаи назари иқтисодӣ фаъолияти ниҳоии соҳаи растанипарварӣ тадриҷан сол аз сол коҳиш ёфта истодааст, ки он дар маҳсулнокии меҳнат дида мешавад (ҷадв. 2.20).

Аз рақамҳои ҷадвали 2.20 бармеояд, ки афзоиши даромади хоҷагӣ дар соли 2023 нисбати соли 2019 дар соҳаи растанипарварӣ-50,58%, чорводорӣ 2,4 маротиба афзудааст, чунки вазъи қиёси соҳаи растанипарварӣ дар маҷмуи даромад нисбат ба соҳаи чорводорӣ зиёд бошад ҳам 55,72%-ро ташкил медиҳад, дар натиҷа афзоиши даромади хоҷагӣ бо назардошти соҳаи чорводорӣ 81,49% зиёд гаштааст.

**Ҷадвали . 2.20.-Хароҷоти меҳнат ба 1 сомонӣ даромад одам- соат дар Кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони Навгилем »- и ш. Исфара**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | с. 2023 нисбати с. 2019 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Ҳамагӣ, даромад, ҳаз. сомонӣ | 6491,0 | 7101,7 | 7340,3 | 9541,5 | 11780,6 | 181,49 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарвариӣ | 4366,3 | 4906,1 | 4602,2 | 5995,1 | 6567,4 | 150,58 |
| Чорводорӣ | 2129,7 | 2111,2 | 2738,1 | 3517,1 | 5213,2 | 244,78 |
| Ҳамагӣ, хароҷоти меҳнат, одам-соат | 501,3 | 534,6 | 553,5 | 561,8 | 468,7 | 93,49 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 374,1 | 345,9 | 385,8 | 380,4 | 278,4 | 74,42 |
| Чорводорӣ | 53,9 | 49,7 | 56,0 | 54,0 | 54,7 | 101,48 |
| Даромад ба 1 одам – соат, хароҷоти меҳнат, сомонӣ | 12,94 | 13,28 | 13,26 | 16,98 | 25,13 | 193,82 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 11,65 | 14,18 | 11,92 | 15,76 | 2358 | 202,22 |
| Чорводорӣ | 39,51 | 42,48 | 48,89 | 65,13 | 95,30 | 241,20 |

** Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии « Кишоварзони Навгилем »- и ш. Исфара, солҳои 2019- 2023*

Агар хароҷоти меҳнатро ба назар гирем, суръати тағйирёбӣ баръакс коҳиш ёфтааст-6,51%, аз ҷумла растанипарварӣ-25,58% вале чорводорӣ 1,48% афзоиш ёфтааст.. Вазъи қиёси хароҷоти меҳнати соҳаи растанипарварӣ дар соли 2019, агар 74,62% ташкил дода бошад, пас дар соли 2023- 59,39%- яъне фарқияти на он қадар назарас аст, дар чорводорӣ низ 10,75% то 11,67% расидааст.

Хароҷоти меҳнат ба як сомонӣ даромад аз 0,07 то 0,08 одам-соат соли 2019 бошад, пас соли 2023 ба 10,04 одам-соат расидааст. Яъне маҳсулнокии меҳнат зиёд гашта, дуруст ташкил намудани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар хоҷагии мазкур хуб ба роҳ монда шудаанд (ҷадвали.2.21).

Таҳлили маводҳои овардашуда исботи онанд, ки дар хоҷагӣ истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ки чун яке аз қувваҳои истеҳсолкунандаи асосӣ баромад менамоянд, ҳатман дар мадди назари олимон, мутахассисон ва кормандони соҳаҳои мухталифи истеҳсолии хоҷагӣ ва ҷузъи алоҳидаи онҳо қарор гиранд, чунки натиҷаи он ба маҳсулнокии меҳнат ва музди меҳнат таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Барои самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ хоҷаги бояд омили ҳавасмандии музди меҳнатро аз мадди назар дур намонад ва дар натиҷаи самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, арзиши аслии маҳсулот паст мешавад.

**Ҷадвали 2.21. -Музди меҳнат ва маҳсулнокии меҳнат бо назардошти ФҲИ дар Кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони Навгилем »- и ш. Исфара, ҳаз. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | | | | 2023 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ, музди меҳнат | Ба 1 коргар дар як сол | Ҳамагӣ, арзиши МУ | Ба 1 коргар дар як сол | Ҳамагӣ, музди меҳнат | Ба 1 коргар дар як сол | Ҳамагӣ, арзиши МУ | Ба 1 коргар дар як сол |
| Коргарони доимӣ, истеҳсолӣ Аз он ҷумла: | 1451,8 | 6,78 | 5876,7 | 27,52 | 2014,0 | 10,28 | 11350,9 | 57,91 |
| Растанипарварӣ | 1161,4 | 6,08 | 3928,3 | 18,35 | 1611,2 | 9,20 | 6370,9 | 36,40 |
| Чорводорӣ | 290,4 | 12,62 | 1948,4 | 84,81 | 402,80 | 19,18 | 4980,0 | 237,14 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии « Кишоварзони навгилем »- и ш. Исфара, соли 2019- 2023.*

Тавре ки рақамҳои ҷадвали 2.21 нишон медиҳанд, маҷмуи фонди музди меҳнати кормандони истеҳсолӣ соли 2019 ба 1451,8 ҳаз. сомонӣ ва соли 2023-2014,0 ҳаз. сомониро ташкил дода бошад, миқдоран 38,72% ва сифатан, яъне ба як нафар коргар 38,72% афзоиш ёфтааст. Ҳолати кунунӣ далели он аст, ки дар асл афзоиши музди меҳнат низ назаррас мебошад, яъне исботи онро мо дар афзоиши қиёси маҳсулоти умумӣ ва музди меҳнат дида метавонем.

Дар марҳилаи мазкур ҳаҷми маҳсулоти умумӣ бо (арзиш) агар 93,15% ташкил дода бошад, вале рушди маҳсулнокии меҳнати коргарони истеҳсолӣ ба 2,1 маротиба расидааст. Яъне, яке аз сабабҳои нисбатан фарқияти рушди

истеҳсолот ва нисбатан афзоиши маҳсулнокии меҳнат бе восита афзоиши музди меҳнат таъсири худро расонидааст.

Ҳолати мазкурро дар миқёси соҳаҳо таҳлил намоем, пас афзоиши маҷмуи фонди музди меҳнати солона миқдоран, дар соҳаи растанипарварӣ, дар умум афзоиш дида мешавад, ки дар натиҷа ба маҳсулнокии меҳнат таъсири худро расонидааст.

Афзоиши мутлақи маҳсулоти умумӣ дар соҳаи растанипарварӣ 62,17% ва дар чорводорӣ 2,6 маротиба мебошанд, маҳсулнокии меҳнати коргарони соҳаҳо, аз он ҷумла растанипарварӣ 98,32%, чорводорӣ 2,8 маротиба зиёд мебошад (қариб ду маротиба). Соҳаи мазкур барои таъмини бехатарии озуқавори ҳиссаи худро мегузорад, аз ин лиҳоз ҳукумат барои таъмини рушди он чорабиниҳои гуногунро амалӣ намуда истодааст.

Дар фаъолияти хоҷагӣ соҳаи растанипарварӣ нисбати чорводорӣ вазни қиёси бештарро дорост. Аз ин бармеояд, ки миқдоран истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар растанипарварӣ 2-3 маротиба зиёд аст.
(ҷадв. 2.22).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.6 маълум мегардад, ки дар асоси ташкили оқилонаи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла захираҳои меҳнатӣ тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти умумӣ дида мешавад, агар соли 2019-557771 сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2023 ба 860560 сомонӣ расидааст (афзоиш 48,94%) ва дар дохили соҳавӣ тағйирот дида мешаванд.

Рақамҳо исбот менамоянд, ки соҳаи растанипарварӣ ҳамчун соҳаи асосие, ки аҳолиро бо озуқа ва саноатро бо ашёи хом таъмин менамояд, рӯ ба афзоиш дорад. Маҳсулоти умумии соҳаҳои мазкур ва суръати афзоиши онҳо нисбатан фарқият доранд, агар соҳаи растанипарварӣ дар мухлати таҳқиқот 51,77% рушд ёфта бошад, чорводорӣ 2,1 маротиба аст, ба он омилҳои гуногуни мушаххас таъсир расонидаанд.

Яке аз омилҳои таъсиркунанда ин афзоиши нархҳои воситаҳои гардон, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, моддаҳои кимиёвӣ, заҳрҳо,

хусусан хӯрокаи чорво таъсири худро расонидааст, ки қариб тамоми онҳо аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд ва молистеҳсолкунандагони ватанӣ қудрати тағйир додани онҳоро надоранд.

**Ҷадвали 2.22.-Самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А»- и н. Мастчоҳ**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | с. 2023 нисбат и с. 2019% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| 1. | Ҳамагӣ, арзиши маҳсулоти умумӣ (хароҷот) сомонӣ. | 557771,0 | 576903,0 | 586217,0 | 834513,0 | 860560,0 | 148,94 |
| а | Растанипарварӣ | 533881,0 | 544165,0 | 551790,0 | 772013,0 | 810303,0 | 151,77 |
| б | Чорводорӣ | 23890,0 | 26798,0 | 34427,0 | 62500,0 | 50257,0 | 210,36 |
| в | Аз он ҷумла, ба 1 корманди истеҳсолӣ | 11620,2 | 11538,0 | 11494,0 | 16048,3 | 16236,0 | 139,72 |
| г | Растанипарварӣ | 11606,1 | 113360,0 | 11495,0 | 16083,0 | 16881,3 | 145,45 |
| д | Чорводорӣ | 11945,0 | 11399,0 | 11475,0 | 15625,0 | 10051,4 | 84,14 |
| 2. | Ҳамагӣ даромад, сомонӣ | 680937,0 | 638044,0 | 736717,0 | 1009094,0 | 1038501,0 | 152,51 |
| а | Растанипарварӣ | 651881,0 | 608542,0 | 692390,0 | 930518,0 | 955036,0 | 144,97 |
| б | Чорводорӣ | 29056,0 | 29502,0 | 44327,0 | 78581,0 | 83465,0 | 321,64 |
| в | Ба 1 корманди истеҳсолӣ | 14186,1 | 12761,0 | 14445,4 | 19405,6 | 19594,3 | 138,12 |
| г | Растанипарварӣ | 14177,0 | 12677,0 | 13576,2 | 19385,6 | 19896,5 | 138,87 |
| д | Чорводорӣ | 14528,0 | 14751,0 | 14775,7 | 19645,2 | 16693,0 | 114,90 |
| 3. | Ҳамагӣ, фоида, сомонӣ | 123166,0 | 67081,0 | 15050,0 | 174581,0 | 177941,0 | 144,47 |
| а | Растанипарварӣ | 118000,0 | 64377,0 | 140600,0 | 158500,0 | 144733,0 | 122,65 |
| б | Чорводорӣ | 5166,0 | 2704,0 | 9900,0 | 16081,0 | 33208,0 | 6,4 мароти ба |
| в | Ба 1 корманди истеҳсолӣ | 2565,0 | 1341,6 | 2951,0 | 3357,3 | 3357,3 | 130,88 |
| г | Растанипарварӣ | 2565,2 | 1341,1 | 2929,1 | 3302,0 | 3015,2 | 117,54 |
| д | Чорводорӣ | 2583,0 | 1352,0 | 3300,0 | 4020,2 | 6641,6 | 257,12 |

* Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А »- и н. Мастчоҳ, солҳои 2019-2023.

Мақсади асосии маълумоти овардашудаи ҷадвал, ин муайян намудани нишондиҳандаи истифодаи меҳнат, маҳсулнокии он дар умум ва ҷузъҳои алоҳидаи истеҳсолот аст, ки бо ёрии он ҳолати ташкил, истифода ва иштироки захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот, таъсири он ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти он акси худро меёбанд.Чуноне ки дар боло қайд намудем, ҳолати

маҳсулнокии меҳнат ва афзоиши он дар солҳои таҳлилӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи растанипарварӣ он 38,57% ва чорводорӣ 31,0% афзоиш ёфтааст.

Тавре ки маълум аст, ҳолат, намуд ва миқдори хароҷот ҳамчун нишондиҳандаи ташкил ва истифода бурдани ҳамаи воситаҳои истеҳсолот баромад намояд, даромад бошад, натиҷаи ниҳоии онро инъикос менамояд. Дар даромад ба ғайри хароҷот, иловатан нархи маҳсулот ва омилҳои дигари таъсиркунанда, ба монанди ҳолати инфрасохтори бозор ва ҷойгиршавии он, сифати маҳсулот ва мухлати он низ дида мешаванд, дар натиҷаи он нарх ташаккул ёфта даромад аз фурӯш ба даст меояд ва бевосита ба маҳсулнокии меҳнат нақши муайянеро мегузарад.

Чуноне ки рақамҳо нишон медиҳанд, маҳсулнокии меҳнат аз ҳисоби даромад ба як корманди истеҳсолӣ 52,51% афзоиш ёфтааст, ки он (мутаносибан) дар соҳаи растанипарварӣ 44,97%, чорводорӣ 3,2 маротибаро ташкил медиҳад.

Афзоиши хароҷот, суръати он аз афзоиши даромад фарқ дорад, ки он барои ба даст овардани фоида таъсири манфӣ расонидааст. Агар он (фоида) дар соли 2019-123,2 ҳаз. сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2023 ба 177,9 ҳаз. сомонӣ расидааст, афзоиши он 42,0% асосан аз натиҷаи фаъолияти соҳаи чорводорӣ амалӣ гашта, яъне соҳаи чорводорӣ баръакс рушд ёфтааст, (6,4 маротиба). Агар соли 2019 вазни қиёсии соҳаи растанипарварӣ, дар маҷмуъ, ҳамагӣ хароҷотҳо-95,71%, миқёси даромад-95,73%, фоида–95,8%-ро ишғол карда бошад, вале дар соли 2023 ин рақамҳо мутаносибан дигаргун шудаанд: хароҷот-94,15%, даромад-91,96% ва фоида 81,83%-ро ташкил додааст. Яъне, аз нуқтаи назари иқтисодӣ фаъолияти ниҳоии соҳаи растанипарварӣ тадриҷан сол аз сол коҳиш ёфта, он дар маҳсулнокии меҳнат низ бе таъсир намондааст (ҷадв. 2.23).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.23 бармеояд, ки дар мухлати таҳлилӣ афзоиши миқдори коргарон ва музди онҳо ба назар мерасанд, дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 агар миқдори умумии коргарон 5 нафар 10,41%) зиёд шуда

бошанд, афзоиши музди меҳнати онҳо 23,50% изофа гаштааст, чунин ҳолат дар дохили соҳавӣ низ мавҷуд аст.

**Ҷадвали 2.23.-Ҳайат, сохтор ва музди меҳнати коргарон дар кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А »-и н. Мастчоҳ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | с. 2023 нисбати с. 2019 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Миқдори коргарон, нафар | 48 | 50 | 51 | 52 | 53 | 110,41 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 46 | 48 | 48 | 49 | 48 | 104,35 |
| Чорводорӣ | 2 | 2 | 3 | 3 | 5 | 250,00 |
| Ҳамагӣ, музди меҳнат, сомонӣ | 119252,8 | 125210,0 | 130300,0 | 141603,0 | 147280 | 123,50 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 114083,5 | 119201,6 | 121635,2 | 129710,0 | 132552 | 116,18 |
| Чорводорӣ | 5169 | 6009,0 | 8664,8 | 11893,0 | 14728 | 284,91 |
| Музди меҳнат ба як корманди истеҳсолӣ | 2484,4 | 2504,2 | 2555,0 | 2723,1 | 2778,8 | 111,85 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 2480,08 | 2483,3 | 2534,0 | 2702,2 | 2761,5 | 111,34 |
| Чорводорӣ | 2584,5 | 3004,5 | 2888,2 | 2973,2 | 2945,6 | 113,97 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А »- и н. Мастчоҳ, солҳои 2019-2023.*

Яке аз соҳаи асосии хоҷагии мазкур ин растанипарварӣ мебошад, ки он дар маҳсулоти умумии хоҷагӣ 92-95%-ро ташкил медиҳад, яъне хоҷагӣ ба он махсус гардонида шуда, барои таъмини афзоиш ва рушди соҳаи мазкур ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ, иштироки захираҳои миқдоран зиёди меҳнатиро талаб менамоянд, ки барои амалӣ гаштани талаботи мазкур коргарони он миқдоран 4 нафар зиёд гаштаанд, аз он ҷумла, дар соҳаи чорводорӣ.

Ҳолати ташкили меҳнат дар равандҳои технологӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси ташкили оқилонаи истифодаи захираҳои дохилаи хоҷагӣ амалӣ гаштани равандҳои механиконии соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, ба монанди додани нурӣ, нармкунии замин (култиватсия ва кашидани ҷӯякҳо) дар чорводорӣ тайёр кардан, хӯронидан ва тоза кардани оғил, дӯшидани чорво, ки

дар натиҷа дараҷаи истифодаи меҳнати дастӣ коҳиш ёфта, маҳсулнокӣ ва музди меҳнат меафзояд.

Чуноне ки маълум аст, дараҷаи даромаднокии истеҳсолот, аз он ҷумла коргарони хоҷагӣ ҳамчун нишондиҳандаи некуаҳволии мардум баромад менамоянд, ки пояи асосии он ҳаҷми музди меҳнат мебошад. Рақамҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши миқдории захираҳои меҳнатӣ ба сатҳи музди онҳо таъсири худро расониданд. Дар марҳилаҳои таҳлилӣ маҷмуи он 6,53% афзоиш ёфта бошад, вале сифатан афзоиши он ба як коргар 11,84%-ро ташкил дод.

Дараҷаи музд асосан аз маҳсулнокии меҳнат вобастагии зич дошта, дар маҷмуи маҳсулоти умумӣ, ҳамчун нишондиҳандаи хароҷоти меҳнати зинда баромад менамояд ва таъсири худро ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагӣ мерасонад (ҷадв.2.3.8).

**2.24.-Маҳсулнокии меҳнат дар Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А »- и н. Мастчоҳ (одам-соат)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | с. 2022 нисбати с. 2019 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Ҳамагӣ, даромад, сомонӣ | 680937,0 | 638044,0 | 736717,0 | 1009094,0 | 10385001 | 152,51 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 651881,0 | 608542,0 | 692390,0 | 930513,0 | 945035 | 144,97 |
| Чорводорӣ | 29056,0 | 29052,0 | 44327,0 | 75518,0 | 93465 | 321,67 |
| Ҳамагӣ, хароҷоти меҳнат, одам-соат | 65890,0 | 62420,0 | 63540,0 | 74000,0 | 75489,0 | 114,56 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 64517,0 | 60939,0 | 62170,0 | 72520,0 | 73709 | 114,24 |
| Чорводорӣ | 1373,0 | 1481,0 | 1370,0 | 1480,0 | 1780 | 129,64 |
| Даромад ба 1 одам – соат хароҷоти меҳнат, сомонӣ | 10,33 | 10,22 | 11,60 | 13,63 | 13,75 | 133,10 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 10,10 | 10,00 | 11,13 | 12,83 | 12,82 | 126,23 |
| Чорводорӣ | 21,16 | 19,61 | 32,35 | 51,06 | 52,50 | 2,5 |

* *Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А »- и н. Мастчоҳ, солҳои 2019-2023.*

Аз рақамҳои ҷадвали 2.24 маълум мегардад, ки афзоиши даромади хоҷагӣ дар соли 2023 нисбати соли 2019 дар соҳаи растанипарварӣ-44,97%, чорводорӣ 3,2 маротиба афзудааст, вале аз сабабе ки вазъи қиёсии соҳаи

растанипарварӣ дар маҷмуи даромад 91,00%-ро ташкил медиҳад, дар натиҷа афзоиши даромади хоҷагӣ ба 52,51% баробар шуд.

**Ҷадвали 2.25.-Истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар Кооперативҳои тиҷоратии «Манучеҳр А »- и н. Мастчоҳ ва «Кишоварзони Навгилем »-и ш. Исфара (сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2023 | |
|---|---|---|
| | КТ «Манучехр» | КТ «Навгилем» |
| Истеҳсоли маҳсулоти умумӣ, сомонӣ ба 1 коргар | 16236,98 | 50470,0 |
| ба 1 одам/соат аз он ҷумла: | 11,39 | 24,21 |
| а) соҳаи растанипарварӣ | 10,99 | 22,88 |
| б) соҳаи чорводорӣ | 28,33 | 91,04 |
| Музди меҳнати солонаи 1 коргар, сомонӣ | 2778,3 | 7459,36 |
| Арзиши фондҳои асосӣ, ҳаз. Сомонӣ | 254,8 | 7666,3 |
| Фондбоздиҳӣ, сомонӣ/сомонӣ | 3,32 | 1,48 |
| Фондғунҷоиш, сомонӣ/сомонӣ | 0,29 | 0,67 |
| Фондтаъминбудан, сомонӣ/га | 3298,06 | 28338,1 |
| Фондмусаллаҳшавӣ, сомонӣ/коргар | 4810,81 | 34073,4 |

**Сарчашма:* *Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи солонаи Кооперативи тиҷоратии « Кишоварзони Навгилем »-и ш. Исфара, солҳои 2019- 2023 ва Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А »- и н. Мастчоҳ, солҳои 2019- 2023.*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.25 бармеояд, ки маҳсулнокии меҳнат дар Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А»-и ноҳияи Мастчоҳ 16236,98 сомонӣ буда, истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ба як соат 11,39 сомониро ташкил додааст ва дар миқёси соҳаҳои алоҳида мутаносибан, яъне растанипарварӣ 10,99 ва дар чорводорӣ 28,33 сомонӣ рост меояд. Вале рақамҳои кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони Навгилем»- и ш. Исфара исбот намудаанд, ки маҳсулнокии меҳнати як коргар 3,1 ва ба як одам соат 2,1 маротиба баробар аст. Дар соҳаи чорводорӣ низ бартарии КТ «Кишоварзони навгилем»-и ш. Исфара баръало дида мешавад, аз он ҷумла натиҷаи меҳнат, ки бо музд чен карда мешаванд, маоши солонаи ин кооперативи тиҷоратӣ ба сатҳи маҳсулнокии он қариб фарқ намекунанд, яъне маҳсулнокии меҳнат ба як коргар 2,6 маротиба афзуда бошад, музди меҳнати онҳо низ 2,7 маротиба зиёд гаштааст.

Нишондиҳандаи дигари иқтисодӣ ин музди меҳнат мебошад, ки дар Кооперативи тиҷоратии «Манучеҳр А»-и н. Мастчоҳ ба як нафар 2778,3 сомонӣ рост меояд, ки вазни қиёсии он дар маҳсулоти умумӣ 17,11%-ро ташкил медиҳад, агар ин ҳолатро дар Кооперативи тиҷоратии «Кишоварзони

Навгилем»-и шаҳри Исфара мушоҳида намоем, музди меҳнати солонаи як коргар 7459,35 сомонӣ буда, вазни қиёсии он дар маҳсулоти умумӣ - 14,78%-ро ташкил медиҳад.

Дар алоҳидагӣ ба натиҷаи фаъолияти коргарон ва иштироки онҳо дар истеҳсолот назар намоем, пас ба хулосае меоем, ки маҳсулнокии меҳнат ва музди онҳо (1 коргар) дар КТ « Манучехр А»-и н. Мастчоҳ фарқиятро доро мебошад. Сабаб дар чист, чаро маҳсулнокии меҳнати коргарони мазкур кам мебошад, зеро ба сатҳи маоши онҳо бевосита таъсири худро мерасонад, фарқият дар дохили соҳа чандон назаррас намебошад. Хусусан, дар чорводорӣ, чунки коргарони соҳаи мазкури ҳарду хоҷагӣ дар асоси технологияи ягонаи истеҳсолӣ иҷроиши равандҳои истеҳсолиро амалӣ менамоянд, ки таъсири худро расонидаанд. Соҳаи растанипарварӣ бо самти истеҳсолӣ фарқ мекунанд, ки яке аз онҳо ба пахтакорӣ ва дигаре бо боғдорӣ машғуланд. Технологияи истеҳсолӣ, натиҷаи ниҳоии он аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд. Соҳаи пахтакорӣ соҳаест, ки технологияи хосеро дорост, 30-40 равандҳои истеҳсолиро, ки қариб ҳамаи онҳо ба таври дастӣ иҷро мегарданд ва маҳсулнокии баландро таъмин карда наметавонанд, иборатанд. Боғдорӣ бошад, таърихан дар шаҳри Исфара рушд ёфта, нисбатан хароҷоти меҳнати дастӣ асосан ҳангоми ғунучини ҳосил зиёд мегардад, чунки миқдори коргарони бисёр ва дар фосилаи кӯтоҳ бояд амалӣ гардад, аз ин сабаб равандҳои зиёди технологӣ нисбати соҳаи пахтакорӣ 2-3 маротиба кам буда, хароҷоти меҳнатро талаб менамоянд.

Барои коҳиш ёфтани хароҷоти меҳнат дар соҳаи пахтакорӣ бояд намудҳои беҳтарин ва босифати тухмӣ, низоми илман асоснокшудаи нурӣ, муҳофизати растанӣ аз касалӣ ва зараррасонҳо, низоми беҳтарини обёрӣ – дар асоси технологияҳои муосир ҳаракат намудан лозим аст, ки имконияти иваз намудани шакли меҳнати дастӣ бо (механикӣ), ки дар натиҷа коҳиш ёфтани хароҷоти истеҳсолиро амалӣ намуда метавонад.

Ҳолати истифодаи воситаҳои истеҳсолот, яъне фондҳо нишон медиҳанд, ки дар хоҷагиҳои мазкур фарқиятҳо дида мешаванд. Масалан, дар КТ

«Манучехр»-и н. Мастчоҳ фонбоздеҳӣ қариб 3 маротиба зиёд буда, фондмусаллаҳшавӣ низ фарқият дорад, сабаби асосӣ ин ҳолати хароҷоти онҳо мебошад, ки дар байни худ фарқ доранд ва ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот таъсири худро расонидаанд.

Хулосаи боби 2

1. Таҳлили ҳолати истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва механизмҳои он, таъсири вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули он муайян намудани тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ, фавт, афзоиши он, муҳоҷирати аҳолии деҳот ва шаҳр, вилоят ва ноҳияҳои алоҳидаи он дар доираи таҳқиқот таҳлил ва натиҷабардорӣ гаштаанд. Муайян шудааст, ки ҳолати демографӣ, ҷойивазкунии аҳолӣ байни деҳот ва шаҳр миқёси дар ноҳияҳо, вилоят байни худ тафовутро дошта, он дар ноҳияҳое, ки ба шаҳр наздиканд зиёд (н.Мастчох) ва миқдори аз ҳама паст, дар он мавзеъҳое, ки бештар бо соҳаи кишоварзӣ машғуланд, мавқеи хосро ишғол менамоянд.

2. Исбот шудааст, ки барои беҳтар гаштани ҳолати вуҷуддоштаи вазъи пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагиҳо, таъмини онҳо бо кадрҳои механизаторӣ мебошад. Барои таъмини рушди маҳсулнокии меҳнат, амалӣ гаштани ҷойҳои нави корӣ, коҳиш ёфтани меҳнати ҷисмонӣ дар асоси ивази он бо меҳнати механиконӣ, ки дар маҷмуъ сарфи хароҷоти меҳнат, таъмини саломатии коргарон, дараҷаи маърифати техникии онҳо, сазовор гаштан ба музди меҳнати баланд ва сатҳи беҳтарин иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонанд, чорабиниҳои мушахасс тавсия шудаанд.

3. Барои аз байн бурдани омилҳои ба таври кофӣ истифода нагаштани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти аграрӣ, афзоиши музди меҳнат ва ҳавасмандии коргарон дар мисоли Кооперативи тиҷоратии “Кишоварзони Навгилем”-и ш. Исфара исбот гардидааст, ки дар баробари суръати афзоиши музди меҳнат 138,72% ва маҳсулнокии он- 210,14% ташкил додааст, яъне самаранокии ҳавасмандии моддиро ҳамчун фишанг истифода намудан мумкин аст, тавсия шудаанд.

## Боби 3. Самтҳои асосии такмили механизмҳои истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд

### 3.1. Ҳавасмандӣ–омили муҳимми баланд бардоштани истифодабарии захираҳои меҳнатӣ

Масъалаҳои таъмини рушди самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, дар асоси амалӣ намудани истифодаи қувваҳои истеҳсолкунандаи маънавӣ ва эҷодӣ ва таъмини афзоиши иқтисодию иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ бо назардошти маҷмуи омилҳо, ҷанбаҳои вуҷуддошта, хусусиятҳо ва фарқиятҳои иқлимӣ, табиӣ, ҷойгиршавӣ имконпазир аст. Танҳо дар ҳамин шароит ҳаматарафа ба сарфа намудани меҳнати ҷамъиятӣ, оқилона истифода бурдани қувваи корӣ, баланд бардоштани маданияти касбӣ- техникӣ, фарҳангӣ ва умумии аҳолӣ муваффақ шудан мумкин аст.

«Дар ин раванд инсон ҳамчун омили асосии иқтисодӣ назар ба дигар воситаҳои истеҳсолот, ки маҳдуданд, бо тамоми ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатӣ мавқеи хосеро ишғол менамояд ва арзёбӣ накардани хусусиятҳои мазкур метавонад боиси амалӣ гаштани таназзули иқтисодӣ ва ҳамзамон, соҳаи иҷтимоӣ гардад. Таъмини истеҳсолоти пурсамар, тезонидани марҳилаи воридкунии навъҳои сифатан аълои хуби зироатҳо, равандҳо ва технологияҳои пешқадами истеҳсолот, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ғайра, ки ба афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсири манфӣ мерасонад, зарурияти хосеро ба миён меорад»[М-1, С 307-308].

Ба ҳисоб нагирифтани ин ва дигар омилҳо, ҳатто дар шароити аз ҷиҳати бо захираҳои меҳнат таъмин будани минтақаҳо метавонад душвориҳоро барои пурра омода ва барқарор намудани ҷойҳои кориро ба амал орад.

Таҷрибаи давлатҳои дигар нишон медиҳанд, ки дарояндаи наздик ҳам ба суръат ва ҳам ба андозаи рушди истеҳсолоти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар байни омилҳои гуногун, вазъияти демографӣ, истифодаи оқилонаи қувваи корӣ ба иқтисодиёти кишвар торафт бештар таъсир мерасонад.

Чуноне ки таҳлилҳо нишон додаанл дар солҳои охир афзоиши босуръати захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ бараъло дида мешавад ва ташкили

истифодаи оқилонаи онҳо имкониятҳои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот ва дигар иқтидорҳоро амалӣ карда метавонанд. Ҳолати ҳозираи захираҳои мавҷудбудаи меҳнатӣ ба талаботи рӯзафзуншавандаи соҳаи кишоварзӣ, мукаммал намудани пойгоҳи моддӣ-техникӣ, ворид намудани дастовардҳои пешқадам, инноватсия дар ташкили истеҳсолот ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ чандон ҷавобгӯ намебошанд. Бинобар ин, худи раванди босуръати саноатикунонӣ ва интенсификатсия дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, амалӣ гаштани онҳо фақат ҳангоми амалӣ намудани барқароршавии захираҳои меҳнатӣ ва таъмини афзоиши ҳавасмандии моддии беҳтари захираҳои истеҳсолкунанда ва меҳнатиро ба вуҷуд меоранд, бояд ҳалли худро ёбанд.

Муҳаққиқони зиёд оид ба самти ҳавасмандии захираҳои меҳнатӣ фикру ақидаҳои худро баён намудаанд, масалан М.Х. Мескон қайд менамояд: «Мотиватсия ин раванди ҳавасмандгардонии худ ва дигар кормандон вобаста ба андешидани амалҳое мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои шахсӣ ва умумии ташкилот нигаронида шудаанд»[114, С. 67-68].

Муҳаққиқ Е. А. Казаринова дар самти идоракунӣ- ҳавасмандиро дар китоби худ: «Идоракунии фаврии ҳайати кормандон қайд менамояд, ки мотиватсия ин маҷмуи томи омилҳое мебошад, ки инсонро ҳавасманд ва роҳнамоӣ карда, он такони ботинии одам ба ҳар гуна фаъолият мебошад. Аммо мотиватсияи шахсро дар фаъолият метавон ҳамчун хоҳиши шахс барои қонеъ гардонидани ниёзҳо тавассути меҳнат муайян кард, ки дар натиҷа онҳо дастгирӣ меёбанд, бо одамон муошират мекунанд, сатҳи касбии онҳо такмил меёбад ва аз фаъолияти касбӣ қаноатманд мегарданд»[107, С. 54.] Ҷолиби диққат мебошад.

Муҳаққиқ Ханова А. вобаста ба ҳавасмандии меҳнатӣ қайд менамояд: «Ҳавасмандии меҳнат ин раванди сафарбарнамоии шахс ё гурӯҳи одамон ба корест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот, иҷрои самараноки қарорҳои қабулшуда ва ё корҳои ба нақша гирифташуда нигаронида шудааст»[57, С. 26].

Ба ақидаи олими соҳа А.И. Кувшинов: «Ҳавасмандии меҳнат ин маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба баландбардории кӯшишҳои ҷисмонӣ, ақлонӣ ва ахлоқӣ-психологии инсон, водор намудани ӯ ба натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни моддию маънавии ӯ нигаронида шудааст»[36, с. 213].

Дар марҳилаи кунунӣ тезонидани суръати рушди истеҳсолот, мукаммал гаштани миқдор, намуд, сохтор ва пурсамар ва таъмини такроритсеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ аз омилҳои зерин: тарзи беҳтарини ташкили меҳнат ва музди он, дараҷаи маълумот, касбияти коргарон, ки қобилияти омӯхтану азхуд намудани техника ва ворид намудани технологияҳои пешқадамро дороянд, захираҳои моддӣ ва маънавиро оқилона истифода баранд, иҷрои равандҳои истеҳсолиро тибқи талаботҳои дараҷаи кунунӣ ташкил намуда тавонанд, вобастагии зич доранд, зарурияти амалӣ намудани онҳоро ба миён меоранд, бояд ҳатман ҳалли худро ёбанд.

Яке аз муҳаққиқони ин мактаб Вилям Петти чунин баён намудааст: «Қонун бояд коргарро фақат бо маводҳои лозимаи зиндагӣ таъмин намояд, зеро агар ба коргар ду баробар зиёд ба қадри зарурӣ музд дода шавад, он гоҳ вай ба андозаи ду баробар зиёд кор карда метавонад ва дар ҳолате ки бе ду баробар зиёд кардани музди меҳнат кор мекунад, ин барои ҷамъият маънои талафи маҳсулоти меҳнат ба миқдори дахлдори онро дорад»[128, С. 18-19].

Назарияи мазкурро асосгузори назарияи фонди музди меҳнат Дж. С. Милл боз ҳам инкишоф додааст: «Мавсуф чунин ақидаеро ҷонибдор аст, ки ҳар як кишвар бояд фонди махсус барои ҷуброни кор дошта бошад. Пасандозҳо барои ташаккули сармоя ҷамъоварӣ мешаванд ва ҳадафи асосӣ он аст, ки дар сурати афзоиши сармоя ва ё ихтисор шудани коргарон ба ҳамаи коргарон ҳамчун подошпулӣ тақсим карда мешавад»[112, С. 76].

Танҳо дар ҳамин ҳолат, рушди ҳамаи унсурҳои қувваҳои истеҳсолкунандаи ба ҳамдигар мутобиқ ва алоқаманд гашта, оқилона истифода бурдани захираҳои озоди меҳнатӣ, дар асоси принсипҳои тақсим ва кооператсия дар миқёси соҳа, зироат, истифодаи технологияҳои муосири

истеҳсолӣ, ки таъмини сатҳи касбӣ-тахассусӣ ва мадании кадрҳоро васеъ менамояд ва таъсири бевоситаи худро мерасонанд, мумкин мебошад. Чунин роҳ меҳвари истифодаи захираҳои меҳнатиро васеъ намуда, дар хоҷагии халки ҷумҳурӣ бо суръати баланд ҷорӣ намудани комёбиҳои илму техникаро таъмин ва афзоиши маҳсулнокии меҳнатро қаблан муайян менамояд.

«Дар давраи кунунӣ яке аз унсурҳои асосии ҳавасмандгардонии моддӣ музди меҳнат баромад менамоянд, оид ба он Геннадий Ратнет дар асари худ қайд мекунад, ки дар ҷаҳон то ҳол аз усулҳои ҳавасмандгардонии моддӣ механизми беҳтари идоракунии кадрҳо пайдо нашудааст»[90, С. 124].

То кунун касе аз микдор ва сифати ҳавасмандӣ ё мукофот пурра қаноатманд нагаштааст. Роҳбарону масъулини корхонаву ширкатҳо, механизмҳои гуногуни онро истифода менамоянд, вале механизми универсалии ҳавасмандгардонии кормандон дар амалия чандон мавриди истифодаи том қарор нагирифтааст.

Муҳаққиқони рус Д.А. Заложнев, Д. Новиков дар асарҳои илмиашон қайд намудаанд: «Музд-ин нархи меҳнатест, ки талаботи коргарро қонеъ мегардонад»[96, С. 45].

Яъне, омилҳои таъмини рушди сифат ва рақобатнокии маҳсулоти ба даст омада ва афзоиши он дигаргун шудани ҳаракати (ҷойивазкунии) захираҳои меҳнатӣ, ки дар натиҷа рушди иқтисодию иҷтимоии ҷамъият ва коҳиш ёфтани фарқияти вуҷуддошта бо дигар мамлакатхои тараққикарда мусоидат менамояд, мукаммал намудани низоми мавҷудаи пардохти музди меҳнат нақши хосеро мебозад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда имконият медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ гарданд, ки **х**оҷагиҳо шакл, ҳаҷм ва шароитҳои пардохти музди меҳнат, хусусиятҳои таъсиршудаи хоси худро бояд мустақилона муайян намоянд. Беҳтарин шакли пардохти музди меҳнат, бо назардошти натиҷаи ниҳоии истеҳсолот, ки аз рӯйи нархномаҳои (расценка) барои воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда (фурӯхташуда) ё арзиши он бо сомонӣ, дар шароити пудрати коллективӣ, оилавӣ, шахси мушаххас ва иҷоравӣ аз ҳаҷми даромади умумӣ

гирифташуда ва дар мавридҳои зарури барои ҳаҷми кори мушахасси иҷрошуда мебошад ва он дар меҳвари қонуни музди меҳнат-аз миқдор ва сифати меҳнати сарфшударо дар бар мегирад, тавсия менамоем.

Амалӣ гаштани натиҷаи ченаки меҳнати хоҷагидорон, ба тариқи арзӣ, ки хамчун омили таъсиркунанда ба натиҷаи ниҳоии он ва тараққиёти ҷамъият шаклҳои гуногунро соҳиб гашта, мақсади асосии он таъсир ба натиҷаи меҳнат, рӯз аз рӯз зиёд ва саҳеҳтар гашта истодааст. Ба фикри мо даврае, ки то истеҳсолот ва истеъмолот, яъне талабот ва пешниҳод дар ҷамъият вуҷуд доранд, ҳавасмандӣ ба натиҷаи меҳнат низ боқӣ мемонад ва дар дохили худ мукаммал ва боз ҳам саҳеҳтар мегардад. Аз ин бармеояд, ки ба инобат нагирифтан, эътибор надодан ба омил амалан хато буда, дар натиҷа маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнат коҳиш ёфта, фарқият дар тақсимоти ниҳоии иқтисодӣ рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Афзоиши нобаробарӣ, камшавии ҳавасмандӣ ба натиҷаи меҳнат, косташавии ҷамъиятро ва амалӣ гаштани бухрони иқтисодӣ ва сиёсиро ба миён меорад.

Ҳамаи самтҳои амалӣ гардонидани ҳавасмандии меҳнат аз системаи он ва оқилона истифодабариашон вобастагии зич дорад.

Дар низоми музди меҳнат, ки аз ду қисми ба ҳам алоқаманд иборат буда, барои бештар самарабахш, андоза ва мутаносибии дурусти оқилонаи байни онҳо (музди асосӣ, қисми доимӣ) ва иловагии он (қисми тағйирёбанда) ба шакл ва намудҳои он аҳаммияти хосе бояд дода шавад.

Системаи музди меҳнат аз се омили асосии ба ҳам алоқаманд ва ҳампайваст иборат аст:

- сеткаи тарифӣ;
- ставкаи тарифӣ;
-меъёрномаи тарифи тахассусӣ.

Ҳар яки онҳо ҳамчун шакл, мавқеъ ва роҳҳои ҳалли худро аз нуқтаи назария ва амалияро дороянд, маъмул ва маълуманд, аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти худ оид ба онҳо ҳолати овардааш маълумотҳои пурра ва комил зарурият надорад.

Чуноне ки дар боло зикр намудем, музди меҳнат аз ду қисм иборат аст: асосӣ-доимӣ ва иловагӣ-тағйирёбанда ва нигоҳ доштани андоз ва таносуби оқилонаи байни онҳо аҳаммияти хосеро дороянд ва ҳамчун механизми таъсиркунанда ба рушди истеҳсолот, маҳсулнокии меҳнат истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Сутуни асосии музди меҳнатро, ҳамчун шакли кафолатии он шуморидан мумкин, аст, зеро он аз миқдору сифати меҳнати харҷгашта дар як воҳиди вақт, кори иҷрогардида ё маҳсулоти истеҳсолшуда, ки вобаста аст, онро бояд қонунҳои мазкур оид ба музди меҳнат идора намоянд.

«Дар натиҷаи риоя гаштани қонуни мазкур ҳамчун омили афзоиши минбаъдаи музди меҳнат, истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ-растанипарварӣ ва чорводорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ки ба самаранокии истеҳсолот таъсири бевоситаи худро мерасонад, баромад менамояд. Бартараф намудани норасоиҳое, ки дар низоми ҳисоб намудани музди меҳнати амалишаванда, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷуд буда, чунин муаррифӣ намудан мумкин аст: ташкили оқилонаи меҳнат, тақсим ва кооператсия, ҷобаҷогузории коргарон, нигоҳ доштани талаботи санитарӣ-гигиенӣ ва ҳифзи бехатарии ҳаёт, ба меъёрдарории хароҷоти меҳнат, тарификатсияи равандҳои меҳнатӣ, коҳиш додани фарқияти байни нархи маҳсулоти соҳавии хоҷагиҳои халқ, коҳиш додани хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, хусусан занҷираи изофашавии арзишҳои иловагӣ, бо қатъиян риоя кардани реҷаҳои сарфакорӣ таъмин намудан мумкин аст, ки дар натиҷа ба даст овардани маҳсулоти зиёди сифатан баланд бо хароҷоти камтарин, яъне фоида оварда мерасонад»[М-7, с. 262-265].

Барои амалӣ гаштани ҳадафи мазкур қисми дигари музди меҳнат, ки мо онро ҳамчун иловагӣ ё тағйирёбанда муаррифӣ намудем, нақши муҳиммеро мебозад, ки он шакл, тарз, намуд ва роҳҳои гуногуни таъсиркунандаи худро дорост.

Дар системаи истифодашавандаи музди меҳнати коргарои соҳаи кишоварзии собиқ шуравӣ ба ин қисм хело диққати ҷиддӣ дода, онро доимо дар

мадди назар гирифта шакл, ҳаҷм ва меъёрҳои вуҷуддоштаро мукаммал ва ба шароити иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият, соҳаҳои мушаххаси истеҳсолоти хоҷагӣ, коллективи меҳнатӣ, коргар, шахси алоҳида ҳампайваст менамуданд, ки онро мо ба як шакли муайян муаррифӣ намудем.

Музди иловагӣ (тағйирёбанда) = Кил+Собиқа+З кл+ З сифат+ З хароҷот+ Муҳлат+ +Касали+ Чарогоҳ+ К заҳр + З фоида + Ғайра. (3.1)

Дар ин ҷо: Кил- музди иловагии нақшавӣ дар соҳаи растанипарварӣ-( то 25%, ва дар чорводорӣ то 50%) аз музди кафолатӣ;

Собиқа - иловапулӣ барои собиқаи корӣ дар хоҷаги ё муассисаи мазкур вобаста аз солҳои корӣ-%-и (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он ҳамчун рӯзҳои рухсатии пардохтшаванда тавсия шудааст, то 10 рӯзи рухсатӣ).

З кл – иловапулӣ барои коргарони соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, ки дараҷаи (класс) - I ва – II-ро доранд.

З- сифат-иловапулӣ барои самтҳо, равандҳои истеҳсолии мушаххасе, ки ба сифати ниҳоии маҳсулоти гирифташуда, кори иҷрогардида таъсир мерасонанд, муайяну пешбинӣ шудааст, ки ҳаҷми гуногунро дар ҳар ҳолати мушаххас ба шакли арзӣ ё молӣ, натуравӣ гирад доро мебошад.

З- хароҷот-иловапулие мебошад, ки ҳангоми амалӣ гаштани раванди истеҳсолӣ, бе таъсир ба натиҷаи ниҳоии он (воситаҳои гардон тухмӣ, нурӣ, сӯзишворӣ ва ғайра), ки сарф гарданд, як қисми онро ҳамчун илова ба коргар ё гурӯҳи коргароне, ки ба он ноил гаштаанд, пардохт мешавад.

З -муҳлат – омили мазкур ҳангоми амалӣ гаштани равандҳои технологӣ, истеҳсолӣ, риоя намудани муҳлати технологӣ ва таъсири он мувофиқи талабот ба ҳосилнокӣ ва сифати ниҳоии он бевосита таъсир мерасонад, тавсия гаштааст (кишт, ғунучини ҳосил ва ғайра, ки ба сифати ниҳоии маҳсулот, таъмини сабзиши якхелаи растанӣ, коҳиш додани талафот таъсири бевосита мерасонанд), ҳаҷм ё %- и онро хоҷагӣ мувофиқи ҳолати иқтисодии худ амалӣ менамояд.

Касалӣ-иловапулӣ, асосан дар соҳаи чорводорӣ тавсия мешавад (ба шахсоне, ки ба чорвои касалӣ сирояткунанда-буреселёз нигоҳубин менамоянд).

Чарогоҳ – ба коргарони соҳаи чорводорӣ (подабонон) ва инчунин асалпарварон, ки дар чарогоҳҳои зимистона ва тобистона ба чорво (оилаи занбӯри асал) нигоҳубин менамоянд, пешбинӣ шудааст.

3-зарар-ба коргароне, ки дар раванди технологии мубориза бо ҳашарот ва касалиҳои растанӣ иштирок менамоянд.

3-фоида-шакли додани ҳаққи меҳнати иловагӣ аз натиҷаи ниҳоии хоҷагӣ, истеҳсолот, коллективи меҳнатӣ, коргарони алоҳида вобаста буда, ҳаҷми онро коллективи меҳнатӣ дар асоси қарори худ ё дар чорчӯбаи Оинномаи қабулшуда пардохт ва амалӣ намуда метавонад.

Ғайра-ин пардохтҳо, мукофотҳо, иловапулиҳо, ки мо онҳоро мушаххас тасвир накардем, вале хоҷагиҳо метавонанд иловатан дохил намоянд.

Низоми ҳисоби меҳнат, ки онро мо пешниҳод менамоем, ҳамаи ин пардохтҳо, чорабиниҳо, самтҳо, нишондиҳандаҳо тавсия буда, ҳаҷм, миқдор ва намуди онҳоро оид ба натиҷаи ташкили меҳнат ва музди он таъсир мерасонад худи хоҷагӣ дар асоси қонун муайян менамояд.

Дар натиҷа, ҳолати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳавасмандӣ, бунёдкорӣ, беҳтар гаштани равандҳои истеҳсолӣ, кор ва ғайра дар асоси музди меҳнат ҳисоб ва пардохт карда мешаванд. Ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот-фоида таъсири бевоситаи худро мерасонанд, нақши хосеро дороянд. Риоя ва амалӣ гаштани қонуни асосии музди меҳнат, натиҷаи он - аз миқдор ва сифати меҳнати сарфашуда бевосита нигоҳ дошта мешавад. Захираҳои меҳнатӣ кӯшиш менамоянд, ки савияи дониш, тахассус, малакаи касбии худро баланд бардоранд, то ки маоши арзандаро соҳиб гашта, сатҳи иқтисоди – ичтимоии ҳаёти худро боз ҳам бештар баланд намоянд.

Таҷрибаи кунунии системаи пардохти музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити кунунии истеҳсолот нишон медиҳад, ки ба ин омилҳо ва самтҳои ҳавасмандӣ на чандон аҳаммият медиҳанд.

Ба ғайри он, барои пардохти музди меҳнати коргарони соҳаи идорави - роҳбарон, мутахассисон, хизматчиён, коргарони ёрирасони техникӣ музди меҳнати онҳо низ аз натиҷаи даромади ниҳоии истеҳсолот, фаъолияти соҳаи

мушаххас (қисмҳои алоҳидаи он бригада, звено, гурӯҳҳои алоҳида) амалӣ карда шаванд, то ки ин гурӯҳи меҳнатӣ низ ба ноил шудани натиҷаҳои беҳтарини истеҳсолот саъю кӯшиш намоянд ва саҳми худро гузоранд. Барои амалӣ гаштани музди меҳнат аз натиҷаи ниҳоӣ чунин тавсия медиҳем, ки пардохти ҳаққи меҳнати онҳоро аз (100 ё 10000) сомонӣ миқдори даромади умумии истеҳсолот (фаъолият) ҳисоб ва натиҷабардорӣ карда шавад (ҷадвали. 3.1.1).

Ҳукумат ва мақомотҳои дахлдор кӯшиш намоянд, барои баланд бардоштани сатҳи музди меҳнати кормандон тамоми чораҳои заруририро андешанд. Аз ин лиҳоз, тайи солҳои охир бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд қарорҳо оид ба баланд бардоштани ҳадди ақал ва моҳонаи музди меҳнати коргарони буҷавӣ қабул ва амалӣ шудаанд.

Вале корхонаҳои кишоварзӣ, ки аксари онҳо шаклҳои моликияти гуногунро доро мебошанд, пардохти (ҳаҷми) музди меҳнатро ба салоҳияти худи онҳо вогузоштаанд. Барои амалӣ гаштани афзоиши ҳаҷми пардохти музди меҳнати коргароне тавсия шудаанд, дар асоси қарори худи истифодабарандагон ва ҷорӣ намудани он ҳаракат намоянд, то ки ба натиҷаи беҳтарини истеҳсолии иқтисодӣ ноил гарданд.

Дар баробари афзоиш ёфтани ставкаҳои тарифӣ (қисми асосии музди меҳнати кафолатӣ) мавқеи ҳавасмандгардонӣ дар иҷрои нақшаҳо, уҳдадориҳои истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулот, афзоиши онҳо сарфа намудани тамоми захираҳои истеҳсолӣ-моддӣ ва молиявӣ, ҳампайвастӣ ва алоқаи бевоситаи мукофотҳо, иловапулиҳо ба натиҷаи меҳнати ҳар як корманд, иҷрокунанда дар коллективи меҳнатӣ ва дигар ҷузъҳои истеҳсолӣ нақши муайяни худро доро мебошанд. «Аз ин лиҳоз, ҳисоб намудан ва пардохт, яъне амалӣ гаштани онро таъмин намудан лозим аст. Ҳангоми иҷро нагаштани таъмин то натиҷаҳои нақшаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ, молиявӣ аз тарафи коргари алоҳида ё гурӯҳи онҳо иловапулӣ ва мукофотҳо бояд ҳисобӣ карда нашаванд, ин ҳамчун омили асосии таъсиркунанда ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот ба шумор меравад»[М-2, с. 273-277].

**Ҷадвали 3.1.-Намуд ва шаклҳои ҳавасмандӣ, пардохти иловапулиҳо дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ**

| Гурӯҳ | Шаклҳои ҳавасмандгардонӣ | Иҷрокунандагон Коргар | Дараҷаи ҳавасмандӣ вуҷуддошта % | Дараҷаи ҳавасмандӣ тавсияшуда % |
|---|---|---|---|---|
| I | Дараҷаи касбӣ (класс) | Тракторчӣ-мошинист, кл. I<br>Устоди соҳаи растанипарварӣ, кл. I<br>Устоди соҳаи чорводорӣ, кл. I | 20% | 25% |
| | | Тракторчӣ-мошинист, кл. II<br>Устоди соҳаи растанипарварӣ, кл. II<br>Устоди соҳаи чорводорӣ, кл. II | 10% | 15-20% |
| | Собиқаи корӣ, сол | Коргароне, ки бевосита дар хоҷагӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур фаъолият менамоянд: аз 3 сол боло, 5-10 сол, 10-15, зиёда аз 15 сол.<br>Аз ҳаҷми музди меҳнати солона 1 маротиба амалӣ мешавад. | 8%<br>10%<br>15%<br>20% | 15%<br>20%<br>25%<br>30% |
| II | Иловагии кафолатӣ | Ба коргарони истеҳсоли соҳаи растанипарварӣ.<br>Ба коргарони истеҳсоли соҳаи чорводорӣ. | то 25,0<br>то 50,0 | то 25<br>то 50 |
| | Ҳавасмандӣ аз натиҷаи, сарфа, пешниҳодҳо тавсия, ихтироотҳо, фоида | 1. Амалӣ гаштани пешниҳодҳо, тавсияҳо, ихтироъоте, ки дар натиҷаи он хоҷагӣ даромади иловагӣ ба даст меорад, аз ҳаҷми даромади гирифташуда.<br>2. Ҳавасмандии коргарон ба натиҷаи ниҳоии оянда аз маоши асосӣ зиёд карда шаванд.<br>3. Амалӣ намудани равандҳо дар растанипарварӣ, мубориза бар зидди хашароти зараррасон, касалӣ ва алафҳои бегона пешбинӣ мешавад.<br>4. Тайёр кардани кадр баланд бардоштани тахассуси касбӣ, бозомӯзӣ.<br>5. Барои сарфа кардани хароҷоти бевосита аз нақшаи истеҳсолӣ (тухмӣ, нуриҳои минералӣ, гербитсидҳо, заҳрхимикатҳо ва ғайра пешбинӣ шудааст, аз андозаи маблағи сарфашуда тавсия мешавад.<br>6. Нисбат ба ҳосили миёнаи дар зарфи 4-5 соли охир гирифташуда, маҳсулот аз он барзиёд истеҳсол гардад, он гоҳ музди иловагӣ аз маҳсулоти барзиёд гирифташуда тавсия дода шавад.<br>7. Ба хоҷагиҳои тухмипарвар;<br>7,1 Пахта;<br>7,1. Сабзавот ва полезиҳо аз музди асосӣ пешбинӣ мешавад. | 20%<br>10%<br>10%<br>10%<br>70%<br>25-30%<br>20-30%<br>10-20% | 25%<br>15%<br>20%<br>20%<br>80%<br>30-55%<br>25-40%<br>15-25% |

Идомаи ҷадвали 3.1

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| III | Иловагиҳои махсус дар соҳаи чорводорӣ | Барои говдӯш аз модаговҳои вобасташуда, зиёда аз 90% гирифтани насл таъмин гардад, додани гӯсолаи 2 -моҳа ҳамчун мукофот тавсия мешавад.<br>Ба подабонҳое, ки гусолаҳоро дар муҳлати ширмакӣ нигоҳубин менамоянд, дар давоми сол, 100% солим нигоҳ доштани онҳо гусолаи 4- моҳа ҳамчун мукофот тавсия дода мешавад.<br>Ба подабонҳое, ки мешҳоро нигоҳубин мекунанд, дар сурати солим доштани онҳо (давоми сол) гӯсфанд тавсия мешавад.<br>Барои асалпарварон аз маблағи музди асосии иловапулӣ дар сурати:<br>4,1. 100% солим нигоҳ доштани оилаҳои занбӯри асал;<br>4,2. То 80% , солим нигоҳ доштан тавсия мешавад.<br>Нигоҳубини чорвои касалӣ (сирояткунанда, бурселёз, оқсил 15% аз маоши асосӣ иловапулӣ тавсия мешавад.<br>Нигоҳубини чорво дар чарогоҳи соҳаи аспарварӣ-40% аз музди асосӣ иловапулӣ тавсия мешавад. | 1 сар<br>1 сар<br>1 сар<br>20%<br>10%<br>15%<br>40% | 2 сар<br>2 сар<br>2 сар<br>30%<br>20%<br>25%<br>50% |
| IV | Дигар иловагиҳо | 1. Ҷорӣ намудани технологияи пешқадам;<br>2. Роҳбарӣ кардан ба коллективҳои меҳнатӣ, звено ё гурӯҳ аз музди асоси ба андозаи зерин музди илова дода мешавад: дар хайати звено будани 5 нафар;<br>2,1. Зиёд а аз 5 нафар;<br>3. Сардорони бригадаҳои ғайриштатӣ аз музди асосии мехнат тавсия мешавад. | 10%<br>10%<br>15%<br>25% | 10-15%<br>15%<br>20%<br>30% |
| V | Ҷаримаҳо | Шахсоне, ки камбудиҳо дар равандҳои истеҳсолӣ содир менамоянд; вайрон кардани интизоми меҳнатӣ ва ғайраро дороянд онҳо аз музди иловагӣ, мукофотҳо пурра маҳрум карда мешаванд. | - | бо қарорӣ колективи меҳнатӣ |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [16, С. 21-30].*

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.1.1 бармеояд, шаклҳои ҳавасмандиро шартан ба 4 гурӯҳи мушаххас ва ҷаримаҳоро ба гурӯҳи 5-ум ҷудо намудем:

Ба гурӯҳи I ва IV иловапулиҳо барои коргарони истеҳсолӣ, соҳаи растанипарварӣ, чорводорӣ, ёрирасон ва пардохтҳо, ки ҳисобӣ намудани онҳо барои ҳар як иҷрокунанда ё коргари алоҳида мушкилие надорад, дохил шудаанд.

Гурӯҳи II-ҳавасмандиҳое, ки аз натиҷаи ниҳоии истеҳсолии хоҷагӣ- фоида дар охири мавсим, сол ба даст меояд, муайян карда мешаванд, ки онро мо низ шартан ба 7 намуд ҷудо намудем. Ҳар яки онҳо мавқеи хоси худро доро буда, миқдор ва вазъи қиёсиашон (ҳиссаашон) аз ҳолат, шароит, дурнамои тараққиёти хоҷагӣ вобастаанд, ба тарзи фоизҳо оварда шудаанд.

«Гурӯҳи III-мушаххас ҳавасманд намудани коргари соҳаи чорводорӣ (барои ихтироот, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар истеҳсолот амалӣ мегарданд, дар бар мегирад. Ҷорӣ намудани шаклҳои ҳавасмандӣ коргаронро водор месозад, ки сатҳи дониш, малакаи касбӣ ва тахассусии худро баланд бардоранд, бозомӯзӣ намоянд, то пешниҳодҳои ҷолиби диққатро, ки маҳсулнокии меҳнатро баланд ва хароҷотро, хусусан истеҳсолиро коҳиш дода, ба даст овардани фоидаи изофаро амалӣ гардонанд» [16, С. 21- 30]. Дар натиҷа, на танҳо як истеҳсолот, хоҷагӣ, балки ҷамъият баҳрабардорӣ менамояд, таъсири худро мерасонанд.

Барои ҳавасманд намудани захираҳои меҳнатӣ ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот, баланд бардоштани ҳаҷми музди меҳнати ниҳоӣ, беҳтар намудани шароити иқтисодӣ-иҷтимоии онҳо самтҳои ҳавасмандкунӣ дар давраи шуравӣ (иқтисодиёти нақшавӣ) хеле зиёд буданд ва гурӯҳи иқтисодчиён онро мушаххас ҳисоб менамуданд. Ба фикри мо онҳоро ҷонноку амалӣ намудан хело саривақтӣ буда, таъсири мусбӣ доранд

Баъди гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ бисёри ин омилҳо моҳияти худро аз даст додаанд, чунки он асосан ба хароҷоти истеҳсоли воридшуда дар интиҳо ба нархи маҳсулот таъсири худро мерасонад ва риояи онро бозор

танзим менамояд. Иҷрои ҳавасмандиҳо хело мураккаб буда, вакт ва роҳҳои баҳисобгирии мушаххасро талаб менамояд, ки амалӣ намудани онҳо хело душвор мебошад, аз ин лиҳоз, хоҷагиҳо онҳоро  ба назар намегиранд. Вале, ба фикри мо амалӣ гаштан ва ба назар гирифтани ин омилҳои таъсиркунанда ба натиҷаи ниҳоии  маҳсулнокии  меҳнат, хусусан музди он дар ҳолати ҳозираи истеҳсолот аз манфиат холӣ  нест.

Ҷорӣ ва ҳисоби онҳо мураккабии худро дороянд, вале амалӣ гаштани онҳо ҳавасмандии захираҳои меҳнатиро ба натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот таъмин менамоянд.

Пешниҳодҳои овардашуда шакли тавсиявиро доро буда, амалӣ намудани он аз худи хоҷагӣ ва коллективи меҳнатӣ вобаста аст. Вале илм ва таҷриба исбот менамояд, ки ҷорӣ намудани тавсияҳо самараи дилхоҳро таъмин намуда, ба натиҷаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ-маданӣ, эҷодӣ ва экологии ҷамъият таъсири бевоситаи худро мерасонанд.

Дар иқтисодиёти бозорӣ мақсади асосии молистеҳсолкунанда, аз он ҷумла захираи меҳнатӣ беҳтар намудани ҳолати иқтисодии худ мебошад, ки он дар мадди авввал қарор гирифта, онро таърихи тараққиёти тамаддуни дунё, хусусан  ҳаёти инсон исбот мекунад.

Асоси ҳисобии иловапулиҳо ин ҳаҷми музди меҳнати асосии ба коргар алоқаманд буда, ба натиҷаи он таъсири бевосита мерасонад, аз ин лиҳоз, ҳисоб намудани музди меҳнат интихоби дурустии  самти  ҳавасмандиҳоро акс менамояд.

Вале дар як қатор хоҷагиҳо, молистеҳсолкунандагони мушаххаси кишоварзӣ ба ин омилҳо аҳаммияти хос намедиҳанд, ки ба  фикри мо на чандон дуруст мебошад. Тавре ки дар боло зикр намудем, музди меҳнат ва ҳаҷми он, чун ҳаракатдиҳанда ва танзимкунандаи ҷамъият, давлат, хусусан мубодилаи байни истеҳсол ва истеъмол нақши хосеро иҷро намуда, доимо дар мадди назари мутахассисон, кормандони соҳаҳои мухталифи илмӣ ва истеҳсолкунандагон хусусан кишоварзон қарор мегирад.

Харитаи технологии истеҳсолӣ барои зироати (маҳсулоти) мушаххас тартиб дода мешавад. Ин нақша аз 3 қисми асосӣ: технологӣ-техникӣ, иқтисодӣ, ки бо ҳам пайваст ва алоқаманданд, иборат мебошад. Ҳар як қисми онҳо ба худ талаботи хосеро доро буда, тартиб, намуд ва равандҳои истеҳсолӣ, талаботи агро-технологӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва хароҷоти маводҳои моддӣ-меҳнатии мушаххасро талаб намуда, ҳамчун муйянкунандаи хароҷоти ниҳоии истеҳсолӣ ба як воҳиди кор ё одам, аз ҷумла меҳнат-одам-соат музди он баромад менамоянд.

Ҳангоми тартиб додани харитаи технологӣ, хусусан муайян намудани ҳаҷми музди меҳнат ба хатогие роҳ дода шавад, ҳавасмандии меҳнат коста ва ба ҳосилнокии он низ таъсири манфӣ мерасонад, дар натиҷа ба бекурбшавии асъори миллӣ оварда мерасонад.

Барои бартараф намудани омилҳои таъсиррасони номатлуб амалӣ гаштани истифодаи самарабахши меҳнатро тавсия медиҳем: ҳисоб намудани музди меҳнати хоҷагӣ, корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси таҳияи харитаи технологии маҳсулоти истеҳолшаванда ҳамчун ҳуҷҷати ёрирасон бояд иҷро гардад.

Чуноне ки маълум аст, дар хоҷагӣ дар баробари иштироки коргарони истеҳсолӣ мавқеи хосро ҳайати идоранишинон, хизматчиёни зинаҳои миёна ва поён ишғол менамоянд ва моҳонаи муайянеро соҳиб буда, ба натиҷаи ниҳоии хоҷагидорӣ таъсир мерасонанд.

Ҳаҷми музди меҳнати идоранишинон ва хизматчиён вобаста аз натиҷаи ниҳоии фаъолияти хоҷагӣ, аз ҳамаги даромади умумӣ алоқаманд мебошад.

Ба фикри мо, барои муайян намудани музди меҳнат ҳамчун база (асосӣ) нишондиҳандаи ҳисоби даромади умумӣ ба назар гирифта мешавад, чунки дар маҷмуи хароҷот, меҳнати гузашта (Мг- ки дар мол таҷассум шудааст) иштирок намекунанд, вале дар баъзе ҳолатҳо вазни қиёсии онҳо бештар аст.

Дар ин ҳолат агар мо маҷмуи маҳсулоти умумиро (хароҷотро) ҳамчун базаи ҳисобӣ барои муайян намудани ҳаҷми музди меҳнат қарор диҳем ба

фикри мо начандон дуруст мешавад. Чуноне, ки аз формулаи зерин бармеояд (Му= Мг+Мз+Ми), (3.2).

Меҳнати гузашта ин натиҷаи фаъолияте мебошад, ки онро дигарон амалӣ намудаанд ва молистеҳсолкунандагон онро харидорӣ менамоянд.

Аз ин лиҳоз, нишондиҳандаи базавии ҳисоби маошро даромади умумӣ ҳамчун асос гирифтан дуруст мебошад. Даромади умумӣ (Ду), асосан дар дохили хоҷагӣ амалӣ мегардад ва аз натиҷаи фаъолияти захираҳои меҳнатии он бевосита вобастагӣ дорад.

Асоси онро меҳнати зинда (Мз-музди меҳнат) ва меҳнати изофа (Ми-фоида) ташкил медиҳад:

Ду= Мз + Ми (3.3)

Ин омилҳо бевосита дар худи хоҷагӣ, ҷузъи он ё истеҳсолоти мушаххас амалӣ мегарданд. Бартарии дигари ин нишондиҳанда (Ду) дар он аст, ки қисми даромади умумӣ ин фоидаеро ташкил медиҳад, ки ба натиҷаи (ҳаҷми) он нархи маҳсулот бевосита таъсири худро мерасонад.

Дар навбати худ ба нархи маҳсулот се омили асосӣ иборат аст: -муҳлати истеҳсол; -сифат ва миқдори маҳсулот; -арзиши аслии он таъсири бевосита мерасонад. Чи қадаре ки муҳлати истеҳсолот идора шавад, (аз ҳам пештар (барвақттар) ва миқдори он молу маҳсулот танзим ба бозор пешниҳод намоем) ҳамон қадар талабот ба он меафзояд ва ба нарх таъсири мусбии худро мерасонад.

Омили дигар ин сифати маҳсулоти пешниҳодшуда мебошад, ки он ҳам ба натиҷаи ниҳоӣ- нарх таъсир мерасонад.

Омили сеюм, бевосита дар хоҷагӣ амалӣ мегардад ва онро дар асоси самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ идора кардан мумкин аст.

Муайян намудани (нархномаи) музди меҳнати гурӯҳи идоранишинҳо-роҳбарон, мутахассисон ва дигар категорияҳои хоҷагидорӣ дар асоси (ҳисоб намудани музд) аз даромади умумӣ чунин шаклро тавсия менамоем:

1. Яъне, ФММ-Маоши асосии (кафолатии) онҳо мувофиқи меъёр (моҳона) тавсияшудаи худи хоҷагӣ, бо сомонӣ, ки он дар нақшаи истеҳсолии хоҷагӣ муайян шудааст, гирифта мешавад, чунин ҳисоб карда мешавад.

2. Нархномаи музди меҳнати гурӯҳи мазкур дар асоси даромади умумӣ:

$$\text{Нарх} = \frac{\text{ФММ}}{\text{ДУ}} \quad (3.4)$$

Дар ин ҷо:

ФММ- фонди музди меҳнати нақшавӣ; Ду- даромади умумии нақшавӣ.

Нарх- нарх (ҳаҷми) музди меҳнати коргарон ба 100, 1000 сомонӣ;

Фонди музди меҳнати ҳар як гурӯҳ (ё шахси алоҳидаи) роҳбарон мутахассисон, хизматчиён.

Даромаднокии умумии нақшавӣ- даромади миёнаи 3 соли охир ҷузъи истеҳсолот, гурӯҳ, бригада, сеххо, хоҷагӣ бо нархҳои ҷорӣ, сомонӣ.

$$\textit{Даромади нақшавӣ} = \frac{\text{Др}1 + \text{Др}2 + \text{Др }3..\text{Дрп}}{\text{Т сол}} \quad (3.5)$$

Дар ин ҷо:

$Ду_1$-$Ду_2$-$Ду_3$-$Ду_n$- Даромади умумии ҳақиқии гирифташуда дар солҳои мухталиф, сомонӣ;

Тсол-микдори солҳои ҳисобӣ.

Баъди муайян намудани нишондиҳандаҳои лозимӣ дар формулаҳои овардашуда, нархномаи нақшавии соли пешбинишуда ҳисоб ва тавсия мешавад.

Сабаби хусусияти хоси соҳаи кишоварзӣ, хусусан соҳаи растанипарварӣ натиҷаи ниҳоии истеҳсолот, фаъолияти он, муҳлати муайянеро талаб менамояд, аммо коргарон, захираҳои меҳнатӣ, талаботи рӯзмарраро дороянд ва барои таъмини он пешпардохт Мп (аванс) тавсия медиҳем, ки ҳаҷми он 70-80% маоши нақшавии онҳоро бояд ташкил диҳад.

Натиҷаи ниҳоии музди меҳнати ин гурӯҳ дар охири мавсим ё соли ҳисоботӣ чунин баробар карда мешавад:

Мм натиҷавӣ= Нарх* Ду ҳақиқӣ (3.6)

Баъди пардохти пешдмуздҳо Мм ниҳоӣ чунин ҳисобӣ карда мешавад. Мп-(Маоши пешпардохт), яъне агар мутахассис, коргар дар натиҷаи ташкили фаъолияти пурсамари коллективи меҳнатӣ саҳми арзандае гузошта бошад (даромад) маоши ниҳоии он зиёд, агар не баръакс кам мегардад. Тарзи шакли ҳисобии пешниҳодгашта таъсири фаъолияти касбии мутахассисон, роҳбарон, хизматчиён ва дигар коргарони идоравиро ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот таъмин намуда, бетарафии онҳоро аз миён мебардоранд. Чунин шакли пардохти музди меҳнатро ба коллективи меҳнатии алоҳида, иҷорагирон, пудрачиён низ тавсия намудан қобили диққат аст.

Вале, барои боз ҳам баланд бардоштани масъулияти ҳар як коргари истеҳсолӣ ва ноил гаштан ба маҳсулнокии меҳнатии баланд ҳиссаи мушаххаси онҳоро дар ҳар як раванди меҳнатӣ ё амалӣ гаштани натиҷаи ниҳоии истеҳсолот дар миқёси рӯз, ҳафта, даҳрӯза, моҳона бо назардошти коэффитсиенти иштироки меҳнат муайян намудан мумкин аст, ки онро мо ҳамчун омили баланд бардоштани музди меҳнат ва маҳсулнокии он тавсия медиҳем. Коэффитсиенти мазкур якчанд омилҳои таъсиррасонро (зиёд+ ё кам-)-дар назар доранд, истифода мебарад, вале ҳаҷми музди меҳнати ҳисобӣ (асосӣ) риоя карда мешавад, фарқият дар миқдори меҳнатии байни коллектив ва коргарони алоҳида дида мешавад. Истифодаи шакли ҳисобии музди меҳнат бо назардошти коэффитсиенти мазкур бетарафӣ, саҳлангорӣ, фиреб, хешу таборӣ, маҳалчигӣ ва дигар омилҳои номатлубро аз байн мебарад ва музди меҳнати дар асоси қонуни ҳаҷми он вобаста аз миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда амалӣ мегардад.

Шакли дигари ҳисоб намудани музди меҳнати коллективи меҳнатӣ ҳангоми шакли иҷоравии ташкили меҳнатро (Мм) ниҳоӣ чунин пешниҳод менамоем, чунки дар соҳаи кишоварзӣ дохили хоҷагӣ ташкили истеҳсолот, яъне истифодаи меҳнат шакли иҷоравиро низ дорад, аз ин лиҳоз дуруст ба роҳ мондани қисматҳои ҳисобии ҳавасмандии натиҷаи он музди меҳнат нақши асосиро мебозад ва тарзи муайян намудани онро чунин пешниҳод менамоем:

Даромадҳо:

1. Даромад аз фурӯши маҳсулот; сомонӣ;

2.Даромад аз хизматрасониҳо; сомонӣ;

3. Дигар даромадҳо дар натиҷаи ба иҷора додани воситаҳои асосӣ воридот аз фоизҳои маблағҳои дар бонкҳо маҳфузбуда, қоғазҳои қиматнок, суғурта ва ғайраро дар бар мегирад.

4. Дар натиҷа ҳамагӣ даромад= ҷамъи бандҳои 1+2+3; сомонӣ;

I I Ҷамъи хароҷот, сомонӣ;

5.Хароҷоти маҳсулоти фурӯхташуда, корҳои иҷрошуда, хизматрасонӣ –(ба ғайри) фонди музди меҳнати ҳамаи коргарони бо фаъолият машғул буда, дар давоми сол, сомонӣ;

6. Дигар хароҷотҳо ва зарарҳо, сомонӣ;

7. Маҷмуи даромади боқимонда, бандҳои 7=4- (5+6);

8. Пардохтҳои хатмӣ аз даромад (пардохтҳои ҳатмӣ), андозҳо, ухдадориҳо, % қарзҳо, фонди захиравии коллективи меҳнатӣ ва дигар чаримаҳо);

9. Қисми даромади ҳисоби хоҷагидорӣ, ки барои таъмини такрористеҳсолкунии васеи ҷузъи мазкур, илм, ҷорӣ намудани технологияи муосир, тайёр кардани кадр, боқимондаи даромад, ки ҳамчун 10=фонди ягонаи музди меҳнати коллектив (9=7-8) боқӣ мемонад.

Дар натиҷа, шартҳои иҷора ҳангоми бастани шартнома байни иҷорадиҳанда ва коллективи меҳнатӣ (иҷоракор) таҷассум мегардад.

Иҷоракорон мустақилона намуд ва ҳаҷмҳои ҳамаи пардохтҳои ғайримустақимро (ба ғайри %-бонк ва % андозҳоро) худашон муайян менамоянд.

Дар давоми соли истеҳсолӣ ҳайати коргарони коллективи меҳнатӣ, ки ба тарзи мазкур фаъолият менамоянд, пешпардохт тавсия мешавад.

Ҳаҷми пешмуздро худи коллектив байни худ муайян менамояд, вале ҳаҷми он набояд аз 70% ё 80% фонди музди меҳнати ҳисобӣ (дар асоси харитаи технологӣ ё маоши вазифавӣ) зиёд бошад.

Натиҷаи ниҳоии музди меҳнат, мутаносибан аз даромади боқимонда ҳисоб карда мешавад, дар он миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда амалӣ мегардад, ки дар натиҷа самаранокии истифодаи меҳнат ва баланд гаштани маҳсулнокии он таъсири бевоситаи худро мерасонад.

## 3.2. Самтҳои такмили механизми ташкилӣ- иқтисодии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Таҳлил ва натиҷабардории рафти ислоҳотҳои амалигаштаи самтҳои иқтисодӣ, чорабиниҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ки дар таъмини соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла вилояти Суғд сохтори мураккабро дорост ва аз хусусиятҳои хоси давраи гузариш ба вуҷуд омадааст, мавриди таҳқиқ гардиданд.

Вилояти Суғд яке аз калонтарин марказҳои иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, шумораи амиқи аҳолиро, ки дар истеҳсолоти фаъолона ва самаранок иштирок менамоянд, барои ба даст овардани амнияти озуқаворӣи аҳолӣ амалӣ намуда, қисми изофагии онро ба хориҷи кишвар содирот карда истодааст.

Дар натиҷа, барои таъмини ҳаёти муносиби аҳолӣ заминаи мустаҳками озуқаворӣ, ки ба талаботи тавсияшуда-меъёрҳои оқилонаи истеъмолӣ, ки дар тамоми ҷаҳони мутамаддин истифода бурда мешаванд, ҳиссаи сазовори худро мегузорад.

Масъалаҳои ташкили истифодаи захираҳои меҳнат дар вилояти Суғд ҳоло комилан ҳал нагаштаанд ва аз ин лиҳоз, пайдо гаштани ихтилофҳо, нофаҳмиҳо дар меҳвари назариявӣ зиёд мебошанд ва комилан онҳо бо далелҳои илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ возеҳ нагаштаанд. Шакли ташкили истеҳсолот, намунаи зисти деҳотиён нисбати шаҳрнишинон тарзи хоси махсуси ташкил ва таъмини рушди иқтисодиёт, аз он ҷумла дар кишоварзӣ амалӣ мегарданд. Масъалаҳои дигар ҳангоми муайян намудани моҳияти «бозори меҳнат»-и кишоварзон аз тарафи муҳаққиқони самти мазкур ба инобат гирифта шудааст. Ба фикри мо на чандон дуруст мебошад.

Олим Т. Веблен бозори меҳнатро чунин шарҳ додааст: «Бозори меҳнат майдонест, ки гуфтушунид байни соҳибкорон ва кормандон ва тавсифи қоидаҳои рафтор дар он ҷо ташкил карда мешавад. Тадқиқоти институтсионалистӣ ба таҳлили он равона шудааст. Институтҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар бозори меҳнат, таҳлили касбӣ ва истеҳсолӣ фарқият дар сохтори

қувваи корӣ ва мувофиқан, дар сатҳи музди меҳнат равона гардидааст. Мақсади асосии ин назария зарурати тақвияти назорати иҷтимоӣ аз болои иқтисодиёт мебошад. Тадқиқоти махсус масъалаи кафолатҳои иҷтимоии шуғлро ба даст меорад» [139, С 147].

Олими ватанӣ Ф.М. Васиев бозори меҳнатро бо механизми ташкилӣ-иқтисодӣ алоқаманд ҳисобида, чунин иброз менамояд: «Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ унсури асосии низоми идоракунӣ буда, он имконият медиҳад, ки устувории фаъолияти идоракунӣ таъмин карда шавад»[23, С. 44-45].

Ба ақидаи Т.Ҷ. Усмонова «Дар ҷумҳурӣ байни одамоне, ки мехоҳанд дар бозори меҳнат қарор дошта бошанд ва одамоне, ки дар ниҳоят дар бозори меҳнат мемонанд, парокандашавии бузург ҷой дорад. Аз нуқтаи назари иқтисодчӣ бармеояд, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни талаботу таклифоти қувваи корӣ фарқияти ниҳоят калон дида мешавад, ки мушкилии асосии он нокифоягии миқдори ҷойҳои корӣ нисбат ба шумораи қувваи корӣ мебошад» [56, С. 152-157].

Маълум мегардад, ки мафҳуми «бозори меҳнат», дар соҳаҳои аграрӣ, ки дар рафти омӯзиш муайян шудаанд, аз низомҳо ва тадбирҳое иборат мебошанд, ки ҳукумат ҳангоми бунёд намудани ҷойҳои нави кории самарабахш дар асоси тарзҳои вуҷуддоштаи моликияти гуногуни ҳуқуқӣ-ташкилии хоҷагиҳо андозаии оқилонаи корхонаҳои хурд, миёна ва бузург амалӣ мегарданд, ба инобат гирифта мешаванд. Яке аз онҳо омода намудани коргарони баландихтисос бозомӯзии онҳо, ки аз қоидаҳои иқтисодӣ огоҳанд, беҳ гаштани инфрасохтори иҷтимоии деҳот, тавоноии ҷалби сармоя, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ барои таъмин намудани коргарони қобилияти меҳнатӣ, ки ба талаботи замона ҷавобгӯ мебошанд, дар бар мегирад. Амалӣ гаштани онҳо дар тамоми давраҳои мавсимии сол фаъолияти маҷмуи соҳаҳои комплекси агросаноатии мамлакат шароити муфид муҳайё мешаванд, бояд ҳатман дар меҳвари назари олимон ва мутахассисони соҳа бошанд.

Ба ақидаи мо амалӣ гаштани самтҳои ташаккул ва рушди истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ, хусусан дар кишоварзӣ аз байн бурдан ё

коҳиш додани ҳолати вуҷуддоштаи муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобилияти меҳнат мебошад, ки ҷузъи таркибии он дар бозори меҳнат, нақши хосеро ва имконияти рушди иқтисодиёт бехатарии озуқаворӣ ва ҳаёти орому, осоишта ва иқтисодӣ таъмин мегардад баромад менамояд.

Яке аз шаклҳои он эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ба монанди косибӣ, оҳангарӣ, кулолӣ, гулдӯзӣ, чармгарӣ ва ғайра, ки гузаштагони мо онро иҷро менамуданд, дар тамоми мавзеъҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихан вуҷуд доштанд ва ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасониданд. Қабули барномаҳои мақсадноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019- 2021 «Солҳои рушди деҳот, саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» исботи ин гуфтаҳо мебошанд, ки моро водор месозад, арзишҳои миллии худро ба оламиё муаррифӣ намоем.

Муҳоҷирзан шудан ва ё кор кардан дар бозорҳои самтҳои гуногун (сабзавоту меваҷот, ғалладона, гӯшту шири дигар зироатҳои кишоварзӣ), дар соҳаи маркетинг фаъолият намудан мураккаб мебошад ва чандон осон нест, зеро ин ҳунари баланд, малакаи касбӣ, омӯзиши доимӣ ва санъати хосеро талаб менамояд. Ин аст, ки пайваста Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Зан бояд дар ҷомеа, истеҳсолот ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт мавқеи сазовори худро пайдо кунад»[9].

Бешубҳа, ин категорияи занон муҳоҷиратро намебинанд ва ба сафи бекорон шомил нестанд.

Чуноне ки дар боло қайд намудем, маҷмуи захираҳои меҳнатӣ дар ҳамаи бахшҳои иқтисодии ҷамъият фаъолона иштирок менамоянд. Масалан, аксарияти аҳолии вилояти Суғд, дар қарнҳои гузашта ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ-ғалладонагӣ, аз он ҷумла гандум-мева ва сабзавот машғул буданд, таърихан маҳорати меҳнатӣ, анъана, низоми хоҷагидории аҳолиро, хусусан заминдориро, бо назардошти шароити табиӣ-иқлимӣ маҳорати қувваҳои истеҳсолкунанда амалӣ менамуданд. Дар баробари он дар байни бонувон ва наврасон низ хислатҳои меҳнатдӯстӣ, тартибу интизом, саъю кӯшиш, ҳурмат ва эҳтиром ба калонсолон, истифодаи таҷрибаи онҳо, ба амалҳои неку

самарабахш, ки ҳамчун омилҳои таъминкунандаи устувории истеҳсолот сатҳи хуби зиндагӣ бештар дида мешаванд. Ҳолати мазкур ба сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ, шароити меҳнат ва самаранок истифодаи он дар давоми асрҳо таъсири худро расондааст. Яъне, чунин шуморидан мумкин аст, ки мафҳуми «бозори меҳнат» ҳамчун муайянкунандаи истифодаи самараноки он якбуда, ҷузъҳои ба худ хоси таърихӣ-фарҳангӣ, башардӯстии халқро таҷассум менамояд. Яъне, ташкили оқилонаи бозори меҳнат дар деҳот, хусусан кишоварзӣ на танҳо аз натиҷаи донистан ва вуҷуд доштани ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва қисматҳои он, балки боақлона муайян намудани қазияҳо, монанди амалӣ намудани роҳҳо, намуд ва тарзҳои беҳтарини таъмини афзоиши иқтисодиёти кишвар қисматҳое мебошанд, ки барои амалӣ гаштани бехатарии озуқаворӣ ва худтаъминкунӣ бо назардошти маҳсулоти дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда ба вуҷуд меояд, бояд ҷавогӯ бошад.

Яке аз роҳҳои дар боло зикргардидаи қазияҳо ин шаклҳои хоҷагидории мувофиқ ва захираҳои истеҳсолӣ, хусусан захираҳои меҳнатиро дар асоси ташкили кластерҳои агросаноатӣ пешниҳод менамоем, ки хароҷоти зиёд ва мураккабро талаб намекунад.

Амалӣ гаштани кластерҳои агросаноатӣ қодир ҳастанд, ки худтаъминкунии ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои онро бо озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои вуҷуддоштаи маҳаллӣ, хусусан захираҳои меҳнатӣ-қувваи корӣ таъмин намоянд, ки самти роҳи дигари амалӣ гаштани тадбирҳо соҳаи аграрӣ дар ҷумҳурӣ, ки харидорони берунаро бо навъҳои аълои тухмиҳои зироатҳои киштшаванда, зотҳои чорво, маводҳои истеъмолӣ аз нуқтаи назари экологӣ босифат ва ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ бошанд.

Тавре олимони рус дар асарҳои худ қайд мекунанд: «Сарзамини қадимаи тоҷикон на танҳо маданияти зиёди зироаткориро ба вуҷуд оварда ва инкишоф додааст, балки баъзеи онҳоро, то ба ғояти камолот расонид»[59, С. 13-14].

Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, амудӣ ва иқлимии Тоҷикистон дар минтақахои кӯҳӣ мебошанд. Аҳолии минтақаҳои дигар давлатҳо, ки ба мамлакати мо монананд, аз он ҷумла Чин, Тайланд, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Зеландияи

Нав, Эрон ва дигарон мебошанд, ки роҳҳои аз минтақаи истеъмолкунанда ба истеҳсолкунанда баромадани худро ҷустуҷӯ менамоянд, омӯзем, таҳлил ва хулосабардорӣ намоем, ки дар натиҷа устувории иқтисодиёти ҷамъият таъмин гашта, Тоҷикистон ба қуллаҳои нав дар тақсимоти байналмилалии меҳнат иштирок намояд. Дар асоси хусусиятҳои вуҷуддоштаи гуногунҳудудӣ, анъанаҳои хоси мардумӣ механизми тарҳи рушди бозори меҳнат таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло суханони коргардони маъруф С. Говорухинро дар мавриди интихоби роҳи рушд барои Россия, ки ба Тоҷикистон низ дахл дорад, мисол меорем; «Ғарби имрӯза, ҳарчанд тамаддуни аз рӯйи меъёрҳои ҷамъиятӣ истеъмолкунанда бошад ҳам, вале чандон соҳибмаълумот ва руҳбаланд нест. Бинобар ин, мо набояд ба ҳеҷ ваҷҳ кӯр-кӯрона аз пайи ӯ равем»[37, С. 7-8].

Аз ин бармеояд, ки барои беҳтар намудани иқтисодиёти миллӣ имконият медиҳанд ва метавонанд асоси рушди бозори меҳнат дар маҷмааи иқтисодии мамлакат гарданд, ки дар он истифодаи омилҳои муҳити табиӣ ва муҳити иқтисодӣ - иҷтимоӣ нақши худро дороянд.

Дар асарҳои бисёри олимони аграрии иқтисодӣ, ки дар самти мазкур эҷод менамоянд, шаклҳои гуногуни интегратсия оварда шудаанд. Аз ҷумла, А.В. Ткач чунин кайд намудааст: «Ҳашт намуди интегратсия, ба монанди: молиявӣ, иқтисодӣ, амудӣ, уфуқӣ, «даврагӣ», ташкилӣ, прогрессивӣ, регрессивӣ, вучуд дорад ва ҳар кадоми онҳоро ба таври худ шарҳ додааст»[131, С. 124-125]. Мо онҳоро ҷонибдорӣ менамоем.

Дар самти ташкили агрокластер Олимов А. Х. «низ саҳми арзандае гузоштааст Ӯ дар самтҳои асосҳои назариявӣ ва рушди кластер, қонуниятҳои таъсиси кластерҳои пахтапарварӣ ва идоракунии онҳо таҳқиқоти илмӣ бурда, ба натиҷаи назаррас ноил гардидааст»[47, С. 181-183.].

Дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар вилояти Суғд ҳам мисли дигар давлатҳо интегратсияи агросаноатӣ дар ду самт инкишоф меёбад: якум-ҳамкории истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бо хоҷагиҳо ва ташкилотҳои саноатии ғайрикишоварзӣ дар асоси шартномаҳои муҳлатҳои гуногун ва дигаре

дар шакли сохторҳои гуногуни ташкилие, ки дар асоси шартномаҳои истеҳсолӣ (махсулоти соҳаи кишоварзӣ) муттаҳидшавии сармоя ва меҳнати баъзе субъектҳои соҳибкорӣ ташкил ва амалӣ мегарданд. Фарқ аз кишварҳои бурунмарзӣ дар давлати мо варианти дувуми зикршудаи интегратсияи агросаноатӣ бештар бартарӣ дорад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон комплексҳои агросаноатӣ рушд ёфта истодаанд. Шумора ва шаклҳои гуногуни истеҳсолӣ ва эҷодии онҳо имкон медиҳад, ки онҳо шартан ба гурӯҳҳои якхела муттаҳид гарданд. Аз ин лиҳоз, олимоне, ки бо масъалаҳои интеграстияи агросаноатӣ машғуланд, ғайрат менамоянд, ки тарзҳои онҳоро дар асоси меъёрҳои вуҷуддоштаи гуногун гурӯҳбандӣ кунанд, вале то ҳол ин масъала пурра ва комилан ҳал карда нашудааст ва саволҳои баҳсталаби он вуҷуд доранд.

Ба фикри мо пешниҳоди Ҳ. А. Фомин ва Н.С. Храмсов, ба монанди: «Таснифи шаклхои хамкории агросаноатӣ бо хусусиятҳои фарққунандаи сохторхои интегратсионй аз дигар шаклҳои ҳамкории байнисоҳаҳо (коркарди иктисодӣ ва муносибатҳои шартномавӣ) муайян карда мешаванд, қобили қабул буда, ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд»[141, С. 70-79].

Ислоҳоти аграрӣ бояд ба гузаштан ба соҳаи кишоварзии бисёршакл мувофиқи манфиатҳои иқтисодии мамлакат бо роҳи ташкил намудани минтақаҳои гуногуни агроиқтисодӣ мусоидат намояд, хусусан кооператсия ва якҷоякунии хоҷагиҳои хурд ба бузург табдил ёбанд, ки дар маҷмуъ боиси истифодаи самарбахши захираҳои меҳнатӣ, ки ба сатҳи баланди иқтисодиёт деҳотро амалӣ карда метавонад.

Дар асоси хулосаҳои дар боло овардашуда таъсиси кластери кишоварзӣ соҳаи пахтапарварииро пешниҳод менамоем, ки амалӣ гаштани он самаранокии истифодаи кулли захираҳоро таъмин менамояд ва занҷираи байни истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ва истеъмолкунандаи ниҳоиро пайваст менамояд (расми 3.1 ).

Маълумоти овардашудаи расми 3.1 шаҳодат аз он медиҳанд, ки кластери мазкур ҳамаи самтҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, пахта-коркард, иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, идоракунӣ ва дигар инфрасохторҳои мушаххасро дар бар мегиранд, ки ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо, ҳампайвастии манфиатҳои шахсӣ ва ҷомеа мусоидат менамоянд.

Мақсади таҳлил ва пешниҳоди кластери соҳаи мазкур дар он аст, ки фурӯши нахи пахта ҳамчун ашёи хом самараи дилхоҳро таъмин наменамояд. Самараи хуб ин тайёр кардани маҳсулоти саноатӣ мебошад, ки ҳам фоида ва ҳам шуғлро бо кор таъмин менамояд. Пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Бояд мо аз фурӯши нахи пахта даст кашида, коркарди саноатии онро дар дохили кишвар таъмин намоем ва ба саноатикунонии кишвар ҳалли ҳадафи чоруми стратегӣ кумак намоем, бамаврид мебошад. Ташкилот, корхона ва ҷузъҳои кластери мазкур самтҳои ҳамгироии агросаноатиро дар бар гирифта, сохтори дохилии ҳар яки онҳоро муайян намудааст»[63, С. 8].

Механизм, сохтор, алоқамандӣ ва шаклҳои ҳамгироии кластери агросаноатии соҳаи пахтапарварӣ дар расми 3.2 акси худро ёфтаанд. Сохтор ва шаклҳои ҳамгироӣ, алоқамандӣ ва таснифи кластери агросаноатӣ, ки дар асоси истифодаи пешниҳоди олимон таҳия намудем, ба таври зерин овардаем (расми 3.2)




**Расми 3.1. Кластери пахтапарварӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд**

**Сарчашма:Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои омухташуда*




**Расми 3.2- Шаклҳои ҳамгироии кластери агросаноатӣ ва таснифи онҳо**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [115, С. 15]*

Дар расми 3.2 шаклҳои ҳамгироӣ, алоқамандӣ, таснифи онҳо ба монанди омилҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқии байни якдигар, коркарди маҳсулот ва шартҳои интегратсияи байни шарикон ва ҷузъҳои онҳо возеҳ акси худро ёфтаанд, ки дар маҷмуъ фаъолияти пурсамари кластерро таъмин менамоянд.

Дар кластери пешнниҳодшуда  яке аз масъалаҳои мубрами ҷамъиятӣ ин оқилона ва самаранок истифода бурдани маҷмуи воситаҳои истеҳсолот, қувваҳои истеҳсолӣ амалигашта, дар натиҷа ҳар як бахш, ҷузъи он бо хароҷоти камтарин ба даст овардани самараи дилхоҳ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафи асосии баланд бардоштани сатҳи иқтисодии аҳолӣ, дониш, малака, маърифат, фарҳангии инсон ва ҷамъият амалӣ мегарданд.

Дар асоси омӯзиши равишҳои пешниҳодкардаи муҳаққиқон дар байни шаклҳои вуҷуддоштаи  сохторҳои агросаноатӣ, аз он ҷумла фикру ақидаи худ онҳоро шартан  ба гурӯҳҳои зерин ҷудо ва пешниҳод  намудем:

- Ташкили форматсияҳо, ки шароити худро фақат барои ташкили равандҳои  роҳбарикунанда амалӣ гаштани меҳвари фаъолияти хоси худ бо назардошти шартномаҳои муҳлатан гуногун амалӣ менамоянд. Дар ҳолати мазкур ҳамаи иштирокчиён-тарафҳо аз чиҳати ҳуқуқӣ мустақилияти худро нигоҳ дошта, озодии иқтисодиашон танҳо дар асоси ухдадориҳои шартномавӣ маҳдуд мешавад. Ба онҳо ташкилотҳои шарикӣ ва иттиҳодияҳои одӣ дохил мешаванд;

- Ташкили сохторҳо дар асоси қисман муттаҳидсозии моликият (сармоя), ки воҳидҳои институтсионалии онро шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ташкил медиҳанд. Дар ҳолати мазкур тарафҳои шарикии интеграсияи агросаноатӣ мустақилияти иқтисодии худро нисбат ба ҳамон қисми маблағҳо, ки ба моликияти коллективӣ ворид намудаанд, маҳрум мегарданд;

- Ташкили сохторҳо дар асоси  пурра якҷоя намудани моликият,  амвол (молу мулк, саҳмҳо, саҳмияҳо ва ғайра) амалӣ мегардад. Дар ин сурат ширкатҳо мустақилияти иқтисодию ҳуқуқии худро аз даст дода, ба звеноҳои истеҳсолии аз ҷиҳати технологӣ ё иқтисодӣ алоқаманди низоми ягонаи ташкилию хоҷагӣ табдил меёбанд;

- Ташкили сохторҳо, ташкилотҳо ҳамчун воҳиди ягонаи институтсионалӣ танҳо аз ҳисоби моликият мебошанд. Дар ин ҳолат доираи фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳо ва ё ташкилотҳо аз ҳисоби ба тариқи ҷузъҳои дохилихоҷагӣ ворид кардани як ё якчанд воҳидҳои истехсолии агросаноатӣ

васеъ мешавад. Дар ин маврид асоси интегратсия диверсификатсия (дигаргунсозии) истеҳсолот мебошад: «Чунин форматсияҳоро дар заминаи корхонахои кишоварзӣ, коркарди махсулот ва дигар корхонахо ташкил намудан мумкин аст. Дар оянда барои таъмини рушди истеҳсолот, ҳалли қазияҳои афзоиши бо ҷойи корӣ таъмини  шуғли аҳолӣ ва ба даст овардани маҳсулоти бештари босифат, бо хароҷоти камтарин мусоидат менамоянд, ки дар натиҷа ҳолати иқтисодии молистеҳсоллкунандагон ва аҳолӣ баланд мешавад»[115, С. 15-19].

Хар як шаклҳои номбаршудаи форматсияхои гуногуни агросаноатӣ дар Точикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд рушд менамоянд

Дар меҳвари ин мақсад қувваҳои истеҳсолкунанда нақши хосеро захираҳои меҳнатӣ иҷро менамоянд. Чуноне ки маълум аст, кластери мазкур тамоми сохторҳои истеҳсолӣ, инфрасохтори хизматрасонӣ, таъминотӣ, маркетингӣ, иқтисодӣ, экологӣ, тайёр намудани кадр  ва мутахассисони соҳаҳои мухталиф мавқеи хосро мебозанд.

Мақсади асосии кластер, ки ҳампайвастии фаъолияти соҳаҳои гуногунро амалӣ мегардонад, ба фикри мо, дар захираҳои меҳнатӣ қувваи бузурге буда, истифодаи онҳо гуногуншакланд (расми 3.2.3).

Соҳаи кишоварзӣ асосан, мавсимӣ буда, дар меҳвари талаботи он реҷаи кории дигар инфрасохторҳо ба он нигаронида мешаванд.




**Расми 3.3.-Ҳамкории ташкилотҳои кластер дар самти истифодабарии захираҳои меҳнатӣ**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои ҷамъ овардашуда*

Бунёд ва амали гаштани агрокластерҳои соҳавӣ махсусгардонидашударо чун асоси самараноки истифодаи воситаҳои истеҳсолӣ, хусусан захираҳои меҳнатӣ ташкил медиҳанд.

Барои коҳиш додани таъсири мавсимнокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодабарии оқилонаи қувваи корӣ, дар давраҳои лозима ҷалб намудани онҳо дар ҷузъҳои доираи кластер, ки ба қувваи корӣ талаботи зиёд доранд, чуноне ки Олимов А. Х. қайд менамоянд: «Масалан, дар соҳаи пахтапарварӣ, баъд аз кишти пахта то гирифтани ҳосил, аксар кормандон мувофиқи технологияи истеҳсолӣ муваққатан кор намекунанд, аз ин лиҳоз истифодаи меҳнати онҳоро дар соҳаҳои дигари ташкилотҳои кластер, масалан коркарди пахта зарур мешуморем. Дар натиҷаи чунин тартиби истифодаи қувваи корӣ шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ меафзояд ва ҷалби мавсимнокии захираҳои меҳнатӣ ҳалли худро меёбад» [46, С. 85-90].

Аз ин бармеояд, ки ҳангоми амалӣ гаштани равандҳои технологияҳои истифодашаванда иштироки зиёди иҷрокунандагонро, (коргаронро) талаб менамоянд, ки худи соҳаҳои кишоварзӣ таъмин намудани кофии онҳоро доро нестанд. Дар ин сурат, коргарони сохторҳои дигари низоми мазкур метавонанд ин камбудиро аз тарафи меҳнаткашони худ амалӣ намоянд ва баръакс дар мавсиме, ки равандҳои меҳнатии соҳаи пахтакорӣ хотима ё коҳиш меёбад, коргарони барзиёди онҳо ба сохторҳои дигар, ки талаботашон ба захираҳои меҳнатӣ меафзояд, дохил мешаванд. Дар натиҷа баробарии истифодаи қувваҳои меҳнатиро дар тамоми фасли сол амалӣ менамоянд. Шакли чунин ҳамкорӣ сатҳи шуғли меҳнат бекориро аз байн бурда, ба гирифтани даромади иловагӣ, ки сатҳи иқтисодии коргаронро баланд менамояд.

Бартарии дигари шакли зерини пешниҳодшудаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар он аст, ки дар равандҳои истеҳсоли на танҳо коргарони касбӣ, балки донишҷӯён, мутахассисони соҳаи илм, тайёркунии кадр низ метавонанд ворид гарданд.

Масалан, ҳангоми таҳсил дар ташкилотҳои сатҳи гуногуни тайёр намудани кадр дар (мавсимҳои) ҳолатҳои лозимаи истеҳсолӣ инфрасохторҳои гуногуни

кластер ҷалб карда шуда, озодона иштирок намоянд. Бартарии тарзи мазкури истифодаи қувваи корӣ  боз дар он аст, ки ҳангоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар донишгоҳҳо, мутахассисони равияҳои гуногун мувофиқи нақшаи таълимӣ, гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ пешбинӣ шудааст. Ин равандро донишҷӯёни самтҳои технологӣ, агрономӣ, ҳимояи растанӣ аз зараррасон ва касалиҳо, технологияи муосир, коркарди аввала ва ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, техникӣ (муҳандисӣ, барқ, обёрӣ) иқтисодӣ (муҳосибот, иқтисодчӣ, молияшинос), низоми қарзӣ, менеҷер, маркетологҳо ва ғайра метавонанд дар ташкилотҳои дохили кластер фаъолият менамоянд,  даромади (маош), иловатан низ ба даст оранд. Дар ин сурат, аввалан сатҳи дониши касбии мутахассисони оянда баланд ва дигар ҳавасмандии иқтисодии онҳо амалӣ мегардад ва ниҳоятан барои ташкилотҳои дохили кластер ҷустуҷӯйи  кадрҳои болаёқатро  аз байн мебардорад.

«Дар ниҳоят ташкили кластер мақсади дар пешгузоштаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкили на танҳо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, балки таъмини коркарди ниҳоии он ки самаранокии давлат, иқтисодиёт,  шуғли аҳолӣ, некуаҳволии зисти онҳо, фарҳангӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоии ҳар як фарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд, зарур мебошад»[9].

Таҷрибаи ноҳияҳои Зафаробод, Мастчоҳ, Бобоҷон Ғафуров оид ба истифодабарии оқилонаи захираҳо, аз он ҷумла меҳнати об, ки дар натиҷа ҳалли масъалаҳои худтаъминкунии озуқавории кишвар объективона мутамарказ намудани захираҳои инфрасохторҳои иҷтимоии хизматрасонии маишӣ, таъминотӣ ва ғайраро талаб менамояд, ба фикри мо яке аз роҳҳои ҳалли он бунёди кластерҳо шуда метавонад. Ҳайати сохтор ва кластерҳо ба ваколати Вазорати кишоварзӣ ва идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст.

### 3.3. Танзими давлатии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ

Яке аз сохторҳое, ки таъмини шуғли аҳолӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатиро изофатан амалӣ намуда метавонад ин ташкили хоҷагиҳо, самти саноатӣ, ба монанди коркард, нигоҳдорӣ, хизматрасониҳои шакл ва тарзҳои гуногун, аз ҷумла фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба тариқи тару тоза ва коркардашуда мебошанд.

Идоракунии бозори меҳнат аз тарафи давлат бо тарзҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла идоракунии меъёрӣ–ҳуқуқӣ, ташкилӣ-маъмурӣ ва иҷтимоӣ аз тарафи муҳаққиқон К.Х. Абдурахманов, Ю.Г. Одегов, Г.Г. Руденко чунин баён гаштааст: «Методҳои муосири таҳқиқи бозори меҳнат ҳамон вақт самаранок мегардад, ки натиҷаи он дар намуди фишанги рушди иқтисодӣ зоҳир гардад» [71, С. 175].

«Масъалаҳои марбут ба идоракунии бозори меҳнат аз тарафи давлат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ то кунун ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд, ки ҳолати мазкур барои рушди устувори бозори меҳнат монеа эҷод менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат бо мақсади дарёфти роҳу усулҳои алтернативии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ муҳим ва айни замон мубрам դониста мешавад»[169, С. 16].

Бинобар равиши тараққиёти истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, танзими давлатии онҳо олим Ҷ.М. Кейнс чунин қайд намудааст: «Самтҳои танзими давлатии иқтисодиёт бояд чунин бошанд: а) хароҷоти мустақими буҷет ба афзоиши пардохтҳои иҷтимоӣ, маблағгузорӣ (субсидякунонӣ) барои бунёди ҷойҳои нави корӣ ва ташкили корҳои ҷамъиятӣ сафарбар карда шавад; б) ба роҳ мондани тағйироти сиёсати фискалӣ, яъне аз тариқи паст намудани андозҳо таъмини афзоиши фаъолнокии сармоягузории соҳибкорон, рушди истеҳсолот ва зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ» [106, С. 54].

Бархе аз иқтисодчиён масъалаи мазкурро чунин шарҳ додаанд: «Аз нигоҳи тарафдорони ин равия ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ба ислоҳоти ниҳодӣ, ки ба танзими бозори меҳнат ва таъмини мувозинати он равона гардидааст,

вобаста мебошад. Ба ақидаи намояндагони назарияи нститутсионалистӣ (ниҳодӣ), яке аз субъектҳои муҳимми ниҳод – ин давлат мебошад, ки фаъолияти он ба ҳаёти иқтисодии ҷомеа таъсирнок арзёбӣ мегардад» [137, С. 315]

Аз нигоҳи Ш.Б. Ҷонмамадов «Дар шароити иқтисодӣ гузариш яке аз самтҳои муҳимми идоракунии бозори меҳнат қонунигардонии иқтисоди ғайрирасмӣ ва кам намудани шуғли ғайрирасмӣ мебошад» [168, С.10].

Олими соҳа И.С. Шамсов қайд менамояд: «Имрӯзҳо ба муҳиммияти танзими давлатии бозори меҳнат хатарҳо дида намешаванд. Аммо танзими давлатӣ набояд барои механизми бозории идоракунӣ монеа эҷод намояд, яъне байни механизми давлатӣ ва бозории идоракунии бозори меҳнат бояд тавозуни муносиб бунёд карда шавад. Яке аз унсурҳои муҳимми механизми ҳамкории бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ ин идоракунии ҳамкориҳои мазкур дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва дохилиширкатӣ мебошад.

Бозори меҳнатро дар шароити рақамикунонӣ тавассути идоракунии омилҳои зерин таъмин намудан имконпазир мебошад: заминаҳои номукаммали меъёрӣ-ҳуқуқӣ, музди меҳнати нокифоя, нотавонии бахши хусусии иқтисодиёт дар самти таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои корӣ, рақобатпазирии нисбатан пасти захираҳои меҳнатӣ, мушкилоти муҳоҷират ва ғайра мебошанд» [170, С. 25, 101, 202].

«Тараққиёти инфрасохторҳои дар ҷамъият вуҷуддошта, ки дар минтақа, ноҳия ва мавзеъҳои истеҳсолии ҷойгиршудаи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ҳамчун сарчашмаҳое, ки ташаккул ва мукаммал шудани ҷойҳои корӣ, ки таъмини шуғлнокии захираҳои меҳнатиро дар қисмати иқтисодиёти мамлакат хусусан кишоварзӣ роҳандозӣ намуда метавонанд, ҳисобидан мумкин аст»[15, С. 56-57].

Соҳаи инфрасохтори мазкур доираи васеи гуногуни ташкилотҳо мебошад, ки дар онҳо самтҳои бисёри хидматрасонӣ мавқеи хосеро ишғол кардааст,ки яке аз самтҳои низоми нигаҳдории маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Дар шароити муосир ҳалли мушкилоти нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ то истеҳсол, нархи он, хусусан меваҷот, сабзавот, картошка ва ғайра, ки захираҳои зарурӣ ва ҷойи кори навро таъмин мекунанд, мавқеи хосеро дороянд.

Таъмини раванди нигоҳдории миқдоран ва сифатан баланди маҳсулоти кишоварзӣ низоми мазкур таъмини истифодаи самаранок ва оқилонаи қувваҳои корӣ, ба даст омадани даромад ва фоида аз ҳама муҳимтарин қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти баландсифатро имкон медиҳад. Муҳлати таъмини содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар борai истеҳсолкунандагон ва ҳам истеъмолкунандагон ва бахшҳои молро имкон медиҳад,мунтазам тамоми фасли сол онро амалӣ намоянд ва ҳарду торафт дар раванди меҳнат эътироф кунем, фоида ба даст оранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки бунёди чунин нуқтаҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ бояд дар мавзеъҳои истеҳсолии онҳо ё дохили худи хоҷагиҳо аз нуқтаи назари самараноки ташкилӣ-иқтисодӣ бартариҳои хосеро дороанд ва онҳоро чунин муаррифӣ намудан мумкин аст:

- фароҳам овардани имконияти саривақтии ҷамъоварии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ, гузоштани онҳо дар анборҳои нигоҳдорӣ, ки дар натиҷа, талафотро пешгирӣ намуда, сабаби баланд гаштани нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии онҳо мегарданд;
- комилан бартараф намудан ё кам кардани шиддатнокии мавсимии истифодаи қувваҳои кории кишоварзон, баробарии тақсими меҳнат дар ҳамаи фаслҳои сол таъсиррасонанда;
- молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ маҳсулоти барои нигоҳдории тулониро, ки истифода менамоянд, дар мавсими зимистону баҳор ба таври тару тоза ва сифатан хуб, ки талабот ба он зиёд мегардад ва бо нархи баланд мефурӯшанд, дар натиҷаи ба даст омадани даромад афзуншавии самаранокии ҳам хоҷагӣ ва ҳам марказҳои нигоҳдории маҳсулот амалӣ мегарданд;
- коҳиш ёфтани талафоти маҳсулоти камсифат, партовҳои он, харидории кофиро доро нестанд, дар дохили хоҷагӣ коркард ё ҳамчун хӯрокаи чорво истифода мешаванд;

- дар натиҷаи оқилона ташкил намудани системаи нигаҳдории маҳсулот (дар анборҳои хоҷагӣ) шиддатнокии истифодаи воситаҳои истеҳсолот, хусусан нақлиёти боркаш дар мавсими ғунучини ҳосил паст мегардад.

«Таҷриба исбот менамояд, ки беҳтар шудани сифати маҳсулот, коҳишёбии талафоти он, дар асоси риоя ва нигоҳдории меъёрҳо, талаботҳои стандарти шароит ва чорабиниҳои самти техникӣ –технологӣ, назоратӣ, ташкили истеҳсолот, аз аввал то ниҳоии он (аз сари замин то истеъмолкунандаи ниҳоӣ) мувофиқи тавсияҳои олимон талафотро то15-30% кам менамояд» [116, С. 324-326]

Аз ин лиҳоз, коҳиш ёфтани талафоти маҳсулот аст, ки аз сабабҳои бисёре амалӣ мегардад ва онҳоро шартан ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: якум - талафоте, ки дар ҷараёни равандҳои корӣ риоя накардани тадбирҳои агротехнологӣ ва ташкили истеҳсолот амалӣ мешаванд ва дуюм-талафоти пас аз зинаи истеҳсолот ба амаломада. Ба фикри мо, маҳз дар кам кардани талафоти дуюм ё тамоман барҳам додани он аҳаммият ва таъсири нигаҳдории маҳсулот хеле калон аст (расми 3.3.1).

Чуноне ки мушоҳида мешавад амалӣ намудани раванди нигоҳдории маҳсулоти соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ аввалан аз дуруст интихоб намудани тарзҳои нигоҳдории онҳо сарчашма мегирад, аз ин лиҳоз ба он аҳаммияти ҷиддӣ дода, он аз давраи парвариш, ҷамъоварӣ, коркарди молӣ ва кашонидани маҳсулоти истеҳсолшаванда гузошта мешавад, ба сифати меваҷот, аз ҷумла, ба натиҷаи ниҳоии истеҳсоли фаъолияти хоҷагӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз нуқтаи назари илм ва таҷрибаи пешқадам, аз рӯйи муҳлати нигоҳдории маҳсулот ду усул истифода бурда мешавад- мувақатӣ ва мавсимӣ;

Усули якум, танҳо барои нигоҳдории мувақатии сабзавот истифода бурда мешавад.

Усули дуюм- анборҳои доимӣ (иншооти доимӣ – (капиталӣ ) табиӣ-сардшаванда, маҷбурӣ-сардшаванда, яхдонҳо), ки хароҷоти капиталӣ ва маблағгузориҳои мушаххасро талаб менамоянд ва он барои амалӣ гаштани ҳамаи маҳсулоти кишоварзӣ тавсия мешавад, ки он усули нисбатан муосир ва пешрафта ба ҳисоб меравад.




**Расми 3.4.-Модели танзими давлатии ташкили нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма: Дар асоси маводҳои дар гардиши илмӣ қарор дошта, таҳия гардидааст.*

Вобаста аз ғунҷоиши сардхонаҳо, хусусиятҳои тарҳрезии онҳо, низом, муҳлат ва меъёри амалӣ гаштани равандҳои технологӣ талаботи хоси худро дороянд. Ба омилҳои технологӣ – муҳлати амиқи нигоҳдорӣ, реҷаи он ва ҳудудҳои мусоид, ки талафотро коҳиш медиҳанд, баромад менамоянд.

Маълумоти мазкур аз лоиҳаҳои таҳррезигашта, тавсияҳо, меъёрҳои ҷойдоштаи иншоотҳои вуҷуддоштаи самти мазкур дастрас мегардад.

Ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ хароҷоти капиталии ба иншоот сарфшуда ва хароҷот мавриди истифодабарии иншоот пайдошуда дохил мешаванд.

Вобаста аз муҳлати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ онҳоро ба тарзи кӯтоҳмуддат то 1 моҳ ва дарозмуддат то 7 – 8 моҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Аҳаммияти нигоҳдории маҳсулот гуногун буда, муҳимтарин ҷабҳаҳои он - такмил додани технологияи нигоҳдорӣ ва истифода бурдани сардии сунъӣ, ки дар асоси он муҳлати нигоҳдории ҳамаи намуди маҳсулоти кишоварзиро хеле зиёд кардан мумкин аст. Масалан, муҳлати нигоҳдории сабзавоту мева дар анборҳои (яхдонҳои) махсуси хунуккунанда, назар ба табиӣ 6 ё 8 маротиба дароз мегардад; дар натиҷа муҳлати нигоҳдории истеъмолии маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми сол бештар ва аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии он зиёд мегардад.

Барои амалӣ намудани онҳо зарурияти инкишоф додани пойгоҳи моддӣ-техникии системаи нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ чун тадбирҳои ниҳоят муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоиро амалӣ намудан лозим аст, ки ба самаранокии соҳаи кишоварзӣ таъсири худро мерасонад.

Пойгоҳҳои моддӣ-техникии системаи нигоҳдорӣ аз анборҳо, яхдонҳо, долонҳо, майдончаҳо, таҷҳизот, иншоот, техника ва мошинҳои махсуси (ба навъҳо ҷудокунанда, боркунӣ ва борфарорӣ, автокарҳо, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти ченкунӣ, боркашӣ ва ғайраҳо) аз нигоҳдории он ташаккул меёбанд, иборатанд.

Баробари инкишоф додани пойгоҳҳои моддӣ-техникии системаи нигоҳдории маҳсулот, истифодаи комёбиҳои илму техника ва технологияи нав низ муҳим аст. Масалан, ҳангоми дар муҳити газӣ нигоҳ доштани меваю

сабзавот дар яхдонҳо муҳлати нигоҳдории онҳо бештар гашта (ҳатто тайи як сол), сифати маҳсулоти мазкур хуб нигоҳ дошта мешавад.

Агар чанд сол қабл анбор ва нуқтаҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзиро бештар ба ҷойи истеъмол (шаҳрҳо) наздик месохтанд, ҳоло баръакси онҳоро, дар назди истеҳсоли онҳо(хоҷагиҳо) амалӣ менамоянд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин дуруст аст, чунки дар деҳот захираҳои неруҳои корӣ барои инкишоф ва равнақи анборҳои нигоҳдорӣ вуҷуд дорад, ки таҷрибаи як қатор хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ, ба мисли хоҷагиҳои ангурпарварони номӣ- Ҳоҷӣ Камол ва Ҳоҷӣ Неъмат далел шуда метавонанд. Сухан, албатта, на дар бораи пурра нигоҳ доштани кулли маҳсулоти кишоварзӣ меравад, балки бархе аз онҳое, ки барои нигоҳдорӣ шароити хуб муҳайё сохта, талаботи доимиро дороянд. Дар ин хоҷагиҳо тавсияҳои олимони соҳаи агро–технологӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, биологӣ ва физиологҳо, аз ҷумла Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон тавсия ва истифода мегарданд.

Таҷрибаҳои истеҳсолӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми нигоҳ доштани картошка бо таври ғарам (бурт) бо шамолдиҳии бошиддат микдори он назар ба анборҳое, ки шамолдиҳии одиро истифода мебаранд, дар якхела будани ҳолати ғунҷоиши онҳо самаранокиашон се маротиба зиёд аст.

«Дар охири муҳлати нигоҳдорӣ дар анборҳое, ки шамолдиҳии бошиддатро истифода мебаранд, баландии қабати картошкаи нигоҳдошташаванда 2,5 – 3 метр, вазни қиёсии лӯндаи пӯсидаҳо 3-4 % ва аз ҳисоби касалшудагон 13 %, дар ҳолати нигоҳдории картошка бо усули шамолдиҳии одӣ, ки қабати он 1,5 метрро ташкил медиҳад, мутаносибан 11,3 % ва 27,4 % баробар аст. Ба ғайр аз он, анборҳои типи шамолдиҳии шиддатнок «дидан, ҷудо намудан, неш задан» аз байн рафта, муҳлати нигоҳдории картошка то 1,5 маротиба дароз гашта, хароҷоти меҳнат ба 1 тоннаи он 1,5 маротиба ва хароҷоти моддию пулӣ 1,7 маротиба кам мегардад»[128, С. 426].

Нишондиҳандаҳои беҳтаринро ҳангоми нигоҳ доштани картошка ва дигар маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотиро шакли нигоҳдории контейнерӣ таъмин менамояд, ки дар натиҷа дида баромадан, ҷудо кардан, аз як ҷо ба ҷойи дигар

гузаронидан аз байн рафта, захмӣ шудани лӯндаҳо, пӯсиш ва неш заданашон аз байн меравад. Ба ғайр аз он, контейнерҳоро якчанд қабат боло ба боло гузоштан мумкин аст, ки ғунҷоиши анборҳо зиёд шуда, истифодаи мошин, ки механикунии равандҳои кашонидан, боркунӣ ва борфарориро амалӣ месозад, имконпазир мегардад.

Самарнокии ниҳоии нигоҳдории сабзавот, меваҷот, картошка ва дигар маҳсулоти кишоварзиро бо таври зерин муайян кардан мумкин аст (ба ҳисоби як воҳиди маҳсулоти нигоҳдошташаванда):

1. Коҳиши партовҳо дар муҳлати нигоҳдорӣ, кг, ё %;
2. Миқдори фурӯши маҳсулот баъди нигоҳдорӣ, кг;
3.Нархи фурӯши маҳсулот то ва баъди нигоҳдории он, сомонӣ;
4. Даромад аз фурӯши маҳсулот то ва баъди нигоҳдорӣ, сомонӣ;
5. Арзиши аслии истеҳсолӣ ва ниҳоии маҳсулот, то нигоҳдорӣ, сомонӣ;
6. Хароҷот ҳангоми нигоҳдорӣ (аз ҷумла, бо намудҳояш, музди меҳнат ва ғайра), сомонӣ;
7. Арзиши аслии маҳулот баъди нигоҳдорӣ, сомонӣ;
8. Фоида (зарар) аз фурӯш то ва баъди нигоҳдорӣ, сомонӣ;
9. Ҳаҷми фоидаи изофа аз ҳисоби нигоҳдории маҳсулот, сомонӣ/тонна;
10.Дараҷаи даромаднокии маҳсулот то ва баъди нигоҳдорӣ, %;
11. Хароҷоти капиталии анбор ва таҷҳизоти он, сомонӣ;
12. Муҳлати бозгашти хароҷоти капиталӣ, аз ҳисоби фоидаи изофа, сол.

Тавре ки нишондиҳандаҳо исбот менамоянд, ҳар яки онҳо мавқеъ, хусусият, ҷолибияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, технологиро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар мавриди лозима ҳамчун омили мушаххаси таъсиркунанда ё муайянкунанда, ки дар маҷмуъ меҳнат таҷассум мегардад, баромад намуда метавонад.

Бо нишондиҳандаҳои зерин самаранокии нигоҳдории ҳамаи маҳсулоти кишоварзиро, вобаста аз шакл ё системаи қабулшуда муайян намудан мумкин аст, ки ҳавасмандии ҳар як соҳибкорро барои амалӣ намудани нигоҳдорӣ асоснок карда метавонад.

Истифодаи самараноки захираҳои меҳнатии соҳаи кишоварзӣ ва рушди он ташкил ва бунёди хоҷагиҳои коркарди маҳсулоти саноатии он мебошад. Аз як тараф, кам шудани талафоти маҳсулоти тезвайроншавандаи кишоварзӣ, таъмини ҷойҳои нави корӣ амалӣ гардад, аз тарафи дигар ба ҳадафи чоруми стратегии давлат-саноатикунии он таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Солҳои охир истеҳсоли ҳамаи маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан меваҷот афзоиш ёфтааст, аммо чуноне ки таҷрибаи як қатор молистеҳсолкунандагон нишон медиҳанд, онҳо сифатан паст мебошанд, ки ташкили коркарди саривақтӣ ва истифодаи онҳо ҳамчун ашёи хом ба даст овардани маҳсулоти тайёри дорои сифатан баландро амалӣ карда метавонанд то даромади изофа ба даст меояд.

Натиҷаи инкишоф ёфтани робитаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон аз нав таҷҳиизонидани корхонаҳои куҳан ва сохтани корхонаҳои хурду миёнаи нав бо техникаҳои ҳозиразамон барои тараққиёти самти мазкур шароитҳои мусоид фароҳам овардааст.

Ташкили корхонаҳои хурд чунон амалӣ мегарданд, ки онҳо бо корхонаҳои бузурги самти мазкури вуҷуд дошта дар бозор рақобатпазир бошанд ва ҳамкорӣ намоянд. Барои нигоҳ доштани шарти мазкур молистеҳсолкунандагони хурд номгӯйи молҳо ё маҳсулотеро истеҳсол менамоянд, ки корхонаҳои бузург бо он машғул намешаванд, чунки аз сабаби кам будани онҳо (ашёи хом) манфиати хуб ба даст намеоранд. Афзалияти корхонаҳои хурд дар он аст, ки онҳо бо осонӣ номгӯй ва миқдори маҳсулоти истеҳсолии хешро тағйир дода метавонанд, таҷҳизонидани техникии онҳо на чандон гаронанд, аз захираҳои меҳнатӣ таъминанд ва маҳсулоти алоҳидаи мушаххасро истеҳсол намуда метавонанд, вале ба он маҳсулоте, ки онҳо дар корхонаҳои калони махсусгардонидашуда истеҳсол мешаванд, рақобатпазир нестанд.

Тавре ки дар боло қайд намудем, самаранокии ташкили коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун ҷалбкунандаи захираҳои меҳнатӣ баромад менамояд бояд самаранокии худро доро бошанд, ки бо назардошти нишондиҳандаҳои муайяни иқтисодӣ, сифатӣ ва миқдорӣ ҳисоб менамоянд:

I Сифатӣ дар асоси маҷмуи захираҳо, ки ниҳоятан бо  арз чен карда мешаванд, ба монанди; даромад, ҳамагӣ харҷ, нарх арзиши аслии маҳсулот, фоида, сатҳи даромаднокӣ, ки истифодаи захираҳои истеҳсолиро маҷмуан ё дар алоҳидагӣ, аз он ҷумла-ба як коргар одам- соат, як гектар майдон,  фондҳо, воситаҳои гардон ва ғайра ташкил медиҳанд;

II. Ба нишондиҳандаҳои микдорӣ захираҳои истифодашуда инъикос мегарданд, ҳамагӣ замин, коргар, фондҳо, воситаҳои гардон, маблағ, саршумор ва ғайра. Дар маҷмуъ самаранокии ташкилӣ- иқтисодӣ, соҳибкорӣ дар онҳо акси ниҳоии худро мегузоранд.

Ташкили коркарди ашёи хоми маҳсулоти кишоварзӣ  дар минтақаҳои истеҳсолшаванда имкон медиҳад, ки  он коҳиш додани талафот, ҳангоми ғунучин, ҳосил, интиқол ва бору баст намудани он гардад. Аз ин лиҳоз, ташкили сохтмони корхонаҳои коркард дар хоҷагиҳо ва байнихоҷагиҳо  ба мақсад мувофиқ мебошад. Мақсади ташкили коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳо на танҳо гирифтани фақат як фоида аз фурӯши маҳсулоти коркардшуда маҳдуд мегардад, балки илова бар ин хоҷагиҳо партовҳои гуногуни истеҳсолиро ҳамчун хӯрокаи чорво метавонанд истифода баранд.

Таъмини баланди сифати маҳсулот, зироат, коҳиш ё қатъ намудани талафот дар равандҳои истеҳсолӣ, аз аввал то гирифтани маҳсулот, коркард, амалӣ гаштани нигоҳдорӣ, коркард ва ниҳоятан фурӯши он нақши хосеро мебозанд, хусусан оқилона ҷойгир намудан, ё нуқтаҳои коркарди маҳсулот дар ҳудуди хоҷагӣ ё наздикии онҳо бо молистеҳсолкунандагони ашёи хом, комилан амалӣ гаштани технологияҳои саноатӣ- хусусан, бепартов, таъмин ва омода намудани ҳолатҳои  хуби интиқол ва нигоҳдории маҳсулот кафолати гирифтани самараи бештарро таъмин менамояд.

Иҷрои тавсияҳои мазкур, таъмин ва таҷҳизонидани маҷмуи ташкилот ва хоҷагиҳои кишоварзӣ ва саноатӣ бо техникаи ҳозиразамони самарабахши рушди сармоягузории давлатӣ барои бунёд ва ташкили

ҷузъҳо, анборҳо, яхдонҳо ва корхонаҳои коркард, ки пешгирӣ, талафот ва баланд гаштани сифати маҳсулотро амалӣ намуда метавонанд, ёрии бевоситаи давлат лозим аст.

Маълум мегардад, ки самаранокии истифодаи захираҳо, меҳнат дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсон таъсир мерасонад, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, кашонидан ва фурӯш дар меҳвари мазкур фаъолияти маҷмуи ташкилотҳо, хоҷагиҳо, дигар ҷузъи ҷамъиятӣ бо восита ва тарзҳои гуногуни иштирок нақши хоси ниҳоии иқтисодии худро мегузоранд. Барои таъмин ва амалӣ намудани истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, нақшаи ташкили истеҳсоли инфрасохтори зеринро дар асоси ҳампайвастии манфиати шарикии давлат ва бахшҳои хусусӣ пешниҳод менамоем:

1. Ташкили коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

2. Омодасозии техника, таҷҳизоти лозима;

3. Сохтори ташкилии истеҳсолӣ ва ҷараёнҳои асосии он;

4. Ташкили хизматрасонии техникӣ;

5. Ташкили зерсохторҳои функсионалии фаъолияти корхона;

6. Идоракунии истеҳсолот.

1.Ташкили коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз хусусияти соҳа, дараҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ҷойгиршавӣ, намуди маҳсулот вобаста мебошад;

2. Низоми омодасозии техника, таҷҳизоти лозима вобаста аз вазифаи ба душ доштаи онҳо-ташкил ва омодасозии технологӣ, интихоби таҷҳизоти лозима ва тарҳкашии он ба ҷо оварда мешавад. Самти асосии он бо дарназардошти тараққиёти минбаъдаи истеҳсолӣ, дараҷаи лозимаи сифати маҳсулот аст, яъне истеҳсоли маҳсулоти босифат ва самаранок таъсир мерасонад, иборат аст;

3. Низоми сеюми он-ташкили самараноки истеҳсолот ва равандҳои асосии он, ба ду зерсистема тақсим шудаанд, иборат аст, ки он масъалаҳое ҳалли худро меёбанд, дар асоси ташкили оқилонаи сохтори истеҳсолӣ дар дохили корхона (ҳайат ва намуди ҷузъҳо), сатҳи кооператсия (ҳамкорӣ) ва махсусгардонии дохилӣ ва берунаи он алоқамананд;

Зерсистемаи дигари он - ташкили равандҳои истеҳсолие, ки бевосита ба тарзи кори ҷузъҳо, сехҳои истеҳсолӣ ва таъминотӣ бе фосилаи амалӣ гаштани рафти онҳо ва ташкили фаъолияти коллективҳои меҳнатӣ алоқамананд, ҳалли худро меёбанд;

4. Низоми хизматрасонии техникӣ бисёрҷабҳа буда, 9 намуди асосии хизматрасонии техникиро дар бар мегирад ва онро мутахассисони худӣ амалӣ менамоянд. Ба монанди: хизматрасонии нақлиёт, таъмир ва барқарорнамоии нигоҳдорӣ, тармими омили бино, таҷҳизот, асбобу анҷом ва хатҳои барқӣ, назорати техникии равандҳои истеҳсолӣ, таъминот бо сӯзишворӣ ва ғайра;

5. Низоми панҷум-ташкили истеҳсолот, аз равандҳои мушаххас (функсионалӣ)-и амалӣ гаштани фаъолияти корхонаро таъмин менамоянд, дар навбати худ ҳамчун зерсистема баромад намуда, равишҳои зеринро дар бар мегирад:

- банақшагирии техникӣ-иқтисодӣ;
- банақшагирии ҷорӣ, фаврӣ;
- таъминоти моддӣ –техникӣ;
- ҳисоб ва ҳисоботи муҳосибӣ;
- фаъолияти молиявӣ;
- фурӯши маҳсулот ва маркетинг;
- такмил, таъмин ва баланд бардоштани савияи дониши кадрҳо, мутахассисон ва коргарон;
- масъалаҳои ҳуқуқӣ.

6. Системаи ниҳоии он идоракунӣ шомил аст, ки дар навбати худ аз махсусгардонии шакли ташкилӣ иборат буда, метавонад шаклҳои ба худ хосро гирад, фармонфармоӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ.

Мафҳум ва моҳияти ҳар як самти фаъолияти низоми тавсияшударо дар алоҳидагӣ дида мебароем: (расми 3.5).




**Расми 3.5.-Ҳамкории давлат ва бахши хусуси оид ба ташкили коркард, инфрасохтори нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ**
**Сарчашма: Дар асоси маводҳои омӯхта шуда таҳия гардидааст.*

Чуноне ки дар расми 3.5 оварда шудааст, фурӯш, маркетинг, ва иқтисодӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд.

«Фурӯш чун ҷузъи инфрасохтори савдо баромад намуда, дар фаъолияти давраи хотимавии хоҷагиҳои кишоварзӣ истеҳсол-истеъмолро дар бар мегирад. Амалӣ гаштани (дархост) талабот, пешниҳод (тақсимотро) ва таносуби онро дар мисоли маҳсулоти ниҳоии комлпекси агросаноатӣ вобаста аз тағйирёбии бозор натиҷабардорӣ менамояд»[74, С. 198- 207].

Тарзи дигари таъмини истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ самти маркетинги буда ташкили фурӯши маҳсулотро дар бар мегиранд. Дар хоҷагиҳо, ширкатҳои вилояти Суғд онҳо ҳампайвастии бевосита бо якчоягии ҳамкории истеҳсолот-коркард, саноат ва савдо амалӣ мегардад, яке аз онҳо «Тоҷикматлубот» мебошад.

Шакли матлубот, ки дар мамлакат вуҷуд дорад, кооперативҳои «Тоҷикматлубот» мебошанд, бо ташкилотҳои гуногуни мағозаҳои хизматрасонӣ, фурӯши коркард, маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ, ташкилотҳои молиявӣ, қарзӣ ҳамкорӣ менамоянд. Равандҳои фаъолияти ташкилотҳо ва корхонаҳои филиали «Тоҷикматлубот» дар ноҳияҳои вилояти Суғд дар арсаи муносибатҳои савдоии комплекси агросаноатӣ хеле гуногун ва бисёрҷабҳаанд.

Дар раванди бурда расонидани мол аз истеҳсолот то ба истеъмолот савдои яклухт ва чакана мавқеи хосро ишғол мекунанд. Онҳо барои сарфа намудани хароҷоти муомилот ва ташкили самараноки истеҳсол ва истифодабарии мол нақши асосиро мебозанд.

Соҳаи савдои яклухт ва чакана аз бисёр ташкилотҳо иборат буда, ки онҳо бо ҷойивазкунии молҳо дар раванди аз ҷойи истеҳсол ба ҷойи истеъмол бурда расонидани онҳо машғул мешаванд. Савдои чакана ин ҳама гуна фаъолият оид ба фурӯши молҳо ва хизматҳо ба истеъмолгарони охирин барои истифодаи ғайритиҷоратии шахсӣ мебошад ва шаклҳои гуногунро дар бар мегирад.

Барои самаранок амалӣ гаштани раванди фурӯш, ки ҳам фурӯшанда ва ҳам занҷираи миёна равона ва харидор ҳампайвастии манфиатҳи худро соҳиб гарданд, бояд шаш талабот ба мисоли интихоби принсипҳои асосии кории савдо ва сохтори ташкилии он, ҳаҷм ва системаи музди меҳнати кормандони савдо; ҷалб ва интихоб намудани агентҳои савдо; омӯзонидани онҳо; назорат аз болои кори онҳо; санҷиши самаранокии кори онҳо, ки ба натиҷаи дилхоҳ меоранд, зарур аст, риоя гарданд.

Яъне, дар он ҷое ки захираҳо, аз он ҷумла меҳнат мавриди истифода қарор мегирад, дар чорчӯбаи қонунҳои конситутсия бояд амалӣ гардад.

